**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШ**

**ВБД:003.23+655.53 (575.1) (09)**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**АЗИЗХОНОВА РУХШОНА ГУЛБОЗХОНОВНА**

# ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ЗАВОДИ СЕМЕНТИ ДУШАНБЕ (1942- 2021)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301- Таърихи ватанӣ)**

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои таърих**
**Абдурашитов Ф. М.**

**ДУШАНБЕ – 2025**

# МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРҲО**.......................................................................3

**МУҚАДДИМА** ...................................................................................4

**БОБИ I. ФАЪОЛИЯТИ ЗАВОДИ СЕМЕНТБАРОРӢ ДАР ДАВРОНИ ШУРАВӢ (1940- 1990)** .....................................................................22

1.1. Заминаҳои таърихӣ ва табиии ба вуҷуд омадани корхонаи семент дар шаҳри Душанбе .........................................................................22

1.2. Рушди истеҳсоли семент дар давраи баъдиҷангӣ ва аҳаммияти он дар пешрафти соҳаи сохтмон ва саноат..............................................38

1.3. Омода намудани кадрҳо.......................................................... 70

**БОБИ II. АЗНАВСОЗИИ ИСТЕҲСОЛОТ ДАР ЗАВОДИ СЕМЕНТБАРОРӢ ДАР ШАРОИТИ НАВИ ИҚТИСОДӢ (ОХИРИ АСРИ XX- АВВАЛИ АСРИ XXI).** ........................................................ **102**

2.1. Фаъолияти корхонаи семент дар шароити нави иқтисодӣ.........102

2.2. Нақши заводи сементбарорӣ дар таъмини корхонаҳо ва иншоотҳои азими Тоҷикистон......................................................................131

2.3. Дигаргуниҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ дар ҳаёти коргарони корхонаи истеҳсоли сементи шаҳри Душанбе............................................... 138

**ХУЛОСА** ............................................................................................ **151**

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**.........................................**156**

**НОМГӮЙИ АДАБИЁТ**.......................................................................... **157**

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРҲО

КМ – Кумитаи Марказӣ

КИМ – Кумитаи Иҷроияи Марказӣ

ШКХ – Шурои Комиссарони Халқӣ

КМ ҲК(б) Тоҷикистон – Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии (Ҳизби болшевикон) Тоҷикистон

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравӣ Сотсиалистӣ

ҶХШБ – Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро

ҶХШХ – Ҷумҳурии Халқии Шуравии Хоразм

ҶШФСР (РСФСР) – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Русия

ҶМШС Тоҷикистон – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

ҶШС Тоҷикистон – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

КМ ҲК (б)-и Ӯзбекистон – Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии (Ҳизби болшевикон) Ӯзбекистон

КМ ВКП(б) (ҲКУ(б)) – Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Умумииттифоқии болшевикон

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

ҲКИШ (КПСС) – Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ

ФР – Федератсияи Русия

Ревком – Кумитаи инқилобӣ

МУШИК (ВЦСПС) – Маркази Умумиитифоқии Шурои Иттифоқҳои Касаба

ШММ – Шурои меҳнат ва мудофиа –СТО (Совет труда и обороны)

ШКХ – Шурои Комиссарони Халқ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Саноат соҳаи калидии ҳар як кишвар дар замони муосир мебошад. Истеҳсолоти саноатӣ пешбарандаи иқтисоди миллӣ, таъминкунандаи шуғли аҳолӣ, сарчашмаи даромади буҷети давлатӣ ва дар маҷмуъ, омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мебошад. Вобаста ба нақши саноат санаи 14-уми октябри соли 2020 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаи саноати кишвар чунин иброз доштанд: «Дар шароити имрӯзаи пешрафти иқтисодӣ соҳаи саноат яке аз соҳаҳои муҳимми иқтисоди миллӣ маҳсуб ёфта, таъмин намудани рушди он яке аз вазифаҳои афзалиятнок ба шумор меравад» [117]. Воқеан, саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон – роҳи асосии таъмини рушди устувор мебошад. Зеро Тоҷикистон аз лиҳози захираҳои табиӣ, шароити ҷуғрофӣ ва заминаҳои дигари иқтисодӣ дорои шароит ва имкониятҳои зарурӣ буда, метавонад дар як давраи кӯтоҳи таърихӣ ба яке аз кишварҳои саноатии пешрафтаи минтақа табдил ёбад.

Маҳз бо истифода аз имкониятҳои табиӣ ва афзудани талабот ба масолеҳи бинокорӣ аҳаммияти бунёди корхонаҳои истеҳсоли семент дар ҶШС Тоҷикистон ҳанӯз дар солҳои сиюми асри гузашта татбиқ гардида, омили рушд намудани саноати мазкур дар ҳаёти мамлакат мегардад.

Дар Тоҷикистони пеш аз инқилобӣ саноати семент вуҷуд надошт. Он ҳамчун соҳаи калони махсус дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ ба вуҷуд омад. Шурои Комиссарони Халқи Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ дар қарори худ аз 1-уми апрели соли 1935 дар шаҳри Душанбе сохтани заводи сементро пешбинӣ кард. Вале то Ҷанги Бузурги Ватанӣ он сохта нашуд. Ҷумҳурӣ сементро аз минтақаҳои дигари мамлакат мегирифт.

Бо кӯшишҳои роҳбарияти ҶШС Тоҷикистон ва дастгириҳои Ҳукумати Шуравӣ 6-уми декабри соли 1942 дар шаҳри Душанбе заводи

семент ба кор даромад. Дар як давраи ҳассоси таърихӣ, яъне солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ниҳоят корхонаи истеҳсоли семент ба истифода дода мешавад. Соли 1945 нахустин заводи сементбарории Тоҷикистон бо иқтидори пуррааш ба кор даромад, ки дар ҳаёти ҷумҳурӣ тамоман як дастоварди ғайриинтизор маҳсуб меёфт.

Минбаъд бо сипарӣ гардидани солҳои душвори ҷанг корхона ба маҷрои пурраи рушди худ ворид гардида, дар як давраи кӯтоҳи таърихӣ ба яке аз корхонаҳои азими саноатии мамлакат табдил ёфт. Дар тараққии босуръати саноати сементи Тоҷикистон Қарори Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Иттифоқи Шуравӣ ва Шурои Вазирони ИҶШС «Оид ба тадбирҳои минбаъд таъмин намудани тараққии саноати семент ва беҳтаргардонии кори он» аз 27–уми апрели 1957 аҳаммияти калон дошт. Мувофиқи ин қарор Заводи сементи Душанбе аз нав муҷаҳҳаз ва васеътар карда шуд. Соли 1960 дар ин завод хати сеюми технологӣ ба кор даромад. Сентябри соли 1960 навбати якуми заводи нави сементи Душанбе ба кор даромада, соли 1962 дар заводи нави Душанбе хати дуюм ва дар заводи якуми сементи Душанбе хати нави технологӣ ба истифода дода шуд.

Дар давраи фаъолияти худ корхона дар ташаккулёбии синфи коргар дар Тоҷикистон, ба ҷойи кори доимӣ таъмин гардидани ҳазорон нафар шаҳрвандон, беҳтар гардидани сатҳи иҷтимоии ҷомеа, рушди иқтисодиёти мамлакат ва таъмини иншооти муҳим ва хусусияти стратегидошта бо масолеҳи сохтмонӣ, пеш аз ҳама, семент нақши босазо гузоштааст.

Корхонаи мазкур ду давраи сифатан нави фаъолият, давраи Иттиҳоди Шуравӣ ва замони истиқлолро аз сар гузаронидааст. Дар давраи якум корхона дар як шароити сангин, яъне солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бунёд гардида, нoвобаста аз норасоии қувваи корӣ, нарасидани мутахассисон, хусусан кадрҳои маҳаллӣ, хуб набудани шароити меҳнатию маишии коргарон, ба воситаи қувваи даст иҷро гардидани

баъзе аз равандҳои истеҳсолот ва монанди он оҳиста- оҳиста аз вазъият баромада, аллакай дар ибтидои солҳои шастум бо сохта ба истифода додани хатҳои нави истеҳсолот, оташдонҳои даврзанандаи азим ва ба воситаи технологияи муосир ба роҳ мондани раванди истеҳсолот онро ба яке аз коргоҳҳои азими саноатӣ табдил медиҳад. Аллакай дар ибтидои солҳои ҳаштодум корхона ба авҷи тараққиёти худ расида, нақши он дар инкишофи иқтисодиёти мамлакат ва сатҳи иҷтимоии ҷомеа беш аз ҳама назаррас арзёбӣ мегардид. Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли семент дар як сол беш аз як миллион тоннаро ташкил медод, ки ин нишондиҳанда дастоварди беназир дар таърихи саноати кишвар маҳсуб меёфт. Дар баробари рушди истеҳсоли семент ва масолеҳи дигари сохтмонӣ дар солҳои охири мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ ҶШС Тоҷикистон ба яке аз ҷумҳуриҳои саноатӣ – аграрӣ табдил ёфта буд. Дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ҳиссаи маҳсулоти саноатӣ нисбат ба маҳсулоти кишоварзӣ зиёд буд.

Аҳаммияти илмӣ-таърихии масъалаи мазкур аз он иборат аст, ки бо рушди устувори саноати семент дар ҷумҳурӣ дар замони Иттиҳоди Шуравӣ иншооти азим - НБО-ҳои Норак, Сарбанд, Бойғозӣ, Қайроқум, Роғун, Сангтӯда, Заводи алюминии тоҷик ва даҳҳо заводу фабрика, инфрасохтори манзилӣ-маъмурӣ бунёд гардиданд, ки онҳо дар рушди саноатикунонӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ нақши калон доранд.

Давраи дуюми фаъолияти завод, чун солҳои ифтитоҳёбии он, давраи ҳассос ба ҳисоб меравад. Аз оқибатҳои харобиовари ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 1992-1997, ки Тоҷикистони тозатаъсисро ба вартаи парокандагию нобудӣ таҳрик менамуд, корхонаи мазкур низ дар канор намонда, чун соҳаҳои дигари хоҷагии мамлакат ба вазъияти мураккаб мувоҷеҳ мегардад. Баромада рафтани мутахассисони соҳа аз ҷумҳурӣ, қатъ гардидани робитаи корхона бо хориҷи мамлакат, ғорат гардидани техникаву лавозимоти корхона ва ғайраҳо корхонаро ба ҳолати карахтӣ

оварда мерасонад. Бо барқарор гардидани ҳокимияти конститутсионӣ таваҷҷуҳи ҷиддии роҳбарияти олии мамлакат ба корхона равона мегардад ва дар як муддати кӯтоҳ хисороти расида бартараф ва он дубора ба маҷрои рушди худ ворид мегардад. Имрӯз тамоми иншооти муҳимми давлатӣ ва хусусияти стратегидошта ба мисоли НБО-и Роғун, ки дар ҷаҳон яке аз азимтарин иншооти обию барқӣ маҳсуб меёбад, маҳз бо сементи заводи мазкур бунёд карда мешавад.

Аз ин лиҳоз, аҳаммияти дигари омӯзиши мавзуи мавриди пажӯҳиш дар он зоҳир мегардад, ки аз як тараф корхонаи мазкур дар тули фаъолияти беш аз ҳаштодсолааш тавонистааст дар рушди иқтисод ва саноат саҳмгузор бошад ва аз тарафи дигар, бидуни баррасии таърихи фаъолияти он ки бо таърихи якасраи Тоҷикистон ҳамвора печида аст, наметавон таърихи ташаккули саноати Тоҷикистонро ба таври бояду шояд матраҳ намуд. Ба ибораи дигар, таҳқиқи фаъолияти корхонаи сементи Душанбе, ки ҷузъи муҳимми таърихи саноати Тоҷикистон маҳсуб меёбад, имкон медиҳад то саҳифоте чанд ба хазинаи таърихнигории ватанӣ зам гардад.

Мубрам будани мавзуъ боз дар он зоҳир мегардад, ки дар остонаи ҳадафи чоруми стратегӣ саноати семент боз ҳам аз соҳаҳои муҳим аз лиҳози имкониятҳои ҷуғрофию захираҳои табиӣ барои саноати мамлакат ба ҳисоб меравад, ки аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ зери таваҷҷуҳи бевоситаи Президенти кишвар қарор дорад. Дар ин замина бо ҷалби сармояи хориҷӣ, ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо ташкилоти давлатӣ ва ширкатҳои хусусӣ як қатор корхонаҳои бузурги сементбарорӣ сохта ба истифода дода шуд, ки ҳаҷми истеҳсоли сементро даҳ маротиба афзун намуд. Ҳамин тавр, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо кишварҳои шарикони стратегӣ ва ҳамҷавор, ба мисли Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷопон, Қазоқистон ва Ӯзбекистон корхонаҳои дигари истеҳсолкунандаи сементро сохта ба истифода дод, ки истеҳсоли солонаи семент ба 4,7 миллион тонна, яъне се баробари талаботи солонаи Тоҷикистон расид.

Аз ин миқдор 4,7 миллион тонна, ки ҳамагӣ 1,5 миллион тонна талаботи солонаи кишвар аст, дигар 3,2 миллион тонна ба хориҷи мамлакат содирот шуда истодааст, ки ин дар маҷмуъ беш аз 70 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Дарояндаи наздик соҳаи мазкур, ки рушди он дар шароити ҷуғрофии Тоҷикистон басо қулай аст, аз соҳаҳои афзалиятнок ва яке аз сердаромадтарин маҳсуб хоҳад ёфт.

Омили дигаре, ки моро барои омӯхтани мавзуи мазкур водор сохтааст, дар илми таърихнигории тоҷик ба қадри кофӣ ва дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нагаштани он мебошад. То ин дам ба ҷуз аз мақолаҳои ҷудогона дар ин самт пажӯҳиши ҷиддӣ сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ, таҳқиқот дар доираи мавзуи рисола имкон медиҳад, ки таърихи ташаккул, рушд ва дурнамои саноати семент, хусусан бузургтарин корхонаи семент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шавад. Ҳамзамон, омӯзиши мавзуъ барои муайян намудани нақши саноати мазкур дар иқтисодиёти кишвар, мавқеи Тоҷикистон дар роҳи истеҳсол ва содироти семент ва ниҳоят ба кишвари саноатии содиркунанда дар минтақа табдил ёфтани ҷумҳурӣ бағоят муҳим аст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Тавре ки аз таҳлили таърихнигории мавзуи мавриди пажӯҳиш бармеояд, саноат фарогири масоили муҳимми таърихи муосири Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Аммо таърихи маҳсулоти сохтмонӣ ва аз он ҷумла, семент ба ҳайси як мавзуи мубрам аз ҷониби муҳаққиқон ва мутахассисон ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Аз рӯи натиҷаи таҳлили таҳқиқи мавзуи зикршуда дараҷаи омӯзиши онро дар қисмати мазкур ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудем.

**Гурӯҳи якумро** асарҳо, паёмҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [1-14] ташкил намуда, ҳамчун нуктаҳои асосӣ дар пешрафти соҳа маҳсуб мешаванд.

**Гурӯҳи дуюм** осори илмии муҳаққиқон ва донишмандону мутахассисони соҳаро дар бар мегирад [74; 75; 71]. Дар осори А.Н.

Люсов [74] ва И. А. Гришманов [71], Ш.М. Соломонов [82], Б.С. Третяков [83], М. Садуллаев [79], А. Хошмухамедов [84] масоили сохтмон ва саноат ва аз он ҷумла, фаъолияти корхонаҳои семент ва масолеҳи дигари сохтмонӣ дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон маълумот оварда шудааст. Мавриди зикр аст, ки китоби таҳиянамудаи собиқ директори генералии корхона Парто Сатторов тахти унвони “Цемент – хлеб строительства” аз осори илмии муҳимми таърихи ташаккули сементи тоҷик ба ҳисоб рафта, дар он марҳилаҳои асосии рушди корхона, заминаҳои иқтисодии ташаккулёбии соҳаи семент, дастовардҳои бузурги корхона дар солҳои ҳаштодум, таъсири манфии ҷанги шаҳрвандӣ ба корхона, инъикоси фаъолияти мутахассисони пешқадам ва варзидаи корхона ва амсоли он ба таври муфассал матраҳ гардидааст [81].

Дар **гурӯҳи сеюм** адабиёти дастаҷамъӣ [73], оморӣ, аз ҷумла, солномаҳои бисёрҷилдаи “Народное хозяйство Таджикской ССР”, ки бозгӯкунандаи таърихи саноат ва хоҷагии халқи мамлакат маҳсуб меёбад, мавриди таҳлил ва истифода қарор дода шуд. Мавриди зикр аст, ки солномаҳо дастовардҳои тамоми соҳаҳои мамлакатро инъикос намудаанд. Аз ин рӯ, зимни таълифи диссертатсия ба он ҳамчун манбаи муҳимми соҳа такя намудем [35-58].

Ба **гурӯҳи чорум** асарҳои муҳаққиқон, ки дар онҳо масоили рушди саноат ва тайёр кардани кадрҳо баррасӣ шудааст, мавриди таҳлил қарор гирифт [69; 70; 72]. Дар ин гурӯҳ китоби Н. Сангинов “Формирование и развитие рабочего класса в Таджикской ССР” [80]-ро низ ба ҳайси манбаи муҳимми соҳа шомил намудан аз аҳаммият холӣ нест, зеро он яке аз масъалаҳои хеле муҳимми солҳои 50-ум 60-уми асри XX - ташаккули синфи коргарро баррасӣ намуда, мушкилоти асосии тамоми корхонаҳои мамлакатро, яъне норасоии мутахассисони соҳаро инъикос менамояд.

Дар китоби Р.К. Раҳимов [78] масоили рушд ва захираҳои табиӣ ва инсонии ин соҳа таҳлил ва баррасӣ гардидааст.

Дар **гурӯҳи панҷум** мо, инчунин, аз осори муҳаққиқони дигар, ки масоили соҳа, аз ҷумла, таърихи ташаккул ва рушди корхонаи сементи Душанберо қисман инъикос намудаанд, мавриди истифода қарор додем [59; 61-63; 85; 86].

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти мавҷуда доир ба мавзуи таҳқиқот гувоҳӣ медиҳад, ки бо вуҷуди он паҳлуҳои гуногуни мавзуъ дар таърихнигории ватанӣ аз ҷониби муҳаққиқон ба риштаи пажӯҳиш кашида шуда бошад ҳам, мавзуъ то кунун ба тариқи бунёдӣ ва ё дар шакли академӣ, ки тавонад тамоми самтҳо ва масоили муҳимми мавзуро муфассал матраҳ созад, омӯхта нашудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.**

Диссертатсия дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзуи «Омӯзиши таърихи Тоҷикистон», инчунин, бо ба инобат гирифтани ҳадафи чоруми стратегии мамлакат “Саноатикунонии босуръат” ва «Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» робита дошта, ҷиҳати татбиқи бандҳои дахлдори онҳо мусоидат мекунад. Дар остонаи ҳадафи чоруми стратегӣ пажӯҳиши таърихи ташаккули саноат дар Тоҷикистон муҳим арзёбӣ гардида, лоиҳаи шуъбаи мазкур дар мавзуи “Таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол (солҳои 1991 – 2021)”, ки аз се ҷилд иборат аст, заминаи дигари илмии мавриди таҳқиқ фаро гирифтани мавзуи диссертатсияро фароҳам меоварад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқот аз омӯзиш, таҳлил ва инъикоси таърихи ташаккулёбии корхонаи сементбарории шаҳри Душанбе дар замони Шуравӣ ва даврони истиқлол иборат

мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад вазифаҳои зерин муқаррар карда шуд:

- омӯзиши заминаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва аҳаммияти бунёди корхонаи мазкур дар ҶШС Тоҷикистон;

- таҳқиқи сиёсати давлатии ҶШС Тоҷикистон ва Тоҷикистони соҳибистиқлол дар самти саноати семент ва рушди фаъолияти корхонаи мавриди таҳқиқ;

- муайян намудани солҳои аввали душвориҳои корхонаи сементбарории шаҳри Душанбе;

- нишон додани дастовардҳои корхона дар истеҳсоли семент;

- омӯзиши фаъолияти кормандони муҳандисӣ-техникии корхона ва саҳми онҳо дар рушди истеҳсолот;

- баррасии таъсири нақши корхона дар рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар даврони Шуравӣ ва замони истиқлол;

- баррасии оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба корхона ва инъикоси кӯшишҳои Пешвои миллат ҷиҳати баровардани корхона аз ҳолати бухронӣ ва азбайнравӣ;

- инъикоси нақши корхонаи “Тоҷиксемент” дар таъмини шаҳрвандон бо ҷойи кори доимӣ ва баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии ҷомеа;

- инъикоси аҳаммияти робитаҳои хориҷии корхона дар роҳи густариш ёфтани фаъолияти он;

- инъикоси нақши корхона дар таъмини иншоотҳои муҳимми давлатӣ ва хусусияти стратегидоштаи мамлакат дар даврони Шуравӣ ва замони истиқлол;

- баррасии масъалаи омода намудани мутахассисон дар корхона ва нақши он дар рушди синфи коргари маҳаллӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Ба сифати объекти таҳқиқот фаъолияти корхонаи сементи Душанбе дар даврони Шуравӣ ва замони истиқлол интихоб шудааст.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Таърихи ташаккули фаъолияти корхонаи “Тоҷиксемент” дар даврони Шуравӣ ва замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1942-2021).

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон анҷом дода шуда, ду марҳиларо дар бар мегирад: -марҳилаи аввал – аз соли 2019 то 2022 ва интихоби мавзуъ ва роҳбари илмӣ, тартиб додани нақшаи кор, ҷамъ кардан, ба низом даровардани маводҳо оид ба мавзуи интихобшуда, ҷустуҷӯи хуҷҷатҳои бойгонӣ, омӯхтан ва таҳлили хуҷҷатҳои бойгониҳои марказӣ ва ҷорӣ, нашри муҳаққиқон дар бораи фаъолияти корхонаи сементбарории шаҳри Душанбе, таҳқиқоти таърихнигорӣ, навиштани муқаддима ва боби якуми рисола, нашри мақолаҳо дар мавзуи рисола, иштирок дар конференсияҳои илмӣ, супоридани имтиҳонҳои доктори фалсафа аз рӯи ихтисоси таърихи Ватанӣ; - марҳилаи дуюм - аз соли 2022 то 2023. – навиштани боби дуюм, ҷамъбасти рисола, нашри мақолаҳо дар мавзуи таҳқиқот, суханронӣ дар конференсияҳои вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, супоридани имтиҳони маҷмуӣ аз рӯи ихтисос ва пешниҳоди рисола барои ҳимоя.

Доираи хронологии таҳқиқот солҳои 1942-2021 – ро фаро мегирад. Ин давраро ба панҷ марҳила ҷудо намудан мумкин аст. Марҳилаи аввал яъне аз ифтитоҳи фаъолияти корхона дар соли дуюми Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дар марҳилаи дуюм вусъат додани корхона дар давраи азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ, марҳилаи сеюм рушди корхона дар солҳои 50 – 70 – ум, марҳилаи чорум авҷи тараққии корхона дар солҳои 80 ва ибтидои солҳои 90 – уми қарни гузаштаро дар бар мегирад. Ҳамзамон, марҳилаи панҷумро фаъолияти корхона дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, рушди фаъолияти корхона дар шароити иқтисоди бозорӣ, фаъолияти корхона ба воситаи сӯзишвории ангиштсанг, фаъолияти корхона дар арафаи сиюмин солгарди Истиқлолияти давлатӣ ва остонаи

ҳадафи Чоруми стратегии мамлакат “Саноатикунонии босуръат” маҳсуб меёбад.

**Асоси назариявию методологии таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи методҳои муқоисавию таърихӣ, муқоисавию таҳқиқотӣ, таҳлили оморӣ, услуби назарияи таърихшиносӣ, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаи фаъолияти амалӣ анҷом дода шудааст. Дар диссертатсия муаллиф усулҳои илмии омӯзишро доир ба таърихи ташаккул ва рушди фаъолияти корхонаи сементи тоҷик дар солҳои 1942-2021 ба роҳ мондааст. Бахусус, ба истифодаи усули объективияти илмӣ-ҳамчун яке аз дастурҳои асосии илмҳои муосири таърихӣ ва таърихнигорӣ диққати ҷиддӣ додааст. Ба сифати асоси методологии таҳқиқот маҷмӯи усулҳое истифода шудаанд, ки дар байни онҳо усулҳои таърихӣ, аз қабили муқоисавӣ– таърихӣ, масъалагузорӣ – солномавӣ, инчунин, усулҳои таҳлили иҷтимоӣ – таърихӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Дар усули муқоисавӣ-таърихӣ рушди фаъолияти корхона дар замони соҳибистиқлолӣ дар муқоиса бо даврони Шуравӣ, хусусиятҳо ва методҳои хоси шакли фаъолият ва муносибат бо корхона истифода шудааст. Тавассути усули масъалагузорӣ – солномавӣ ҳудудҳои таҳқиқи масъалаи мазкур муайян шудаанд ва равандҳои солномавии ба марҳилаҳои азпасиҳамоянда, ки фаъолияти корхонаро инъикос кардаанд, ҷой дода шудаанд. Яке аз омилҳои асосӣ назари интиқодӣ – объективӣ ба таълифоти муҳаққиқони давраи соҳибистиқлолӣ мебошад.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот.** Заминаи сарчашмашиносии таҳқиқотро метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим намуд:

**Ба гурӯҳи якум** Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишварро ворид намудем, ки он хусусияти санади меъёрии ҳуқуқӣ дошта, дақиқтарин маълумот оид ба фаъолияти яксолаи ҷумҳуриро ифода намуда, барнома ва стратегияи минбаъдаи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷиро пешниҳод менамояд [1-10].

**Гурӯҳи дуюм** иборат аст аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ҳам дар даврони Шуравӣ ва ҳам замони соҳибистиқлолии кишвар самтҳои сиёсати ҷумҳуриро дар соҳаи саноат ба танзим даровардааст. Лозим ба зикр аст, ки маҳз фаъолияти корхонаи мазкур дар давраи сиёсати нақшавии Иттиҳоди Шуравӣ ва инчунин, дар давраи иқтисоди бозории замони истиқлол бар асоси санадҳои меъёрии қабулгардида ба роҳ монда шудааст. Яъне сарчашмаи тағйирёбии расмӣ дар шакли идории корхона ва самти фаъолияти он ҳамин манбаъҳои ҳуқуқӣ ва ё ин ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии мавҷуда маҳсуб меёбанд [15-19].

Ба **гурӯҳи сеюм** маводи бойгониро шомил намудем. Бояд қайд намуд, ки дар рафти таҳияи диссертатсия пойгоҳи асосии сарчашмавиро маҳз маводи бойгонӣ, хусусан бойгонии ҷории корхонаи сементи Душанбе, бойгонии ҷории Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон, пеш аз ҳама, Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он наздики даҳ ҳазор саҳифа оид ба фаъолияти корхона маҳфуз дошта шудааст ва аз он ба таври васеъ истифода намудем, ташкил медод [20-34].

Маълумот аз суҳбату вохӯриҳо бо собиқадорони корхонаро ба **гурӯҳи чорум** ворид намудем. Бояд қайд намоем, ки дар гурӯҳи мазкур маълумоти пешкашнамудаи баъзе аз собиқадорони корхона, ки дақиқият ва муҳиммият дар онҳо ба назар мерасид, бештар истифода намудем. Суҳбат бо чаҳор нафар собиқадори корхона, аз он ҷумла, Сулаймонов Солеҳхон, Каримов Маҳмадраҳим, Неъматов Ҳикматулло ва Сулаймонов Раҳматулло, ки ҳаёти худро сарфи ин соҳа намуда, дар рушди корхона ҳиссаи арзанда гузоштаанд ва ба ҳайси коргари пешқадам эътироф гардидаанд, диққати моро бештар ҷалб намуд [88-90].

**Гурӯҳи панҷум** матбуоти давриро дар бар гирифта, асосан рӯзномаҳое, ки оид ба фаъолияти корхона ва ё умуман, соҳаи саноати семент мавод нашр намудаанд дар рафти таҳияи диссертатсия мавриди истифода қарор додем [91-125].

Маводи аз сомонаҳои интернетӣ дастрасшударо ба **гурӯҳи шашум** дохил намудем. Дар ин гурӯҳ маводҳо асосан аз сомонаҳои расмии муассисаҳои марбут ба соҳа, хусусан, сомонаи расмии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон, сомонаи расмии КВД “Сементи Тоҷик”, сомонаи расмии АМИТ “Ховар” ва амсоли он ки пайваста маълумот оид ба дастовардҳои соҳаро нашр намудаанд, истифода карда шудааст [126-130].

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсия бори нахуст таърихи ташаккули фаъолияти корхонаи “Тоҷиксемент” дар даврони Шуравӣ ва замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1942-2021) мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, дар асоси сарчашмаҳои боэътимод ҷараёни эҳё ва ташаккули соҳаи мазкур дар марҳилаи муайяни болозикр таҳқиқ шудааст. Дар кори илмии мазкур заминаҳои таърихӣ ва иқтисодии бунёди корхонаи мавриди пажӯҳиш, марҳилаҳои ташаккулёбии он, нақши корхона дар рушди саноати мамлакат, роҳҳои ташаккули минбаъдаи он мавриди баррасӣ қарор гирифта, афзалиятҳо ва имконоти табии кишвар ҷиҳати инкишоф додани соҳаи саноати семент ва нақши он дар роҳи саноатикунонии кишвар бозгӯ шудаанд.

Ҳамзамон, масъалаҳои зерин ба ҳайси навгонии илмӣ дар диссертатсия муайян карда шудаанд:

- заминаҳои таърихӣ ва иқтисодии бунёди корхонаи сементи Душанбе дар шароити вазнини солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо такя ба маводи бойгонӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ омӯхта шуд;

- бори нахуст сиёсати давлатии Ҳукумати Шуравӣ дар самти ташаккул додани саноати семент дар ҶШС Тоҷикистон, пеш аз ҳама, вусъат додани фаъолияти корхонаи болозикр, фароҳам овардани шароити иқтисодӣ дар давраи азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ ҷиҳати бунёд намудани хатҳои нави истеҳсолӣ дар корхона ва равона намудани кӯшишҳо ҷиҳати ба як корхонаи азими истеҳсоли семент табдил додани он таҳқиқ карда шуд;

- ниёзҳои иқтисодии Тоҷикистон ва сармоягузорӣ дар самти вусъат додани фаъолияти корхона омӯхта шуд;

- аввалин маротиба таърихи бунёди ниҳоди корхона дар шакли таҳқиқоти илмии бунёдӣ ва марҳилаҳои асосии фаъолияти он таҳқиқ карда шуд;

- иқтидори табии Тоҷикистон ва дурнамои рушди саноати сементи навъи ба сулфат тобовари тамғаи 500 – и корхонаи мазкур, ки барои бунёди иншооти азими гидроэнергетикӣ ниҳоят муҳим аст, омӯхта шуд;

- бори нахуст имкониятҳои рушди фаъолияти корхона ҷиҳати афзун намудани содироти семент ба хориҷи мамлакат ва роҳҳои тавсеаи он: мушкилот ва дурнамо таҳқиқ карда шуд;

- аввалин маротиба иқтидор ва рушду ривоҷи бунёди чунин корхонаҳои истеҳсоли семент дар мамлакат бо ба инобат гирифтани захираҳои табиӣ ба роҳ мондани истеҳсоли сементи навъи ба сулфат тобовари тамғаи 500 дар Тоҷикистон омӯхта шуд;

- солҳои аввали душвориҳои корхонаи сементбарории шаҳри Душанбе муайян шудааст;

- истифода аз сарчашмаҳои гуногун дастовардҳои корхона дар истеҳсоли семент нишон дода шудааст;

- фаъолияти кормандони муҳандисӣ-техникии корхона ва саҳми онҳо дар рушди истеҳсолот баҳогузрӣ шудааст;

- бори нахуст фаъолияти корхона дар ду давра: даврони Шуравӣ, низоми банақшагирӣ ва замони соҳибистиқлолӣ шароити иқтисоди бозорӣ бо такя ба манбоеи муътамад, маводи бойгонӣ ва осори муҳимми илмӣ таҳқиқ карда шуд.

Ҳамчунин, таҳқиқи илмии проблемаҳои мухталиф дар фаъолияти корхона ҳам дар даврони Шуравӣ ва ҳам замони истиқлол ба сифати соҳаи муҳим ва муаррификунандаи кишвар имкон додааст, ки роҷеъ ба роҳ мондани фаъолияти боз ҳам сифатан нави замони муосир бо дарназардошти масоили экологӣ, зиёд намудани сементи аълосифати

навъи ба сулфат тобовари тамғаи 500 ва боз ҳам баланд бардоштани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар содироти сементи навъи мазкур дар минтақа, инчунин, ҷалби сармоягузории ватанӣ ва хориҷӣ ҷиҳати бунёди чунин корхонаҳо дар кишвар, ки захираҳои табиӣ ва шароити ҷуғрофӣ ба он имконияти бештар фароҳам овардааст ва аз тарафи дигар таъмини ҳазорон нафар бо ҷойи кори доимӣ бори нахуст мавриди омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмӣ сурат гирифта, хулоса ва пешниҳодоти судманд иброз дошта шудааст. Дар диссертатсияи мазкур нақши корхонаи сементбарорӣ дар рушди иқтисодиёт ва саноати кишвар ба таври амиқ таҳқиқ шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

1. Дар заминаи анҷом додани таҳқиқот оид ба таърихи ташаккули саноати Тоҷикистон дар раванди амалисозии ҳадафи чоруми Ҳукумати мамлакат “Саноатикунонии босуръат” таҳияи диссертатсия аз рӯйи мавзуи мавриди назар аз аҳаммият дар канор набуда, метавонад самтҳои рушди минбаъдаи саноати семент, пеш аз ҳама, фаъолияти КВД “Тоҷиксемент” – ро дар шароити феълӣ бо дарназардошти имконоти табиӣ ва ҷуғрофии мамлакат муайян созад.

2. Омӯзиши таърихи беш аз ҳаштодсолаи фаъолияти корхонаи мазкур, ки ҷузъи муҳимми таърихи муосири ватанӣ ба шумор меравад, метавонад марҳилаҳои рушди корхона ва ё ин ки саноати сементро баррасӣ созад ва дастовардҳои мамлакатро дар соҳаи саноат инъикос намояд.

3. Лозим ба зикр аст, ки ҳанӯз аз ибтидои солҳои 30 – юми асри гузашта, бо дарки имкониятҳо ва шароитҳои ҷуғрофӣ, новобаста аз вазъи ногувори иқтисодӣ бунёди корхонаи мазкур роҳандозӣ гардид, ки ин кӯшишҳо заминаҳои минбаъдаи рушди соҳаи мазкурро дар Тоҷикистон фароҳам овард.

4. Марҳилаи муҳимми фаъолияти корхона ба солҳои 50 – 60 – ум рост омада, маҳз дар ҳамин солҳо фаъолияти корхона ва ё ин ки хатти истеҳсолии он ба воситаи технологияи муосир ба роҳ монда шуд.

5. Корхонаи мазкур дар омода намудани мутахассисон аз ҳисоби кадрҳои маҳаллӣ ва умуман рушди синфи коргари ватанӣ нақши арзанда дошта, дар як давраи кӯтоҳи таърихӣ тавонист ин мушкилиро, яъне нарасидани мутахассисонро бартараф намояд ва дар беҳтар гардидани сатҳи иҷтимоии ҷомеа саҳмгузор гардад.

6. Солҳои 70 -ум ва ибтидои солҳои 90 – уми асри XX давраи авҷи тараққии корхона маҳсуб ёфта, дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли семент дар корхона ба зиёда аз як миллион тонна расонида мешавад, ки ин дастоварди беназир дар таърихи соҳаи мазкур ба ҳисоб мерафт.

7. Бо манзилҳои истиқоматӣ таъмин намудани коргарон, таъсиси мавзеъҳои фароғатӣ баҳри истироҳати коргарон, вусъат додани барномаи солимгардонии кормандон, беҳтар намудани шароити меҳнатӣ ва моддӣ – маишии коргарон аз иқдомот ва дастоварди муҳимми корхона дар солҳои 70 –ум ва ибтидои солҳои 90 – ум ҳисобида мешавад.

8. Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони тозаистиқлол барои корхона низ давраи мушкил ва ҳассос ба ҳисоб рафта, он чун дигар соҳаҳои хоҷагии мамлакат бо хисороти ҷиддӣ мувоҷеҳ мегардад. Баромада рафтани мутахассисон аз ҷумҳурӣ, норасоии қувваи корӣ, мавриди ғорат қарор гирифтани техника ва таҷҳизот ва амсоли он корхонаро ба ҳолати бухронӣ ва нобудшавӣ оварда мерасонад.

9. Тадбирҳои муҳимми Ҳукумати мамлакат ҷиҳати аз ҳолати бухронӣ баровардани корхона, ки он дар соҳаи бинокорӣ ва бунёди иншооти муҳимми давлатӣ аҳаммияти стратегӣ дорад, аз рӯзҳои аввали барқарор гардидани ҳокимияти конститутсионӣ равона мегардад ва боиси ба маҷрои инкишофи қаблӣ ворид гардидани корхонаи мазкур мегардад. Ин иқдомҳо замоне роҳандозӣ карда шуданд, ки Тоҷикистон

дар пайи бартараф намудани оқибатҳо ва хисороти ҷанги шаҳрвандӣ кӯшиш ба харҷ медод.

10. Қатъ гардидани лулаи гази табиӣ низ давраи мураккаб дар таърихи фаъолияти корхона арзёбӣ мегардад. Аҳаммияти фаъолияти корхонаро ба инобат гирифта, Ҳукумати кишвар бо ташаббусҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Мардумии Чин ба воситаи сӯзишвории ангиштсанг ба роҳ мондани фаъолияти корхонаро амалӣ месозад, ки ин як марҳилаи сифатан нави корхона мегардад.

11. Бо дастгириҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ корхонаи мазкур ба яке аз нуқтаҳои азими истеҳсоли семент дар минтақа табдил ёфта, қариб тамоми иншооти муҳимми давлатӣ бо маҳсулоти он бунёд шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Диссертатсия дорои аҳаммияти илмӣ–назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои бадастомада метавонанд, дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати муайян намудани роҳҳои инкишофи минбаъдаи соҳаи семент, рушди минбаъдаи корхона ва барқарор намудани таҷриба ва методҳои истеҳсоли корхона дар манотиқи дигари кишвар кумаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро зимни таълифи асарҳои маҷмуӣ роҷеъ ба ташаккули саноат, хусусан рушди саноати семент дар Тоҷикистон дар замони Шуравӣ ва солҳои соҳибистиқлолӣ ҳангоми хондани курсҳои лексионӣ ва махсусан аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи муосири Тоҷикистон», «Таърихнигории таърихи халқи тоҷик дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ ва Истиқлолият» метавон истифода намуд. Аҳаммияти амалии диссертатсия инчунин, аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст.

Хулосаҳои умуминазариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба маърифати амиқи зарурати нигоҳдошти муттасил ҳангоми

банақшагирии барномаҳои рушди соҳаи саноати семент дар кишвар имкон медиҳанд. Маводи дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат, махсусан фаъолияти корхонаҳои истеҳсоли сементи кишвар имконият медиҳад.

Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистон дар заминаи рушди саноати семент бо ба инобат гирифтани методҳои махсуси истеҳсоли сементи корхонаи мавриди таҳқиқ хело ҳам муфиданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркардаи натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, мусоҳибаи муаллиф бо коршиносон, собиқадорони корхона ва муқоисаи илмию амалӣ таъмин менамояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти илмӣ, навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба талаботи шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301– Таърихи ватанӣ) мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он аст, ки ӯ бевосита аз сарчашмаҳои муътамад истифода карда, бо такя ба маводи бойгонӣ, хусусан фонди 1544 –и Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зиёда аз даҳ ҳазор саҳифаро оид ба фаъолияти корхонаи мазкур дар даврони Шуравӣ ташкил медиҳад, бойгонии ҷории Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон ва махсусан бойгонии ҷории КВД “Тоҷиксемент”, инчунин, борҳо сафар намудан ба корхона, шоҳиди раванди истеҳсолот гардидан, огаҳӣ ёфтан аз вазъияти феълии он, суҳбату мулоқот анҷом додан бо собиқадорони варзида ва собиқ роҳбарони корхона, ҳолати воқеӣ ва таърихи ташаккули онро дарк ва

ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор додан ва дар заминаи омӯзиш бори нахуст самтҳо ва имкониятҳои рушди минбаъдаи соҳа, хусусан корхонаро дар шароити ҷуғрофии Тоҷикистон ва аҳаммияти онро дар амалисозии саноатикунонии кишвар бозгӯ кардааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (2019-2022), конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии ҳайати профессорону ходимони илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (2019-2022) маърӯза шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон протоколи №1 аз 18.01.2024 муҳокима карда шуда, барои дифоъ пешниҳод гардид.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 7 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт (132 номгӯй) таркиб ёфта, дар ҳаҷми 168 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардидааст.

# БОБИ I. ФАЪОЛИЯТИ ЗАВОДИ СЕМЕНТБАРОРӢ ДАР ДАВРОНИ ШУРАВӢ (1940- 1990)

## 1.1. Заминаҳои таърихӣ ва табиии ба вуҷуд омадани корхонаи семент дар шаҳри Душанбе

Саноати семент, як соҳаи асосии саноати масолеҳи бинокорист, ки навъҳои гуногуни семент истеҳсол мекунад. Семент дар хоҷагии халқ асосан дар истеҳсоли бетон, оҳанубетон, инчунин, дар саноати асбесту семент, нефт ва дигар соҳаҳои саноат истифода мешавад. Худи семент хокаи маъданӣ мебошад, ки он дар натиҷаи майда кардани омехтаи маъданҳои гуногун ба даст меояд. Истеҳсоли он асосан аз захираҳои табиӣ вобастагӣ дорад, ки чунин имконият дар Тоҷикистон ниҳоят калон аст. Аз ин лиҳоз, дар марҳилаи фароҳам овардани заминаҳои иқтисодии рушди саноат дар мамлакат, ба роҳ мондани истеҳсоли семент, ки дар ин росто ҷиҳати суръат бахшидан ба корҳои сохтмонӣ аз аҳаммият дар канор набуд, ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардид.

Таърихи кашфи семент бо таърихи сохтмон, мунтазам баланд бардоштани сифати масолеҳи бинокорӣ зич алоқаманд аст. То ин дам чунон ки маълум аст, чӯб, санг ва гил эҳтиёҷоти мардумро барои бунёди иншоот ва роҳу пул пиёда мекард, аммо бо мурури замон инсоният чунин як маводи пайвасткунандаеро кашф намуд, ки кафолати мустаҳкамии иншоот ва суръатафзоии онро ба вуҷуд овард ва ба яке аз маҳсулотҳои хеле муҳимми соҳаи сохтмон ва саноат табдил ёфт.

Иттиҳоди Шуравӣ баробари мустаҳкам намудани ҳокимияти худ ва бартараф кардани ҷанги гражданӣ соҳаи мазкурро аз соҳаҳои афзалиятноки кишвар дониста, ҷиҳати инкишоф додани он як зумра тадбирҳоро ба нақша мегирад. Аз ҷумла, дар панҷсолаҳои пешазҷангӣ (Ҷанги Бузурги Ватанӣ) заводҳои куҳнаи истеҳсоли семент аз нав таҷҳизонида ва як қатор заводҳои

нав сохта, ба истифода дода мешавад, ки дар натиҷа, соли 1940 иситеҳсоли семент дар миқёси ИҶШС ба 5773 ҳазор тонна мерасад. Лозим ба ёдоварист, ки аз нимаи дуюми солҳои 30-юм сохтмони заводҳои семент дар миқёси ИҶШС бо суръат идома ёфта, тибқи маълумоти ба дастомада аллакай то солҳои 70-ум ба 60-адад заводи истеҳсоли семент мерасад, ки ҳаҷми истеҳсоли он ба 125 миллион тонна мерасид [74, с.32].

Бояд қайд намуд, ки дар давраи ниҳоят душвори ҷанги Бузурги Ватанӣ барои таъмини сохтмони аввалин неругоҳи барқӣ обии ҷумҳурӣ - НБО-и Варзоб, канали калони Фарғона, заводҳои пахтатозакунию равғанбарорӣ, комбинатҳои нассоҷӣ ва монанди он низ бори дигар зарурати ҳарчи зудтар бунёд гардидани коргоҳҳои истеҳсоли маҳсулоти бинокорӣ, аз он ҷумла, сементро ба миён меовард.

Яке аз зарурaтҳои асосии бунёди семент дар худи пойтахти Тоҷикистон рӯзторӯз зиёд гардидани аҳолӣ дар пойтахти ҷумҳурӣ шаҳри Сталинобод, манотиқи атрофи он ва умуман ҷумҳурӣ ва бо мақсади бунёди хонаҳои истиқоматӣ, биноҳои маъмурӣ, бунёди роҳу пулҳо, корхонаҳои хурду азими саноатӣ ва монанди он мебошад. Чуноне ки дар боло ишора намудем, талабот ба ашёи хом, хусусан семент меафзуд, ё ин ки ба таври дигар бигӯем, акнун дар мамлакат дар як сол зарурати истифодаи семент ба даҳҳо ва ҳатто садҳо ҳазор тонна расида буд, ки дар ин вазъият масъалаи сохта ба истифода додани заводи семент боло мерафт [81, с.11-12]. Аз тарафи дигар, дар роҳи анҷом додани сохтмони роҳу пули нақлиёт ва қатора, биноҳои маишӣ ва истиқоматӣ, корхона ва монанди он масолеҳи сохтмонӣ, аз он ҷумла, семент басо муҳим арзёбӣ мегардид. Ҳамаи ин муҳиммият заминаҳои иқтисодии бунёди корхонаҳои семент, хусусан заводи сементи Сталинободро ба вуҷуд овард. Акнун дар назди ҶШС Тоҷикистон дида баромадани лоиҳаи сохтмонии заводи семент дар шаҳри Сталинобод меистод. Иқтидори лоиҳавии он, 150 ҳазор тоннаро ташкил медод, он вақт ин рақам барои

кишвари мо хеле бузург ва дастоварди беназир буд. Аммо дар кучо сохтани завод саволи асосӣ ба ҳисоб мерафт, зеро аз шаҳр берун дар минтақае, ки аз маҳалли истиқоматӣ дар канор бошад, масъалаи муҳим маҳсуб меёфт. Барои ҳамин ҳам чунин мавзеъ дар соҳили дарёи Варзоб, аниқтараш 11 километр дур аз шаҳр, албатта он вақтҳо хеле аз шаҳр дур будааст, вале 60 -нафар лоиҳакаш, муҳандис ва мутахассисону коргарон фикр намекарданд, ки бо гузашти як давраи кӯтоҳи таърихӣ аллакай завод дар дохили шаҳр хоҳад буд, интихоб намуданд [81, с.11-12].

Аз ин рӯ, Шурои Комиссарони Халқи ИҶШС дар қарори худ аз 1-уми апрели 1935 дар шаҳри Сталинобод сохтани заводи сементро пешбинӣ кард. Баъди анҷом ёфтани корҳои таҳқиқотӣ, озмоишӣ ва геологӣ макони бунёди сохтмони заводи мазкур муқаррар карда шуд.

Дар солҳои аввал кони оҳаксанги деҳаи Қулписта ҳамчун яке аз минтақаҳои ашёи хом, ки ба завод хеле наздик буд ҳисобида мешуд, вале аз ҳар ҷиҳат чунин заводи азими саноатӣ, ки хориҷкунандаи баъзе аз газу буғҳои кимиёвӣ мебошад, бояд дуртар аз пойтахт ба назар гирифта мешуд, вале шояд касе бовар надошт, ки ба ҳамин солҳои наздик завод дар дохили шаҳр ва дар иҳотаи маҳалли истиқоматӣ хоҳад монд. Манфиатҳои қитъаи заводи сементи оянда равшан ба назар мерасид.

Аз феврали соли 1937 маҳаллаи шафати Сталинобод сохтмони завод оғоз гардида, аллакай аз 11-уми июли соли 1938 сохтмони биноҳо ва нуқтаҳои истеҳсолии завод ба роҳ монда мешавад. Моҳи феврали соли 1937 баъди таҳқиқоти геологӣ кони оҳаксанги Харангони ноҳияи Варзоб бо захираи бузурги ашёи хом кашф карда шуд, ки заминаи дигари дар ин мавзеъ, яъне наздик ба кони мазкур сохта шудани заводи сементи Сталинобод гардид. Аммо дар авҷи корҳои сохтмонӣ ва дар арафаи ифтитоҳи завод Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз мегардад, ки аксарияти қувваи корӣ – сохтмончиён ба фронт ҷалб карда мешаванд ва боиси коҳиш ёфтани суръати

корҳои сохтмонӣ мегардад. Ба авзои нобасомони замони ҷанг нигоҳ накарда, бо қувваи боқимондаи нокифоя корҳои сохтмонӣ пеш бурда шуд.

Ҷанги Бузурги Ватанӣ чун дигар соҳаҳои ҳаёти мамлакат ба раванди сохтмони завод низ таъсири манфии худро расонида меистод. Ба фронт даъват гардидани мардон ва умуман қувваи коршоями ҷомеа, яъне нарасидани қувваи корӣ (зеро дар баъзан мавридҳо занҳо ва писарбачаҳои хеле ҷавон ба кор ҷалб мегардиданд), пеш аз ҳама, мутахассисон қатъ гардидани ба иншооти мазкур омадани баъзе аз техникаю таҷҳизоти лозимӣ, ашёи хоми саноатӣ ва амсоли он аз мушкилоте буд, ки вазъияти сохтмонро боз ҳам муташанниҷ менамуд.

Аз ин лиҳоз, лозим медонем оид ба вазъи сиёсии мамлакат дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва таъсири манфии он ба раванди инкишофёбии мамлакат, хусусан саноат ва сохтмон ба таври мухтасар маълумот бидиҳем. Зеро аз як тараф солҳои ҷанг карахтӣ ва ақибмониро дар ҷодаи саноат ва сохтмон ба вуҷуд оварда бошад, аз тарафи дигар кӯчонидани корхонаҳои саноатӣ ба қисмати шарқии Русия ва ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна боиси ба миён омадани заминаҳои иқтисодии рушди саноат ва сохтмон барои солҳои минбаъда мегардад. Ба ин маънӣ метавон ишора намуд, ки бидуни матраҳи авзои сиёсии раванди сохтмони заводи сементи Сталинобод наметавон аҳаммияти сохтмон ва заминаҳои иқтисодии онро мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дод.

Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар таърихи инсоният аз ҳама фоҷеаи калон ба ҳисоб меравад. Аз нигоҳи миқёс, аз рӯи шумораи қурбониён, харобиҳо ва оқибатҳои фалокатовар бузургтарин ва хунинтарин задухӯрди мусаллаҳона буд. Ғалаба бар Германияи фашистӣ бо ҷидду ҷаҳди ҳамаи халқҳои ИҶШС ба даст омад. Дар фронтҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз Тоҷикистон қариб 300 ҳазор нафар сокинон даъват шудаанд. Дар солҳои ҷанг зиёда аз 90 ҳазор

нафар ҷанговарон ва командирони тоҷик аз майдони ҷанг барнагаштанд ва ин 34,5 фоизи шумораи умумии сафарбаршудагонро ташкил медиҳад.

Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ақибгоҳ даҳҳо ҳазор меҳнаткашони тоҷик бо вуҷуди душвориҳои зиёд ба хотири таъмини артиш бо хӯрок, либос ва маводи дигар шабу рӯз меҳнат карда, ёфту тофти худро ба ҷабҳа равона мекарданд. Дар корхонаҳои саноатии ҷумҳуриамон аз ибтидои ҷанг шумораи зиёди корхонаҳои саноатӣ ба истеҳсоли маҳсулоти ҳарбӣ – либос, чарм, матои пахта, хӯрок ва ғайра сар карданд.

Дар солҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз нав сохтани саноате, ки барои эҳтиёҷи фронт маҳсулот истеҳсол мекард, яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб мерафт. Дар назди Кумитаи мудофиаи ИҶШС кӯчондани қувваҳои истеҳсолкунанда дар замони ҷанг вазифаи фавқулода дар мубориза бар зидди Германияи фашистӣ ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, дар Қарорҳои Шурои Комиссарони Халқи ИҶШС “Дар бораи тартиби кашондан ва ҷобаҷо гузоштани контингенти инсонӣ ва молу мулки қиматбаҳо» (аз 27 июни соли 1941) ва «Дар бораи тартиби эвакуатсияи аҳолӣ дар замони ҷанг» (аз 5 июли соли 1941) вазифаҳои конкретии органҳои эвакуатсияи ҳизбиву Шуравӣ муайян карда шудаанд [73, с.126].

Мақомоти Шуравӣ ва ҳизбӣ, Кумитаи мудофиа ҳангоми тартиб додани нақшаҳои ба Шарқ кӯчондани иқтидорҳои истеҳсолӣ имкониятҳои потенсиалии ҳар як минтақаи иқтисодӣ, махсусгардонӣ ва интенсивии тараққиёти минбаъдаи он, наздик будани манбаъҳои ашёи хом, захираҳои қувваи корӣ, энергия, захираҳои моддӣ, мавҷуд будани фонди манзил ва ғайраро ба назар гирифт. Миллионҳо нафар коргарон, муҳандисону техникҳо бо ҳамроҳии таҷҳизоти корхонаҳо аз навоҳии ғарбии мамлакат ба минтақаҳои щарқи мамлакат ба таври ниҳоят душвор кӯчонида шуданд. То охири соли 1941 бо роҳи оҳан ба ақибгоҳ қариб 1,0 миллион вагон бо борҳои

эвакуатсияшуда, аз он ҷумла, 2593 корхона пурра ё қисман интиқол дода шуд [87, с.13].

Бо фармони Шурои Комиссарони Халқии ИҶШС аз 24-уми августи соли 1941 як қисми корхонаҳои саноатие, ки бояд эвакуатсия шаванд, ба ҶШС Тоҷикистон интиқол дода мешавад. Маҳз ҳамин иқдом боиси фароҳам омадани рушди заминаҳои моддию техникии саноат дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла, Тоҷикистон мегардад.

Дар ҷараёни тақсим намудани корхонаҳои саноатию истеҳсолӣ Шурои эвакуатсионӣ ва Комиссариати халқии саноати хурокворӣ барои Тоҷикистон фиристодани таҷҳизотро барои 13 корхона, аз ҷумла, заводҳои истеҳсоли равғани рақами 3-и Одесса, заводҳои равғанбарории Вяземский, Валюйский, Полтава, заводи консервабарории Симферопол ба номи Якуми Май, Феодосия ва ғайра пешбинӣ кард [22, в. 67,121,133,158,169]. Бояд қайд намуд, ки барои аз нав сохтан, барқарор намудан ва таъмини истеҳсоли маҳсулот барои фронт дар ин заводу фабрикаҳо бе сохтмон ва маводии асосӣ- бе семент тасаввур кардан ғайриимкон буд.

Дар муддати кутоҳтарин ба ихтиёри Комиссариати халқии саноати бофандагии ҶШС Тоҷикистон аз фабрикаҳои ресандагӣ ва бофандагии Люберетская ва Павло-Покровская, комбинати қолинбофии Балашихо, комбинати шоҳибофии Москва ба номи Шербаков таҷҳизот фиристода шуд [23, в.109].

Дар вақти эвакуатсияи давраи дуюм аз Кузнетск ба Тоҷикистон бо Қарори Шурои Комиссарони Халқии ИҶШС аз 25-уми июли соли 1942 дар корхонаҳои саноати сабуки ҷумҳурӣ пешбинӣ карда шуда буд, ки таҷҳизоти чор фабрикаи трикотажӣ ва се фабрикаи либосдӯзии вилояти Ростов интиқол гардад. Дар як муддати кӯтоҳ як қисми таҷҳизоти фабрикаи пойафзолдӯзии «Буревестник» -и Москва барои дар фабрикаи пойафзолдӯзии Сталинобод ҷойгир кардани он кашонда шуд. Яке аз заводҳои «Главредмет» аз наздикии

Москва ба вилояти Ленинобод эвакуатсия карда шуд. Ҳамин тариқ, ба Тоҷикистон фиристодани таҷҳизоти 27 корхонаи саноатӣ пешбинӣ шуда буд [24, в.224]. Табиист, ки дар он моҳҳои пуршиддат ва душвори давраи аввали ҷанг ба ҶШС Тоҷикистон на ҳамаи техникаи пешбинишуда оварда шуда буд.Баъзеи онҳо аз сабаби ишғол намудани ин минтақаҳо аз тарафи қўшунҳои фашистӣ пурра бароварда нашуданд.

Аммо новобаста аз пурра ё қисман кӯчонидани заводу фабрика ва таҷҳизоти онҳо дар ақибгоҳ сохтмон ва дар муддати кӯтоҳ ба истифода додани корхонаҳо ва таъмин намудани фронт бо хӯрока ва пӯшокиҳо, ба нақша гирифта шуда буд. Ҳамин тавр, таҷҳизоти заводи сангмайдакунии Драчевский ба Тирмиз оварда, дар он ҷо фуроварда шуд. Ғайр аз ин, таҷҳизот на ҳамеша дар шакли пурра, аксаран бе асбобу ускунаҳо, баъзан бе нишонаи муайяншуда фиристода мешуд. Дар аксар ҳолатҳо борҳо барои корхонаҳои истеҳсолӣ дар роҳи оҳан бандшуда мемонд. Дар ҳолати қариб, ки набудани роҳҳои автомобилгард ва худи автомобилҳо, кори аз нав барқарор намудани заводу фабрикаҳоро душвор гардонд.

Дар аввали ҶБВ умуман дар корхонаҳои мавҷуда ва сохташавандаи ҶШС Тоҷикистон таҷҳизоти 20 заводу фабрика гузошта шудааст. Вазифаи дар муддати кӯтоҳтарин ба истифода додан ва таъмини истеҳсолот хеле душвор ва масъулиятнок буд. Дар охири моҳи августи соли 1941 ба ҷумҳурӣ аввалин вагонҳо бо таҷҳизоти эвакуатсияшуда омаданд. Барои фуровардан ва ба ҷои таъиншуда расондани он кранҳо, транспортёрҳо, автомашинаҳо лозим меомаданд, вале набудани имкониятҳои техникӣ ва аз ҳама муҳим вақт, аҳолии шаҳру деҳот ба кори борфарорӣ ҷалб карда мешуд. Тақрибан ягон корхонаи эвакуатсияшудае, ки ба ҶШС Тоҷикистон омада буданд, мустақилияти худро нигоҳ надоштааст, бо корхонаҳои мавҷудаи аз рӯйи ихтисос алоқаманд муттаҳид шуданд. Қисми асосии техникаи

эвакуатсияшуда ба вилояти Ленинобод, қисми хурдтараш ба Сталинобод интиқол шуда буд.

Бояд қайд намуд, ки ба душвориҳои солҳои ҶБВ нигоҳ накарда, бо шарофати таҷҳизоти интиқолгардида саноати хӯрокворӣи ҷумҳурӣ хеле тараққӣ кард. Таҷҳизоти заводи консерви Феодосия «Красний Перекоп» аввалин шуда дар ҳудуди комбинати консерви Конибодом гузошта шуд. Он бо 183-нафар коргарону хизматчиёне, ки аз Крим эвакуатсия карда шудаанд [24, в.221], ба ҷумҳуриамон оварда шуд.

Таҷҳизоти комбинати шоҳибофии Москва ба номи А. Шербаков тибқи Қарори Шурои Комиссарони Халқии ҶШС Тоҷикистон аз 5-уми феврали соли 1942 арзиши корҳои асосии дар комбинати абрешим гузоштани таҷҳизоти эвакуатсияшуда 2800 ҳазор рубл муқаррар карда шуд [24, в.43]. Ҳукумати ҷумҳуриамон бо мақсади зудтар аз нав барқарор намудани таҷҳизоти заводи Москва аз маблағи комбинати ғалла 70 метри муккааб масолеҳи чӯбу тахта, 78 тонна оҳак, 2,9 тонна маҳсулоти ниёздошта ва маводҳои дигари лозимаро таъмин намуд [60, с.72].

Ҳанӯз пеш аз ҷанг дар Сталинобод сохтмони заводи пахта сар шуда буд. Босабаби эвакуатсия ба ин ҷо аз фабрикаи ресандагии Люберси қариб 90 вагон таҷҳизоти нопурра ва аз фабрикаи ресандагии Павло-Покровская 47 вагон таҷҳизот оварда шуд. Муҳлати ба кор андохтани комбинат 1-уми октябри соли 1942 пешбинӣ карда шуда буд, ки иқтидори он 34400 шпиндели ресандагӣ ва 844 дастгоҳи бофандагӣ, бо истифода аз таҷҳизоти ресандагии фабрикаи Люберси — 15 ҳазор шпиндел, таҷҳизоти бофандагии «Текстилчии Сурх» — 144 дастгоҳ, заводҳои Октябр — 214 дастгоҳ ва 486 таҷҳизоти бофандагӣ, ки пеш аз ҷанг оварда шуда буд, пурра истеҳсоли маҳсулотро барои фронт оғоз намуд [24, в.170].

Ба туфайли ҷидду ҷаҳди бузурги сохтмончиён 14 марти соли 1942 фабрикаи ресандагии комбинати қолинбофии Сталинобод ба кор даромад.

Дар нимаи дуввуми соли 1942 дар комбинат фабрикаи нави бофандагӣ ба истифода дода шуд. Ба воситаи моҳи ноябри соли 1943 кушода шудани фабрикаи ресандагӣ барои 31,68 шпиндел дар пойгоҳи заводи пахтатозакунии Конибодом бо маҳсули солонаи 250 ҳазор рубл иқтидори истеҳсолии саноати бофандагии ҷумҳурӣ афзуд [25, в.68]. Ғайр аз ин, дар пойгоҳи Исписар, ки пештар дар ихтиёри заводи пахтатозакунии Ленинобод буд, ба заводи мустақили пахтатозакунии Чкалов табдил ёфт.

Ба туфайли ба кор андохтани таҷҳизоти эвакуатсияшуда комбинати абрешими Ленинобод низ васеъ карда шуд. Ин корхона бо меҳнати худи коргарони комбинат қомат рост кардааст. Заводи мазкур аз ҷиҳати таҷҳизоти техникӣ ва ҳаҷми худ он вақт яке аз корхонаҳои калонтарин дар Осиёи Миёна ба шумор мерафт, ки иқтидори шабонарӯзиаш 17 ҳазор метри мукааб буд [97].

Мутаасифона, дар солҳои аввали ҶБВ на ҳама корҳо бо муваффақият ба анҷом мерасид. Камбудӣ, норасоиҳо ва хусусан, нарасидани кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ барои истеҳсоли маҳсулот барои фронт ба назар мерасид. Ғайр аз ин,афзоиши минбаъдаи ҳаҷми маҳсулоти саноат дар ҷумҳурӣ аз нарасидани қувваи барқ ва сӯзишворӣ боздошта мешуд. Барои зиёд кардани иқтидорҳои энергетикӣ ва бо сӯзишворӣ таъмин намудани саноат истгоҳҳои нави электрикӣ сохтан, конҳои ангишту нафтро кушода ва азхуд кардан лозим буд.

Албатта, дар давраи ҶБВ иқтидори истгоҳҳои электрикии дар ҷумҳурӣ мавҷудбуда эҳтиёҷоти саноат, муассисаҳои коммуналӣ ва эҳтиёҷоти аҳолиро ба қувваи барқ пурра қонеъ карда наметавонист. Гарчанде, ки пеш аз оғози ҶБВ ҳам таъминоти аҳолӣ ва хоҷагии халқ бо барқ дар Тоҷикистон ҳалли худро наёфта буд, ин масъала ба муносибати дар ҷумхурӣ ҷойгир кардани корхонаҳои эвакуатсияшуда боз ҳам тезутундтар гардид. Ғайр аз ин дар заводу фабрикаҳо кори ду ва се бастӣ ҷорӣ карда шуд, ки ин бо қувваи барқ

зиёд таъмин кардани сехҳоро талаб мекард. Бо сабаби нарасидани барқ, бекористии таҷҳизот душвориҳои иҷрои нақшаи панҷсола ба амал омад. Дар ҷумҳуриамон маҳдуд намудани тақсим ва истеъмоли қувваи барқ муқаррар карда шуд.

Дар ин шароит дар назди КМ ПК (б) ва Шурои Комиссарони Халқи Тоҷикистон вазифа меистод, ки базаи энергетикии ҷумҳуриро аз ҳисоби сохтмони истгоҳҳои нави электрикӣ зиёд кунанд. Аз ин рӯ, роҳбарияти Тоҷикистон ба Шурои Комиссарони Халқии ИҶШС ва КМ ВЛКСМ дар бораи зарурияти сохтани стансияи электрикии обии Варзоб (навбати дуввум) муроҷиат карданд. Шурои Комиссарони Халқи ИҶШС сарфи назар аз душвориҳои давраи ҷанг имконият пайдо кард, ки маблағи зарурӣ ҷудо кунад. Комиссариати халқии истгоҳҳои электрикии ИҶШС дар ҷумҳурӣ Раёсати сохтмони истгоҳи электрикии обии Варзобро ташкил кард ва маҳз аз ҳамон вақт дар Тоҷикистон тараққиёти саноати электроэнергетика, азхудкунии мунтазами захираҳои гидроэнергетикӣ оғоз ёфт.

20-уми майи соли 1943 сохтмони истгоҳи электрикии дорои иқтидори лоиҳавиаш 13,1 ҳазор киловатт сар шуд [25, в.2]. Ба истифода додани он то охири соли 1944 пешбинӣ карда шуда буд.Сохтмони Неругоҳи барқи обии Варзоб майдони сохтмони босуръати мардумӣ эълон карда шуд. Дар сохтмони он аҳолии деҳу шаҳр – 5500- нафар колхозчиёни манотиқи гуногун ҷалб карда шуданд, ҳазорон нафар сокинони Сталинобод ба корҳои заминкании ин иншоот шуруъ намуданд. Дар баробари ин, аз ноҳияи Варзоб то Зиддӣ сохтмони роҳи оҳани танг оғоз ёфт, ки дар он ҳазорҳо нафар колхозчиён низ иштирок доштанд. Шароити кор дар сохтмонҳо аз ҳама душвор буд, онҳо асосан бо белу кӯрак кор мекарданд, амалан механизму нақлиёт набуд, вазъи таъмини онҳо бо хӯрок, манзил ва сарулибос бад буд. Вале одамон қувваю ғайрати худро дареғ надошта, қаҳрамонии меҳнатии гушношуниде нишон медоданд. Роҳбарияти ИҶШС қаҳрамониҳои

меҳнаткашони ақибгоҳро ба инобат гирифта, барои муваффақиятҳо дар сохтмони НБО 42-нафар бо нишони сарисинагии «Аълочии мусобиқаи сотсиалистӣ» мукофотонида шуданд [98].

Ғайр аз ин, соли 1943 дар Калининобод Неругоҳи барқи обии хурд ба истифода дода шуд. Соли 1943 бо усули сохтмони халқӣ дар Ӯротеппа, Нов, Қурғонтеппа, Кировобод, Комсомолобод ва Кӯлоб сохтмони Неругоҳҳои барқи обии коммуналӣ оғоз шуд.

Дар солҳои охири ҷанг иқтидори ҳамаи НБО дар мамлакат афзуд. Мустаҳкам намудани базаи энергетикӣ барои беҳтар шудани кори корхонаҳои саноатии Тоҷикистон, дар мустаҳкам намудани иқтисодиёти ҳарбии ҷумҳурӣ шароити зарурӣ фароҳам овард.

Хусусан, дар давраи ҶБВ нақши сӯзишворӣ ҳамчун шарти зарурии тараққиёти саноат ва тамоми хоҷагии халқ беандоза афзуд. Бинобар ин, ба кор андохтани конҳои нав вазифаи аввалиндараҷа буд. Соли 1943 сохтмони кони ангишти рақами 3-и Исфара ба охир расид ва дар худи ҳамин сол меҳнаткашон назар ба тамоми соли 1942 70 фоиз зиёд ангишт ҳосил карданд, арзиши аслии ангишт 27,8 фоиз арзон карда шуд. Умуман, дар шахтаҳои Шӯроб истеҳсоли ангишт назар ба соли 1941 афзуда, 42 ҳазор тонна зиёд шуд. Дар кони ангишти навкашфшудаи Зиддӣ 8700 тонна ангишт истихроҷ карда шуд. Дар Равот таҳқиқоти калонтарин кони ангишти коксшавандаи Осиёи Миёна сар шуд [95, с.67].

Аммо ангишти дар ҷумҳурӣ ҳосилшаванда дар шароите, ки ҳам аҳолӣ, саноат ва фронтро таъмин кардан лозим буд, талаботи хоҷагии халқро ба сӯзишворӣ пурра қонеъ гардонда наметавонист. Аз ин рӯ, захираҳои сӯзишворӣ низ аз ҳисоби газ, ҳезум ва торф, ки азхудкунии онҳо дар солҳои ҷанг дар Тоҷикистон сар шуда буд, пурра гардид. Ҳазорон нафар колхозчиён ва сокинони шаҳр ба ин соҳаи муҳимми фронти иқтисодиёт партофта шуданд.

Танҳо соли 1943 бо қувваи меҳнаткашон бештар аз 100 ҳазор мукааб метр торф ҳосил карда шуд.

Дар ҷумҳуриамон ба зиёд кардани истеҳсоли нафт низ диққати доимӣ дода мешуд. Вазифаи асосии нафтчиёни Тоҷикистон иҷрои қарори Кумитаи давлатии мудофиа аз 22-юми сентябри соли 1942 дар бораи ҳарҷониба зиёд кардани истеҳсоли нафт ва коркарди маҳсулоти нафтӣ дар як қатор ноҳияҳои мамлакат буд. Дар ибтидои соли 1943 барои иҷрои ин қарор тадбирҳои амалӣ дида шуданд. Аз ҷумла, ба Комиссариати халқии нафти ИҶШС иҷозат дода шуд, ки дар ноҳияи Исфараи ҶШС Тоҷикистон истихроҷ ва гудохтани озокеритро ташкил кунад. Кони озокерит охири соли 1942 ба кор даромад васоли 1943 дар ин ҷо натанҳо маҳсулоти нақшавӣ, балки зиёда аз нақша ҳам маҳсулот истеҳсол карда шуд.

Дар солҳои ҷанг дар ҷумҳурӣ барои тараққӣ додани металлургия кори бисёре гузаронда шуд, зеро эҳтиёҷот ба маъдани оҳан, сурб, флюорит хеле афзуд. Баъзе корхонаҳои саноати маъдани кӯҳӣ нигоҳ накарда ба шароити душвори давраи ҷанг супориши ба кор андохтани таҷҳизоти интиқолдодашударо бомуваффақият иҷро карданд.

Дар солҳои ҶБВ коллективи заводи «Главредмет», ки ба Тоҷикистон интиқол дода шуда буд(заводи «Б»), онро дар зарфи чанд моҳ дар ҷои нав барқарор карданд. Завод аввалин маҳсулоти худро моҳи феврали соли 1942 ба фронт фиристод. Соли 1943 сохтмони комбинати металлургии Такоб оғоз гардид. Колхозчиёни ноҳияҳои Ғарм, Кӯлоб ва ВМКБ ба сохтмон омаданд. Дар давоми ду соли ҷанг истеҳсоли маъдани кӯҳии ҷумҳурӣ хеле афзуд. Дар Тоҷикистон махсусан, истихроҷи металлҳои нодир афзуд. Ҳамин тариқ, солҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро давраи ибтидои дар ҶШС Тоҷикистон ба вуҷуд омадани саноати сурма ва қалъагӣ ҳисоб кардан мумкин аст.

Дар кори бо озуқа таъмин намудани ҷанговарон ва коргарони фронт саҳми корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва консерви ҷумҳурӣ, ки бо роҳи ба кор

андохтани таҷҳизоти интиқолшуда, такмил додани технологияи истеҳсолот ва ташкили оқилонаи меҳнат ба таври намоён мустаҳкам гардид, ҳиссаи калон гузоштанд. Соли 1942 корхонаҳои консерви Конибодом, Исфара, Чкалов ва Ленинобод аз нав сохта шуданд. Дар ин давра заводи консерву мавизи Ӯротеппа, ки иқтидори истеҳсолии солонааш 2500 тонна мавиз мебошад, ба кор андохта шуд.

Дар солҳои ҷанг сохтмони завод ва фабрикаҳо, ки маҳсулоти онҳо барои фронт фиристонида мешуд, яке аз масъалаҳои афзалиятнок ба ҳисоб мерафт. Дар натиҷаи саривақт ба истифода додани корхонаҳо иқтидори истеҳсолии саноати консерв 3,2 миллион қуттии шартӣ маҳсулот ва 500 тонна помидор афзуд [25, в.10]. Дар назди Комиссариати Халқии саноати хӯроквории якчанд объектҳои саноатӣ, аз ҷумла, соли 1943 заводҳои равғани Кировобод, Шаҳритуз, Фархор ва Регар ба кор андохта шуданд, ки ин иқтидори коркарди тухмии пахтаро хеле зиёд кард.

Мақсад аз овардани маълумоти мухтасар оид ба таъсисёбии корхона ва заводҳои мухталиф дар ҶШС Тоҷикистон дар солҳои ҶБВ аз он иборат аст, ки маҳз кӯчонидан ва сохта ба истифода додани корхонаҳои саноатӣ дар мамлакат заминаҳои бунёдии рушди соҳаҳои дигари саноат ва синфи коргарро фароҳам меорад.

Бояд таъкид намуд, ки дар солҳои мудҳиши ҶБВ истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ дар ҷумҳурӣ на ҳамаи минтакаҳои бинокориро бо маҳсулоти худ таъмин мекард. Гарчанде соли 1942 заводи сементи Сталинобод ба кор даромад, ба ҳар ҳол ба ҳамаи биноҳои нав семент намерасид. Дар баробари ҳамин рафти сохтмони саноатии ҷумҳуриро дар солҳои ҷанг ба назар гирифта, қайд кардан лозим аст, ки аз 1-уми июли соли 1941 аз тарафи давлат бунёд намудани корхонаҳои нави давлатӣ ва кооперативӣ то 1-уми январи соли 1945 75,5 миллион рубл маблағ гузошта шуд [95, с.69]. Натиҷаи ҳамин аст, ки дар баробари ба кор андохтани объектҳои саноатӣ ва корхонаҳои

интиқолшуда фондҳои асосии истеҳсолӣ 42 фоиз афзуд. Дар солҳои ҷанг дар ҷумҳурӣ зиёда аз 20 объекти саноатӣ ба истифода дода шуд.

Дар сохтмони завод писарбачаҳо, занон ва калонсолоне, ки аз деҳаҳои гирду атроф ва дурдаст ба кор ҷалб гардида буданд, бисёр бо ҳавас ва умед ба кор муносибат менамуданд, зеро завод ва ин сохтмон ба онҳо имкониятҳои зиёд медод, аз он ҷумла, хӯрок, либос, дар баъзан мавридҳо ҳатто маош ва муҳимтар аз ҳама ихтисос. Яъне чунин имкониятҳо дар он солҳои ниҳоят душвор на ба ҳар як шаҳрванд муяссар мегардид ва аз тарафи дигар, чунин имкониятҳо, яъне муҳимтар аз ҳама соҳиби ҷойи кор ва ихтисос гардидан дастоварди нодир барои ҳар як шахс ба ҳисоб мерафт. Ба таври дигар қайд кунем, сохтмони чунин иншоот ва ба кор ҷалб кардани шаҳрвандон ба заводҳо боиси ташаккул ёфтани синфи коргар, дигаргун гардидани ҳаёти мардум ва умуман, беҳтар гардидани сатҳи иҷтимоии ҷомеа мегардид.

Ҳамин тавр, сохтмони аввалин курраи сементпазии 25 метраи даврзананда ва нуқтаи истеҳсолӣ 16 феврали соли 1942ба анҷом расида, шаби 17 феврал нахустин сементи тоҷик истеҳсол карда шуд.

Дар аввал ашёи хомро аз кони назди маҳаллаи Қулписта, ки 10 километр дуртар аз комбинат воқеъ буд, истихроҷ карда, тариқи хатти ҳавоӣ ба корхона меоварданд. Қуввати аввалин сементи тоҷик дар як метри мураббаъ ҳамагӣ 150 - 200 кг- ро ташкил медод.

Вақте ки Ҷанги Бузурги Ватанӣ шуруъ  шуд, бисёр бинокорони ҷавон ба ҳимояи Ватан рафтанд. Коргарони заводи семент душвориҳои ҷангро бартараф намуда, бо меҳнати фидокоронаи худ афзоиши истеҳсоли сементро таъмин намуда,  нишондиҳандаҳои дигари иқтисодиро беҳтар карданд.

Пас аз ба истифода додани завод дар як муддати кӯтоҳ дар маҳаллаҳои гирду атрофи он шумораи истиқоматкунандагон аз ҳисоби коргарони завод хеле зиёд мешавад. Ҳатто дар роҳи бунёди манзилҳои истиқоматӣ ва

инфрасохтори дигари маҳалли зисти коргарони завод имкониятҳои зиёд муҳайё менамуд.Даъвати ҷавонон ба майдони ҳарб норасоии қувваи корӣ ва масрафи бештар дар ҷанг сарфакории аз ҳад зиёдро ба миён оварда буд. Чуноне ки дар боло ишора намудем, новобаста аз проблемаҳои ба вуҷуд омада, фаъолияти завод ба таври сарфакорона ба ҳар роҳ монда шуда буд. Маҳсулнокии курраи сементпазии 25-метраи якуми чархзананда дар як соат 2,1 тонна клинкерро ташкил дод. Хошокро бо усули «пур кардани» чанги дар натиҷаи реза кардани ангишт ба даст овардашуда месӯзонданд.

Бояд қайд кард, ки дар ҷараёни истеҳсолот мошини майдакунанда дар як соат то 10 тонна оҳаксангро майда карда метавонист. Суфтакунии клинкерро осиёб 1,5х8 метр ба ҷо оварда, то панҷ тонна маҳсулот дод.Завод соли аввал 6-8 тонна семент истеҳсол намуд, вале бо вусъат ёфтани фаъолияти завод, ин миқдорро аллакай дар ду рӯз истеҳсол мекард.

Пас аз чор соли фаъолияти корхона коллективи он дар мусобиқаи сотсиалистии умумииттифоқӣ ҷойи сеюмро ишғол намуд. Дар заводи мазкур равандҳои технологӣ ба таври автоматӣ идора карда мешуд ва инчунин, партовҳои дигар соҳаҳои саноат (дажголҳои саноати металлургия, хокистари ГРЭС ва ТЭС, фосфогипс ва ғайра) низ истифода бурда мешуд. Нақшаи панҷсолаи 4-ум дар ҶШС Тоҷикистон то 150 000 тонна расонидани истеҳсоли сементро пешбинӣ намуд. Дар охири панҷсола ин нақша барзиёд (170 000 тонна) иҷро гардид [71, с.23].

Аммо чун дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ соҳаи мазкур низ зарар дида, баъзе аз заводҳо ба пуррагӣ валангор ва ё аз фаъолият боз монда, ҳаҷми истеҳсолот коҳиш меёбад ва маблағҳои азхудкарданашуда зиёд мегардад. Чун заводҳои дигари сементбарорӣ заводи сементи Сталинобод низ аз паёмадҳои ногувори Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар канор намемонад. Коҳиш ёфтани шумораи қувваи корӣ, пеш аз ҳама, мутахассисони соҳа, таъмин нагардидан бо ашёи хом ва баъзе аз маводҳои

кимиёвӣ ва таҷҳизоти лозима боиси иҷро нагардидани нақшаи истеҳсоли семент мегардад.

Аҳаммияти хоси бунёди заводи семент дар шаҳри Сталинобод дар чунин шароити душвор дар он аст, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ он ягона корхонае буд, ки бо усули таркунӣ ва шӯридани ашёи хом семент омода карда мешавад, ки ин усули хусусияти асосӣ, фарққунанда аз заводҳои дигари семент ва муаррифгари корхона ҳамчун маҳсулоти дорои сифати ба сулфат тобовар нисбат ба дигар маҳсулоти заводҳои семент, ки бо роҳи гардкунӣ ва хушкнамоӣ истеҳсол менамоянд, ба шумор меравад. Сементи бо ин метод ҳосилшаванда ба маротиб сифати беҳтар ва тобоваранда нисбат ба усули хушккунонидашуда ба ҳисоб меравад. То қатъ гардидани лулаи гази табиӣ дар даврони истиқлол пухтани клинкер (ашёи хоми дар оташдон пухташуда) дар оташдонҳои даврзанада бо истифодаи гази табиӣ ба роҳ монда мешуд. Манбаи асосии ашёи хом барои истеҳсоли сементро оҳаксанги кони Харангон, магнетити Бувак ва гилҳои Варзоб ташкил медиҳад. Фаровон будани чунин ашёи хоми ватанӣ омили дигари рушди истеҳсоли семент ва баланд гардидани сифати он гардидааст. Ғайр аз ин корхонаи мазкур дар пешрафти соҳаи сохтмон ва саноат саҳми назаррас гузошта, бо маҳсулоти баландсифати худ муҳимтарин иншооти мамлакат, корхонаю заводҳо, роҳу нақбҳо, биноҳои истиқоматӣ ва амсоли онро таъмин мекард.

Дар маҷмуъ, бояд қайд намуд, ки зарурати бунёди заводи семент дар Тоҷикистон дар солҳои душвори Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар таъмини корхонаҳои саноати сохтмон ва таъмини фронт бо истеҳсоли маҳсулоти ин заводу фабрикаҳо бошад, дар давраи баъдиҷангӣ муҳимтарин иншооти ҷумҳурӣ, аз қабили неругоҳҳои барқӣ обии Норак, Роғун, Бойғозӣ, Сангтӯда, роҳҳои нақлиёт, қатора ва дигар корхонаю иншооти истиқоматӣ ва маишӣ маҳз бо маҳсулоти заводи сементи ш. Душанбе бунёд гардидааст.

## 1.2. Рушди истеҳсоли семент дар давраи баъдиҷангӣ ва аҳаммияти он дар пешрафти соҳаи сохтмон ва саноат

Дар давраи азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ баъзе аз заводҳои мавҷуда таъмир ва баъзеи дигар аз сифр бунёд гардида, боиси дар як давраи кӯтоҳ рушд намудани саноати семент мегардад. То ибтидои соли 1950 дар миқёси ИҶШС сохта ба истифода додани заводҳои сементи Пикалевск, Белгород, Қараганда, Ангара, Чимкент, Уляновск, Сталинобод боиси рушди босуръати соҳа гардида, аллакай соли 1952 Иттиҳоди Шуравӣ аз ҷиҳати истеҳсоли семент аз Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва Британияи Кабир пеш гузашта, дар ҷаҳон ба ҷои 1-ум мебарояд. Рушди саноати семент дар ҶШС Тоҷикистон, ки узви ҷудонашавандаи ИҶШС ба ҳисоб мерафт. Бо дарназардошти мавҷуд будани захираҳои табиӣ, ҷинсҳои карбонатӣ ва гилдоранд ба соҳаи мазкур чун дигар ҷамоҳири собиқ Шуравӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешуд.

Дар давраи барқарорсозии баъдиҷангӣ, пеш аз ҳама, афзоиши хаҷми истеҳсоли худи махсулот, ки дар роҳи саноатикунонии мамлакат хеле зарур буд, боиси ташаккул ёфтани фаъолияти завод мегардад. Бо ба инобат гирифтани ҳамин талабот зарурати зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот пеш меомад, ки масъулияти заводро дар солҳои 50-уми асри гузашта боз ҳам мушкилтар менамуд. Аз тарафи дигар, кафолати маҳсулот дар назди бинокорон ва сохтмончиён роҳбарияти заводро ба ташвиш меовард. Аз ин лиҳоз, вазифаҳои баланд бардоштани сифати семент ва бо хосиятҳои махсус истеҳсол кардани он  мунтазам  хусусияти ҷиддӣ касб менамуд ва чуноне ки дар боло зикр намудем, боиси ташаккулёбии фаъолияти завод мегардид.

Ин буд, ки соли 1945 ҳаҷми истеҳсоли семент дар заводи сементи Сталинобод то ба 1845 ҳазор тонна мерасад [29, с.1]. Мувофиқи маълумоти бойгонӣ оқибатҳои манфии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва таъсири он ба заводи сементи Сталинобод то охири солҳои панҷоҳум идома

кардааст [29, с.4]. Пас аз анҷом ёфтани Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳанӯз дар солҳои аввали давраи азнавбарқароркунӣ норасоии коргарон, мутахассисон ва техникаҳои лозима то андозае бартараф гардида, фаъолияти завод густариш меёбад. Танҳо дар соли 1946 ҳаҷми семент дар заводи мазкур ба даҳ ҳазор тонна мерасад, ки нисбат ба солҳои қаблӣ дастоварди назаррас ба ҳисоб мерафт [29, с.5]. Бино ба маълумоти манбаи болозикр (Ҳисоботи солонаи Заводи сементи Сталинобод барои соли 1947) дар заводи мазкур соли 1947 маблағи барзиёд маҳсулот харидорӣ шуда, 115914 маблағи зарар ё норасоӣ ба 90312 ва маблағи азхудкарданашуда бошад, ба 6384 ҳазор рубл баробар шуда буд [29, с.6]. Вале дар давраи азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ, ки асосан барномаҳои махсус ҷиҳати бартараф кардани оқибатҳои ҷанг, барқарорсозии фаъолияти корхонаю заводҳо ва афзун намудани ҳаҷми истеҳсолот, инкишоф додани иқтисодиёти мамлакат ва ба ин васила беҳтар намудани вазъи иҷтимоии мардум пешбинӣ шуда буд, бо ҷудо гардидани маблағҳои ҳаҷман зиёд кӯшишҳои шабонарӯзӣ ба харҷ дода мешуд. Аз ин раванд заводи сементи Сталинобод дар канор намонда, дар муддати кӯтоҳ фаъолияти густурда ба роҳ монда, ҳаҷми истеҳсоли сементро ба маротиб зиёд мекунад. Соли 1948 корхона азнавсозӣ гардида, дарозии курраи сементпазии 25 метра ба 36 метр расонда шуд. Коллективи корхона баъди чор соли ба кор андохта шуданаш дар мусобиқаи сотсиалистии умумииттифоқӣ ҷои сеюмро гирифт. Иқтидори лоиҳавии ибтидоӣ, ки дар як сол 150 ҳазор тонна семент муайян карда шудааст, баста шуд. Завод соли 1950 ба иқтидори лоиҳавии худ мерасад.

Аллакай соли 1952 дар охири квартали сеюм нақшаи солонаро сад фоиз иҷро мекунад. Сарфи назар аз ин пешравиҳо ҳанӯз ҳам норасоии мутахассисон яке аз мушкилиҳо дар назди заводи мазкур боқӣ мемонд [30, с.6]. Аз ибтидои моҳи майи соли 1953 зиёда аз 200 адад нақлиёти

сабукрав ва боркаш, тракторҳо, эксковаторҳо ва намуди дигари техникаю таҷҳизот, қисмҳои эҳтиётӣ ва лавозимоти кимиёвӣ, моддаҳо ва маводҳои зертаркиби семент ба заводи мазкур дастрас карда мешавад, ки боиси беҳтар гардидани имкониятҳои корӣ ва рушди истеҳсолоти семент мегардад. Масъалаи норасоии мутахассисон ва қувваи корӣ низ дар ин сол қариб ҳалли худро меёбад, бо зиёд кардани воҳидҳои корӣ шумораи кормандони завод дар аввали соли 1953 ба 277 нафар мерасад. Чун солҳои қаблӣ соли 1949 якчанд нафар мутахассисони ҷавон Ф.М.Рябухин, З.Беднова, И.З.Ҳафизов, И.Шамсутдинов ва дигарон курсҳои семоҳаи муҳандисиро дар шаҳри Москва аз рӯйи ихтисоси истеҳсоли намудҳои семент ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ хатм намуда, ба заводи сементи Сталинобод сафарбар мегарданд, аммо ин ҳанӯз ҳам мушкилии норасоии мутахассисони соҳаро бартараф карда наметавонист. То ибтидои соли 1953 оҳиста-оҳиста проблемаи норасоии мутахассисон бартараф гардида, ҷалб гардидани мутахассиони соҳа аз ҷумҳуриҳои дигари собиқ Иттиҳоди Шуравӣ потенсиали кадрии заводро беҳтар менамуд ва зимнан аз шумораи 277 корманди завод аксари мутахассисонро хатмкардагони Коллеҷи техникии Саратов, Институти техникӣ-кимиёвии Ленинград, Институти технологии Чимкент, Техникуми Новосибирск, Коллеҷи техникии Москва ва ғайраҳо ташкил медод. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи касбият ва корӣ дар давоми солҳои 1950 19-нафар, соли 1951, 26-нафар, соли 1952, 28 ва то соли 1953 дар маҷмуъ 73- нафар корманд ва мутахассис ба курсҳои такмили ихтисос ва курсҳои азнавтаёркунӣ аз рӯйи ихтисоси ронандаи нақлиёти боркаш, трактор, эксковатор, кафшергар, ёрдамчии муҳандис, борбардор ва ғайраҳо фаро гирифта мешаванд, ки ин раванд солтосол сатҳу сифати кории кормандони заводро беҳтар мекард [31, с.3]. Ба ин қаноат накарда, соли 1954 бо мақсади

баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии завод, боз корҳои азнавсозӣ ба роҳ монда мешавад.

10 –уми апрели соли 1954 бо фармони Вазорати саноат ва масолеҳи сохтмони ИҶШС таҳти № 247/к. М.П.Селянина аз вазифаи директори сементзаводи Душанбе озод гардида, ба ҷойи ӯ Ю.В. Терлига таъин мегардад, ки солҳои директории ӯро давраи ташаккулёбии заводи мазкур ба қалам додаанд [31, с.126]. Мувофиқи ҳисоботи солонаи заводи мазкур аллакай аз 1 июли соли 1955 нақшаи солона 110,4% иҷро гардидааст, ки 18788 ҳазор рублро (асъори ИҶШС) ташкил медод, ки нисбат ба соли 1954 23,6% барзиёд истеҳсол гардидааст.

Соли 1956 дар корхона хати дигари технологӣ ба кор андохта мешавад. Курраи сементпазии дуюми даврзананда, ки дарозиаш 35 метр буд, бо иқтидори 3,3 тонна дар як соат ба кор медарояд. Пас аз як соли фаъолият ҳаҷми истеҳсоли семент дар курраи сементпазии мазкур аллакай соли 1957 то ба 4,1 тонна семент дар як соат расонида мешавад.

Умуман, солҳои 1955-1960 дар заводи куҳна ду курраи сементпазии даврзананда ба кор андохта шуд, ки истеҳсоли семент дар як сол ба 197,4 ҳазор тонна расонда мешавад.

Ҳукумати ҷумҳурӣ соли 1957 қарор қабул кард, ки истеҳсоли маҳсулотро боз ҳам васеъ карда, иқтидори онро дар як сол то ба 735 ҳазор тонна расонад. Ҳамин тавр, худи ҳамон сол дар шафати заводи куҳна сохтмони боз як корхонаи истеҳсоли ҳамин маҳсулот оғоз меёбад.

Дастгириҳои Иттифоқ ва Ҳукумати ҶШС Тоҷикистон имконияти солтосол зиёд гардидани ҳаҷми маҳсулотро фароҳам меовард. Ҳамин тавр, ҳаҷми истеҳсоли семент соли 1958 ба 26616 тонна баробар гардида, нақшаи солона 106,4% иҷро мегардад, ки нисбат ба соли 1957 9907 тонна зиёд мебошад [32, с.11]. Бо афзоиш ёфтани истеҳсоли семент фаъолияти нуқтаи (сех) истеҳсоли шиферҳои асбестӣ, ки аз қисмҳои заводи сементи

Сталинобод маҳсуб меёфт, густариш ёфта, нисбат ба солҳои қаблӣ ҳаҷми истеҳсоли шиферҳои асбестӣ низ зиёд мегардад. Масалан, мувофиқи маълумоти бойгонӣ нақшаи истеҳсоли шифери асбестӣ дар соли 1958 107,4% ё 24756 бастаи шифер, ки нисбат ба соли 1957 3215 баста зиёд буд, баробар мегардад [33, с.51]. Лозим ба ёдоварист, ки заводи семент дар охири квартали дуюми соли 1958 бо сипосномаи Раиси Шурои вазоратҳои ҶШС Тоҷикистон сарфароз мегардад. Зеро дар соли зикргардида танҳо аз ҳисоби захираи маблағҳо ва сарфаю сариштакории роҳбарияти завод 600 тонна семент истеҳсол карда шудааст [33, с.51].

Соли 1957 Ҳукумати Тоҷикистон оид ба васеъ кардани корхона ва ба 735 ҳазор тонна семент расондани иқтидори он дар як сол қарор қабул кард [28, с.7], ки ин икдом яке аз қадамҳои устувор дар роҳи ташаккул додани корхона ба ҳисоб мерафт.

Соли 1959 дастовардҳои корхонаи сементи Сталинобод ва талабот ба масолеҳи сохтмонӣ, хоса семент аз мавзуъҳои меҳварии матбуоти даврӣ мегардад. Яке аз рӯзноманигорони ҷавон, Раҳимҷон Каримов, борҳо ба ин коргоҳ рафта, дар мақолаҳояш фаъолияти онро инъикос намудааст, ки маҷмуи мақолаҳои ӯ дар очерки «Сементи тоҷик» рӯйи чоп омадааст. Мисли ин мақолаҳои дигари рӯзноманигорон ба монанди «Субҳи нақшаи ҳафтсола» ва ғайраҳо дастовардҳои ҳаррӯзаи корхонаи сементи Сталинободро инъикос менамуданд. Аз мутолеаи гузоришҳою мақолаҳои дар матбуоти даврии соли 1959 рӯйи чопомада, эҳсос карда мешавад, ки то чӣ андоза сохтмон ва ташаккул додани заводи истеҳсоли семент муҳим будааст. Чуноне ки гуфта шудааст: «...Ҳамагӣ ҳабдаҳ сол муқаддам дар ҷумҳурӣ семент набуд, - менависад Раҳимҷон Каримов, -вай аз хориҷа оварда мешуд, вале раванди пурталотуми сохтмонҳо дар Тоҷикистон зарурати бунёди заводи сементро талаб мекард. Захираи калони оҳаксанг ва дигар компонентҳои семент дар

кишвар барои тараққӣ додани саноати семент заминаи мустаҳкам ба шумор мерафт [28, с.32].

Чизи дигареро, ки рӯзноманигор Каримов қайд кардааст, зарурати вусъат додани фаъолияти завод ва автоматикунонӣ намудани раванди истеҳсолот ба шумор мерафт. Мавсуф таъкид менамояд: «...дар карерҳо дар ибтидо ҳосил кардани ашёи хом дар баъзе мавридҳо ба воситаи қувваи даст иҷро карда мешуд. Раванди истеҳсоли семент пурра автоматикунонида ба назар намерасид, курраи сементпазии даврзананда низ ба дастгоҳҳое, ки ба таври автоматӣ идоракунии курраҳои сементпазиро таъмин карда тавонад ниёз дошт. Барои вусъат бахшидани фаъолияти завод ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот осиёбҳои пуриқтидор лозим буд» [28, с.14]. Ана он чиро, ки журналист соли 1959 дар заводи сементи Сталинобод дида буд, чун шоҳиди воқеаҳои таърихӣ зикр намудааст.

Оғози иншооти муҳимми кишварро ба эътибор гирифта,соли 1959 дар истеҳсолоти № 1- и корхона аз тарафи мутахассисони Ҷумҳурии Чехия таҷдиду азнавсозӣ шуда, то солҳои 80-ум асри XX истеҳсоли семент дар ин корхона то ба 1 миллион тонна расонида шуд.

Дар солҳои 1955- 1960 боз ду курраи сементпазии даврзананда ба кор даровarда шуд, ки ин дар навбати худ маҳсулотро дар як сол то 197, 4 ҳазор тонна семент оварда расонд. Азбаски суръати сохтмон дар ҷумҳурӣ хеле меафзояд, завод аз уҳдаи таъмин намудан бо семент намебаромад.

5-уми сентябри соли 1960 сохтмончиён пеш аз муҳлат, яъне дар давоми ҳаждаҳ моҳ (дар нақша ҳафтсола буд) январи соли 1961 курраи сементпазии даврзанандаи 129 метраро ба кор андохтанд, ки иқтидори истеҳсолии он дар як соат 20,8 тоннаро ташкил мекард. Соли 1960 курраи сементпазии чархзанандаи куҳнашудаи 25 метра барҳам дода шуда, ба ҷои он курраи сементпазии нави 60-метра гузошта мешавад, ки истеҳсоли клинкерро дар як рӯз то 312 тонна мерасонад. Пас аз ба истифода додани заводи нави семент

(соли 1960) истеҳсоли семент ба маротиб афзуда, акнун дар давоми ду ҳафта корхонаи нав ҳамон қадар маҳсулот медод, ки заводи куҳна дар давоми тамоми сол истеҳсол мекард.

22-юми  сентябри соли 1960 собиқ ҷонишини сардори раёсати молия ва хоҷагии сементзаводи Душанбе ба вазифаи директори заводи мазкур таъин мегардад. Дар давраи директории ӯ, мувофиқи ҳисоботи солонаи Вазорати саноат ва масолеҳи сохтмонии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 бо васеъ гардидани қисмҳои таркибии завод, яъне сохта ба истифода додани курраи сементпазии нави сементистеҳсолкунӣ ва шифербарорӣ ҳаҷми истеҳсоли завод ба маротиб меафзояд [34, с.9]. 26-уми декабри соли 1960 роҳбарияти заводи мазкур барои натиҷагирӣ аз вазъи иҷрои  нақшаи солона дар квартали якум, сметаи хароҷотӣ, маблағҳои масрафшуда ва аз худкарданашуда дар ҳайати як гурӯҳи корӣ таъсис медиҳад. Комиссияи мазкур арзиши маҳсулоти истеҳсол намудаи нуқтаи шифербарориро ба 1274267 рубл (асъори ИҶШС) баробар арзёбӣ намуд, ки мувофиқи хулосаи комиссия ин натиҷаи баланд дар фаъолияти завод маҳсуб мегардид [34, с.9].

Мувофиқи директиваҳои Съезди XX-уми Ҳизби Коммунистии Иттифоқи Шуравӣ ва нақшаи панҷсолаи 6-ум дар шаҳри Душанбе сохтмони заводи нави семент, ки аз 4 хати технологӣ иборат буд, оғоз шуд. Сентябри соли 1960 навбати якуми Заводи нави сементи Душанбе ба кор даромад ва истеҳсоли семент то 134,2 ҳазор тонна афзуд [34, с.11].

Соли 1961 барномаи муттаҳид намудани заводи наву куҳна ва комбинати асбести қубур ва бомпӯшҳои асбестӣ фаъолияти заводро густариш дода, муттаҳидии коллективи бузургро ба миён меоварад. Аз ҷониби  дигар фаъолияти комбинати истеҳсоли қубур ва бомпӯшҳои асбестӣ ва заводи семент, ки вобастаи ҳамдигар буданд, фаъолияти муштараки самарабахшро ба роҳ мемонанд. Ба як комбинати ягона муттаҳид намудани ду корхона имконият дод, ки истеҳсоли маҳсулот дар як сол аз 650 ҳазор

тонна ба 900 ҳазор тонна зиёд карда шавад. Истеҳсоли қубурҳо ва бомпӯшҳои асбестӣ ба маротиб меафзояд. Худи ҳамон сол заминаи муттаҳидшавии ду корхона, комбинати сементу шифери Душанбе ба вуҷуд меояд, ки дар маҷмуъ комплекси бузурги саноатиро ташкил медоданд.

Соли 1962 дар заводи нави Душанбе хати дуюми технологӣ (иқтидораш соле 375 ҳазор тонна) ва дар заводи якуми сементи Душанбе хати нави технологӣ (иқтидори солонааш 140 ҳазор тонна) ба истифода дода шуд. Сохта ба истифода додани заводи нав фаъолияти заводро дар маҷмуъ даҳчанд вусъат бахшида, онро ба яке аз корхонаҳои азими ҷумҳурӣ табдил медиҳад. Курраи сементпазии бузурги даврзананда, ки иқтидори онҳо то андозае буд, ки метавонистанд яксола кори курраи сементпазии заводи куҳнаро дар як ҳафта иҷро намоянд. Ҳамин тавр, дар як сол боз ду хати истеҳсолӣ аз ҷониби мутахассисони Чехословакия сохта, ба кор андохта мешавад. Соли 1963 дар заводи асбосемент ду хати дигари бомпӯшҳои асбестӣ ба истифода дода мешавад, ки иқтидори онҳо дар якҷоягӣ то ба 75 миллион плитаи бомпӯшӣ расонида мешавад.

Дар тараққии босуръати саноати сементи Тоҷикистон Қарори Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Иттифоқи Шуравӣ ва Шурои Вазирони Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ «Оид ба тадбирҳои минбаъд таъмин намудани тараққии саноати семент ва беҳтаргардонии кори он» аз 27-уми апрели 1957 аҳаммияти калон дошт. Мувофиқи ин қарор Заводи сементи Душанбе аз нав таҷҳизонида ва васеътар карда шуд. Соли 1960 дар заводи мазкур хати сеюми технологӣ ба кор даромад. Баъдан мувофиқи директиваҳои Съезди XX-уми Ҳизби Коммунистии Иттифоқи Шуравӣ ва нақшаи панҷсолаи 6-ум дар шаҳри Душанбе сохтмони заводи нави семент, ки аз 4 хати технологӣ иборат буд, оғоз гардид. Сентябри 1960 навбати якуми Заводи нави сементи Душанбе ба кор даромад ва истеҳсоли семент то 134,2 ҳазор тонна афзуд [34, с.11]. Соли 1962 дар заводи нави Душанбе хати дуюми

технологӣ (иқтидораш соле 375 ҳазор тонна) ва дар заводи якуми сементи Душанбе хати нави технологӣ (иқтидори солонааш 140 ҳазор тонна) ба истифода дода шуд.

Дар натиҷаи рушди босуръати саноати семент истеҳсоли семент дар ҷумҳурӣ афзуда, агар соли 1958 аз  ҷумҳуриҳои дигари иттифоқӣ 200 ҳазор тонна семент гирифта бошад, соли 1963 ба ҷумҳуриҳои иттифоқӣ 510 ҳазор тонна семент фиристодааст. Баробари пурра фаъолият намудани заводи мазкур аллакай баъди солҳои 70-ум ҶШС Тоҷикистон дар байни ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна аз рӯи ҳаҷми истеҳсоли семент ҷои 2-юмро (баъд аз ҶШС Ӯзбекистон) ишғол мекард [34, с.12].

Комбинати сементу шифери Душанбе аллакай дар охири солҳои 60 ҳаҷми истеҳсолоти сементро ба 940 ҳазор тонна, бомпӯшҳои асбестиро 270 миллион дона ва қубурҳои асбестиро бошад, ба 1660 километр мерасонад, ки ин дастоварди бузург дар соҳаи саноати мамлакат ба шумор мерафт. Васеъ шудани фаъолияти ҳар ду заводҳо роҳбарияти иттиҳодияро водор месозанд, ки фаъолияти заводҳоро мустақилона ба роҳмонанд ва имкониятҳои боз ҳам зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот ва боз ҳам беҳтар намудани сифати маҳсулотро фароҳам оваранд. Аз ин лиҳоз, моҳи январи соли 1967 ба ду корхонаи мустақил тақсим шудани завод, яъне заводи семент ва маснуоти асбестӣ амалӣ мегардад.

Аввали солҳои 70-ум дар натиҷаи ба роҳ мондани корҳои azнавсозӣ ва автоматикунонии истеҳсолот рушди боз ҳам бештари суръати истеҳсолот ба вуҷуд меояд, масалан, нуқтаи истеҳсолии майдакунӣ ва тозакунӣ акнун дар як соат 180 тонна оҳаксангро коркард ва майда менамуд, ки назар ба солҳои қаблӣ 72 баробар зиёд буд. Истеҳсолоти ашёи хом бошад, назар ба истеҳсолоти ашёи хоми заводи кухна 18 баробар зиёд гил мебаровард. Дар натиҷаи автоматикунонӣ ва таҷҳизонидани завод бо дастгоҳҳои муосир ва пуриқтидор завод бори аввал ба марраи миллион мерасад. Аниқтараш соли

1970- 871, 7 ҳазор тонна ва аллакай соли 1975, 1 миллиону 10 ҳазор тонна семент истеҳсол менамояд. Сифати семент хеле беҳтар гардида, ба ду навъи семент нишонаи сифат дода мешавад [81, с.6-7].

Дар ин вақт мусобиқа оид ба ихтирокорӣ ва сарфаю сариштанамоӣ рушд мекунад. Масалан, дар соли 1980 бо ворид намудани 24 пешниҳодҳои ихтироъкорон 59,3 ҳазор рубл сарфа карда мешавад. Дар завод ҷиҳати ноил гардидан ба дастовардҳо ва барзиёд иҷро намудани нақша, ба технологияи замонавии ба талабот ҷавобгӯ, ки ҳам раванди корро суръат мебахшид ва ҳам ба сифати маҳсулот беҳбудӣ меафзуд, диққати бештар дода мешуд. Барои ноил гардидан ба чунин дастовардҳои беназир, бисёре аз коргарони завод бо мукофотҳои давлатӣ, ордену медали хизмати шоиста ва сипосномаҳои роҳбарияти завод, вазорат ва ҳукумат сарфароз гардидаанд [81, с.9].

Яке аз дастовардҳо ва хусусияти хоси истеҳсолии заводи сементи Душанбе дар он буд, ки соли 1985 портландсементи басулфаттобавари корхона дар шаҳри Мадриди Испания соҳиби мукофоти байналхалқии «Сифати тиллоӣ» гардида буд.

Собиқ директори генералии заводи мазкур нафаре, ки умри худро дар роҳи рушди соҳаи семент бахшида, дар пешрафти соҳа ҳиссаи арзанда гузоштааст, яъне Парто Сатторов оид ба матлаби боло чунин иброз намудааст: “...имрӯз дар ҷумҳурӣ ҳеҷ як иншооте нест, ки бидуни маҳсулоти комбинати сементи Душанбе бунёд гардида бошад. Маҳсулоти заводи мазкур ҳатто дар иншооти муҳимми ҷумҳуриҳои ҳамсояи мо, хусусан, Ӯзбекистон ва Туркманистон низ фаровон истифода гардидааст” [81, с.14].

Дар соли 1989 корхона 1 миллиону 130 ҳазор тонна семент истеҳсол намуд, ки ин нишондиҳандаи баландтаринидастовардҳои истеҳсолии корхона мебошад. Вале, бо пош хӯрдани ИҶШС ва таъсисёбии ҷомеаи соҳибистиқлол, кишвари мо ба ҷанги шаҳрвандӣ мувоҷеҳ мегардад, ки бар асари он тамоми соҳаҳои хоҷагии мамлакат зиёни ҷиддӣ мебинанд. Заводи

сементи Душанбе низ аз оқибатҳои харобиовари ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар канор намонда, натанҳо суръати пешинаи истеҳсолотро аз даст медиҳад, балки ба ғасб ва ғорати бераҳмона гирифтор мегардад. Кормандони собиқадори завод худмуҳофизаткуниро дар завод ташкил медиҳанд, ки ақалан дастгоҳҳои асосии марказӣ аз ғорат эмин монад, аммо ин кӯшишҳо на ҳамавақт кумак карда метавонист. Бар асари беҳокимиятиҳои солҳои ҷанги шаҳрвандӣ нақлиёти боркашу сабукрав, техникаю таҷҳизоти истеҳсолӣ мавриди ғорат қарор дода мешавад, ки баъдан Ҳукумати мамлакат ҷиҳати барқарор намудани хисороти ба вуҷудомада маблағи беҳад зиёд ва солҳои зиёдро сарф намуд, то заводро ба ҳолати пештара, то қадри имкон баргардонад.

Бешубҳа, таҷлили фаъолияти беш аз нимасраи завод, худ инъикосгари як ҷузъи таърихи ватанӣ ва ё ин ки таърихи саноати мамлакат ба ҳисоб меравад. Ба тамоми душвориҳое, ки дар ибтидои солҳои 90-ум ба сари он омада буданд, иттиҳодия бо дастгирии ҳукумати мамлакат вазифаҳои мураккабтарин ва масъулиятноктаринро ба зимма гирифта, оҳиста- оҳиста аз вазъияти бухронӣ то андозае мебарояд.

Бо мурури сипарӣ гардидани як давраи кӯтоҳи таърихӣ, новобаста аз вазъияти душвори бавуҷудомада, (қатъ гардидани гази табиӣ аз ҷониби Ӯзбекистон) рушди корхонаро бо ҳар роҳу восита (ҷалби сармоягузорони чинӣ ва ватанӣ ва гузаронидани завод ба сӯзишвории ангиштсанг) таъмин менамояд.

Аз ҷиҳати сифати истеҳсоли семент заводи сементбарори Душанбе дар байни давлатҳои Шуравӣ ҷойи дуюмро ишғол мекард. Завод дар солҳои Шуравӣ қариб 100% талаботи дохилаи давлатро таъмин намуда, аз ҷумла иншооти калонтарини кишварба монанди Неругоҳи барқи обии Норак, Бойғозӣ, Варзоб, нақби обгузари 14- километраи Данғара, Ёвон ва як қатор корхонаҳои азими ҷумҳуриро ба монанди Ширкати Арзизи тоҷик,

кимиёзаводи Ёвон ва ғайра, сохтмон ва бунёди як қатор манзилҳои истиқоматии пойтахт ва шаҳракҳо дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва инчунин, интиқоли он берун аз марзи кишвар ба давлатҳои ҳамсоя аз сементи аълосифати ин корхонаи азим таъмин карда мешуд.

Ҳамин тавр, наздики 80 сол аст, ки заводи мазкур фаъолият дорад ва чуноне ки дар боло қайд намудем, таи ин муддат дар рушди соҳаҳои дигари саноат, хусусан, сохтмон ва бинокорӣ саҳми назаррас гузоштааст. Имрӯз низ сементи истеҳсол намудаи корхонаи сементбарории Душанбе, ки беҳтарин навъи семент (марка 500) дониста мешавад, дар иншооти бузурги давлатӣ, назири неругоҳҳо, роҳу нақбҳо ва ғайраҳо истифода мешавад. Бо тавсияи коршиносони ватаниву хориҷӣ навъи сементи истеҳсолкунандаи корхонаи мазкур кайҳост диққати ҷумҳуриҳои ҳамсоямонро ҷалб намудааст. Бояд қайд намуд, ки сарватҳои табиӣ, пеш аз ҳама, обу хоку санги ватанӣ ва истифодаи оқилонаи онҳо (сохта ба истифодаи додани неругоҳҳо ва корхонаҳои сементбарорӣ) ояндаи дурахшони кишвари маҳбубамонро фароҳам хоҳад овард, ки бавосита он Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт ҷойгоҳи махсусро дар минтақа касб хоҳад намуд.

Оид ба фаъолияти истеҳсолии корхонаи сементи Душанбе ҳаминро қайд кардан мумкин аст, ки дар ҳама ҷо блокҳои оҳаксанг аз автосамосвалҳо ба бункер холӣ карда мешаванд. Конвейер гӯё бо дастони худ ин блокҳоро рахна карда, ба гулуи мошини чоҳпартоӣ мепартояд. Аз ин ҷо санги майдашударо боз ба конвейери дигар даровара, ба осиёби болғакашӣ ва баъд ба элеватор меоранд, ки дар он ба охаксанг санги гаҷ ва лесс илова карда мешавад. Ҳамаи ин дар осиёбҳои махсус майда карда, ба массаи моеъ-лой табдил меёбад. Дар натиҷаи оташфишонӣ лой ба клинкер табдил меёбад [81, с.33].

Дар бораи хусусияти техникии фаъолияти завод қайд кардан лозим аст, ки дар сеххо ҳарорат ба 1400 дараҷа мерасад. Курраи сементпазии бо сӯзишвории моеъ кор мекунанд, ки он дар ин ҷо дар зери фишори баланд ба воситаи найчаи металлӣ дода мешавад. Танӯр бемалол чарх мезанад, клинкер оҳиста-оҳиста ба сӯрохии қад-қади нишебиҳо расида, ба аробаҳо мерезад. Баъд дар майдони васеъ хунук шуда, ба бункери хатти нави автоматӣ медарояд, ки аз он ҷо сементи тайёр мебарояд [121, с.4].

Дар корхона ҳамарӯза панорамаи аҷоиби сохтмонро дидан мумкин буд. Дар тумани кабуд, ҷангалҳои заводи силикатӣ ғарқ мешуданд, бункерҳои заводи бетонии ёрирасон наздиктар мерафтанд. Дар наздикии майдони сохтмон-қисмҳои азими якпорча, конструксияҳо, кранҳои манорадор дар болои арматураҳои нотамом, самосвалҳо аз пеш мегузаштанд ва дар назди бинои истеҳсолии сеошёна ғурриши бетонрез дида мешуд” [121, с.5].

Дар қад-қади Варзоби тезутунд, дар чанголи сангҳо барои коркарди аввалини оҳаксанг, кон ва машинаҳои майдакунанда сохта шуданд. Миллиардҳо тонна ашёи хомро анборҳои дараи Харангон медиҳад. Дар ҳама ҷо каҳрамонии коргаронро дидан мумкин буд [124, с.9].

Ба қавли рӯзноманигор, Раҳимҷон Каримов, курраи сементпазии даврзананда дили корхона ба ҳисоб меравланд. Онҳо дар ҳавои кушода сохта шуда, бинандаро ба ваҷд меоваранд. Онҳо ба таври ғайриоддӣ, ҷойгир шудаанд, оҳиста-оҳиста, дар назари аввал ба таври ноаён бо ёрии ҳалқаҳои азим давр мезананд. Ашёи хоми сӯхташуда тадриҷан ба механизмҳои борфарорӣ мегузарад. Ду курраи сементпазии пуриқтидортарин, ки дар аввали солҳои 60-ум ба кор даромаданд, бо ёрии мутахассисони Чехословакия васл карда шуданд. Ин воқеаест, ки дар ҳақиқат, аҳаммияти калон дорад. Ба кор андохта шудани онҳо ҳосилнокии кори сехи курраи сементпазиро якбора 20 баробар баланд бардошт. Журналисти чехословак Богуслав Хнеупек, ки ҳамчун ходими намоёни сиёсӣ, вазири корҳои хориҷии

мамлакати худ, ки дар он солҳо ба Душанбе сафар карда буд, дар бораи ҳамватанони худ, ки дар монтажи таҷҳизот барои сементчиёни Душанбе ёрӣ расонданд, бо ифтихор навиштааст: “Дар Тоҷикистон мо мутахассисони чехословакӣ, ки дар сохтмони заводи семент дар Душанбе иштирок кардем, ин ифтихори бузург аст ва миннатдории роҳбарияти завод ва ҶШС Тоҷикистон фахри моро дучанд мегардонад”. [81, с.34].

Курраи сементпазиро бригадаи монтажчиёни пуртаҷрибаи Чехословакия, аз он ҷумла, устоди ин соҳа А. Преров, ки таҷрибаи бузург доштанд, васл карданд. Бинобар ин, минбаъд агар дар завод коргаре корҳои васлу насбкуниро хуб иҷро мекард, «чехсловакӣ» гуфта ба ӯ садо мекарданд.

Тибқи тавсифи рӯзноманигорон васлу насби курраи сементпазӣ кори осон набуд. Дар наздикии курраҳои сементпазии даврзанандаи баистифодадодашуда, кор кардан ниҳоят душвор буд. Танӯр, ҳатто дар масофаи дур бошад ҳам, гармии бениҳоят сӯзон медод. Дар назди курраи сементпазии сеюми аллакай баохиррасида, курраи сементпазии чорум васл карда шуд. Дар зери офтоби сӯзон монтажчиён ҳарисона чой фурӯ мебурданд. Онҳо бо кафшерчиён, ки пешдоманҳои чармин ба бадани арақини худ часпонда буданд, аз одам дида, бештар ба арвоҳ монанд буданд, китф ба китф кор мекарданд [28, с.15].

Бояд қайд намуд, ки ҳар як корхона қаҳрамонҳои истеҳсолии худро дорад, ки маҳз саҳми онҳо дар дастовардҳои коллектив назаррас аст. Яке аз онҳо Эдуард Ногил мебошад, ки дар Душанбе аз ибтидои сохтмон дар ин ҷо кор мекард, Франтисек Валек, ки рост аз монтаж аз Покистон ба ин ҷо омадааст, электромонтёр Антон Хуравӣ, ки дар сохтмонҳои нисфи кураи замин, аз Чин то Булғория сафар кардааст, механизатор Ладислав Стибор, ки чӣ дар заводҳои сементи Чехословакия ва чӣ дар сохтмонҳои Корея машҳур аст ва дигарон аз зумраи мутахассисони варзидаи чехословакӣ буданд, ки дар

бунёди заводи нав ва умуман ташаккулёбии фаъолияти завод саҳми арзанда гузоштаанд [121, с.4].

Заҳмати содиқонаи онҳо диққатро ба худ ҷалб менамуд ва роҳбарияти мамлакат кӯшиш ба харҷ медод, то аз тамоми имкониятҳо истифода намуда, барои эшон имтиёзҳо, барномаҳои фароғатӣ ва дигар имкониятҳои дигарро фароҳам оварад.

“Ду рӯз бо онҳо дар гирду атрофи майдони сохтмон гаштам, ки атроф бо пардаи ғубори сементӣ пӯшонида шуда, пойҳоям дар чангу хокистар ғарқ шуда, зери нурҳои марговари офтоби Осиёи Марказӣ ҳолатам бад шуда буд. Бегоҳӣ, ки хаста шуда, ба манзараи дилрабои кӯҳистон, ки мисли паси саҳнаи театрӣ, рост дар паси заводи семент ба назар мерасид, таваҷҷуҳ намуда, ҳамроҳи онҳо худамро ба меҳмонхона кашола кардам, танҳо ду орзу доштам, нӯшидан ва хобидан. Ман ин ҳолатро дар онҳо низ мушоҳида намудам. Вале онҳо низ оҳиста- оҳиста ба ҳавои сӯзони Душанбе одат карданд. Дар аввал зуд- зуд оби хунукро менӯшиданду ҳеҷ аз ташнагӣ раҳо намешуданд, баъд мисли корагрони маҳаллӣ ба нӯшидани чойи гарм дар ҳавои тафсон шуруъ намуданд. Ё ин ки дар аввалҳо аз гармии зиёд хоб рафта наметавонистанд ва худро дар об тар менамуданд, ки баъзанвақт мариз низ мешуданд. Аммо онҳо ҳанӯз ба бисёр чиз одат накарда буданд ва бисёр чизро намедонистанд, вале бо мурури замон ба ҳама чиз одат карданд ва новобаста аз чунин мушкилот содиқона кор мекарданд” [81, с.36].

Барои он, ки онҳо тибқи муҳлати муқарраркардаи ҳукумат корро ба анҷом расонанд, аз таҳти дил заҳмат мекашиданд ва ҳамин тавр ҳам карданд, курраи сементпазии сеюмро то нимаи моҳи июл ба охир расониданд ва мувофиқи шартнома 5 рӯз пеш аз муҳлат ба кор андохтанд. Курраи сементпазӣ айнан мисли механизми соат кор мекард. Ҳама чиз дуруст буд ва онҳо тасмим гирифтанд, ки пас аз озмоиш понздаҳуми июл соати 10-и бегоҳ онро дубора фурӯзон кунанд ва мавриди истифода қарор диҳанд [28, с.15].

Манзараи шаби ба истифода додани курраи сементпазии сеюмро рӯзноманигор бо як ҳаяҷон чунин инъикос намудааст: “Ҳамин тавр танӯр пас аз озмоиш хомӯш шуд ва соати даҳ чизе сар шуд, ки дар Душанбе ба наздикӣ овоза пайдо хоҳад кард. Аз директор сар карда, то посбон ҳар касе, ки имкон дошт, қатор истода, шоҳиди ин воқеъ будан мехостанд. Ақрабаки соат ёздаҳро нишон дод. Пас аз ним соат насосҳо ба кор даромаданд, клапанҳо ва отелҳои ёрирасон кушода шуданд. Ақрабаки соат бемайлон ба дувоздаҳ наздик мешуд. Мазут дар зери фишори бист атмосфера ба курраи сементпазӣ дохил карда шуд. Вай дарҳол аланга зад.Эдуард Ногил фармони ба кор даровarданро дод, ҳама овози ларзишашро шуниданд. Танӯри азим оҳиста-оҳиста гардон шуд ва дарҳол ба кори ритмикӣ шуруъ намуд. Коргарони дар даруни чангу хокистар ифлос, чанголуд ва хоболуд-тоҷикон, русҳо, ӯзбекҳо, қирғизҳо, чехословакҳо бо ҳиссиёт ба ҳамдигар суҳбат мекарданд. Ногил шишаи шампонро ба танаи курраи сементпазии навзод мепошид ва бо тамоми қувва ва эҳсосот фарёд мекард: “Барои дӯстии абадии халқҳои Чехословакия ва Иттифоқи Шуравӣ!”

Ҳамин тариқ, сохтмони заводи семент дар Душанбе рӯзи охирини моҳи сентябр ба охир расид. Коргарон мукофотонида шуданд, мутахассисони Чехословакия миннатдорӣ баён мекарданд. Онҳо дар сохтмони ин иншооти азими Осиёи Миёна як маротибаи дигар аз озмоиш гузаштанд ва таҷрибаи худро бой намуданд. Охир ҳар як танӯри чехословакҳо ҳар рӯз назар ба пешбинишуда панҷоҳ тонна зиёд семент истеҳсол мекард [81, с.37]. Дар фарҷоми ин матлаб рӯзноманигор бисёр бамаврид таъкид менамояд, ки хотираҳо бо пардаи фаромӯшӣ пӯшида мешаванд. Рӯзҳои ҳаяҷонбахши сар додани "сегона" ва шабҳои зилзилаҳои панҷбалла ва гармии тоқатфарсоро вақт аз хотираҳо пок мекунад [94, с.3].

Солҳои 70-ум дар хотир коллективи заводи сементи Душанбе ба қавле «миллионер» шуда буд. Истеҳсоли солонаи маҳсулот ба як миллион тонна

расид. Бо вуҷуди ин корхонаҳои сементбарорӣ пайдарпай зиёд кардани истеҳсоли маҳсулотро пешбинӣ карда, сифати онро беҳтар менамоянд.

Бисёр коргарон ва коркунони техникӣ дар такмил додани таҷҳизот, механиконӣ ва автоматкунонии равандҳои истеҳсолот, сарфаи ашёи хом, сӯзишворӣ ва қувваи барқ, такмил додани технологияи истеҳсоли семент ҳисса мегузоштанд. Дар ҳамаи сеххо таклифҳои навоварӣ аз тарафи гурӯҳи ихтироъкорон пешниҳод карда мешуд. Онҳо ба беҳтар намудани кори завод ва ба кор андохтани роҳи ҳавоӣ, осон кардани кор ва танзимгарони курраи сементпазии даврзананда, автоматикунонидани боркардан ва вусъат додани кори осиёбҳо ва ба тартиб андохтани ҳарорати гармӣ саҳми худро мегузоштанд. Танҳо дар солҳои 1970-1975 аз се ду ҳиссаи пешниҳодҳои ихтироъкорони завод дар истеҳсолот ҷорӣ карда мешавад.

Мутахассисон, роҳҳои ҳалли проблемаҳоро пешбинӣ менамуданд ва дар истеҳсолот истифода намудани пешниҳодҳои онҳо натиҷаи самарабахш медод.

Матбуоти ҷумҳурӣ дар бораи корнамоиҳои навоварони истеҳсолот бо ифтихор хабар медоданд. “Инак, як гурӯҳ коргарони фабрика бо сардории собиқадори корхона Г. Тронин бе хароҷоти иловагӣ ба баланд шудани суръати истеҳсоли клинкер ноил гардиданд. Дар натиҷа, курраи сементпазӣ ҳосилнокии меҳнатро дар як соат ду тонна зиёд кард. Навоварони дигар, Ш. Ривоятов ва В. Еремин, дастгоҳи оригиналӣ ба вуҷуд оварданд, ки он ба осон шудани кори курраи сементпазии даврзананда ёрӣ расонд. Сифат ҳам беҳтар мегардид. Дар сехи оташфишонии рақами 1 навоварон ба муътадил гардондани қувваи электрикӣ таъмин намудани курраи сементпазӣ, кам кардани сарфаи сӯзишворӣ ва қувваи электрикӣ муваффақ шуданд. Дар ин ҷо ҳам чунин пешниҳод ба амал меояд, бо такягоҳҳои пуриқтидор иваз кардани сутунҳои курраи сементпазӣ” [81, с.41].

Бояд гуфт, ки азнавсозии корхона ҳаргиз қатъ намегардад. Баъди ба кор даромадани заводи нав акнун барнома оид ба кам кардани арзиши аслии меҳнати дастӣ аз ҷониби навоварони завод пешниҳод карда мешавад, ки ин ҳам натиҷаи дилхоҳ медиҳад.

Муҳофизат аз чангу ғубори семент мушкилии асосии корхона ба шумор мерафт, ки натанҳо коргарони завод, балки сокинони пойтахтро низ ба ташвиш меовард. Бо ин мақсад сехи компрессорӣ аз нав сохта мешавад. Натиҷа ҳамин мешавад, ки чанги истеҳсоли семент акнун ба воситаи филтрҳои пуриқтидор гирифта шуда, бо ҳавои фишурда ба курраи сементпазӣ бармегардад. Дар кори истеҳсолот устоҳо, Николай Шулев ва Анатолий Картавих, мошинисти курраи сементпазии даврзананда, Салих Содиқов, навоварони истеҳсолот, Виктор Карпеев ва Герман Тронин, ҳиссаи калон мегузоранд. Механизаторони таъмиркунанда, Владимир Безруков ва Анатолий Безруков, номи худро ба фонди тиллоии завод дохил карда, кори пай дар пайи ҳамаи звеноҳои занҷири технологиро таъмин мекунанд [93, с.6].

Дар корхона шуҳрати Саттор Ҷалилов, ки 12 таклиф оид ба зиёд намудани ҳосилнокӣ намудааст, намоён аст. Натиҷаи ҳамин навовариҳо буд, ки дар корхона солхои 1975-1980 ҳосилнокии меҳнат то ба 1,8 фоиз баланд мегардад. Аз ҳисоби азнавсозӣ ва нав кардани дастгоҳҳо, ҷорӣ намудани системаи автоматикунонӣ соле ба ҳисоби миёна то 10 ҳазор тонна зиёд шудани сементро фароҳам меоварад.

Роҳбарии курраи сементпазии рақами 1, ки чанд сол боз «ботлоқ» ҳисоб меёфт, ба Виктор Карпеев, ки пеш мошинисти курраи сементпазии даврзананда шуда кор мекард, супурда мешавад. Таҷриба ва салоҳияти роҳбари нав ба зудӣ натиҷаҳои рӯҳбаландкунанда меорад. Сех истеҳсоли клинкерро хеле зиёд мекунад. Сех се курраи сементпазии даврзанандаро азнавсозӣ мекунад. Мувофиқи тавсияи олимон навигариҳои гуногун ҷорӣ

карда мешавад. Ҳамаи ин кумакҳо имкон медиҳад, курраи сементпазӣ аз ҳолати вазнин берун ояд.

Ба коргарони завод ёрии олимон-кимиёгарон, геологҳо пайваста лозим буд. Чунин ҷамъияти эҷодӣ ба коллектив имкон медод, ки бисёр мушкилоти мавҷударо бартараф намоянд. Масалан, кимиёгарон Т. Дӯстмуродов, М. Голубев ва Ф. Когай дар мавзуи «Барои баланд бардоштани устувории семент ва сарфаи онҳангоми ҷорӣ намудани иловаҳои кимиёвӣ ба сементи тамоман навъи мустаҳакам ноил мегарданд.

Омехтаи бетонӣ бо портландсементи М-400 дар ҳавои гарм ва хушк бо мурури замон дар натиҷаи гидратсия ва ҷойгиршавии семент, ки бо ҳарорати баланд алоқаманд аст, инчунин, дар натиҷаи бухоршавии интенсивии оби омехта ҳаракатнокии худро гум мекунад. Аз ин лиҳоз, гурӯҳи навоварон пешниҳод менамоянд, ки омехтаҳои бетониро дар сурате зиёд кардан мумкин аст, ки агар ба онҳо иловаҳои пластификаторӣ- пластификаторҳои декстрин ва суперпластификаторҳо дохил карда шаванд.

Таҳқиқоти олимон нишон дод, ки дар сурати оптималии риояи ин иловаҳо дар омехтаи бетонӣ аз портландсементи М-400 бетони навъи М-500 гирифтан мумкин аст ва бо нигоҳ доштани бренди бетон сементро то ба 15 фоиз сарфа кардан мумкин аст.

Дар таърихи фаъолияти худ заводи мазкур аз рӯи сифат ҷойи намоёнро чи дар дохили мамлакат ва чи дар хориҷ аз он касб намудааст ва нигоҳ доштани ҳамин мавқеъ ҳам дар замони Шуравӣ ва низ пас аз он яке аз масъалаҳои муҳим дар назди роҳбарияти завод ба ҳисоб мерафтааст. Исботи ин гуфтаҳо аз он ҷост, ки аксарияти роҳбарони завод дар давраи директории худ, ки бештар ба хати истеҳсолӣ диққати махсус равона мекарданд, ба шуъбаи истеҳсолӣ, ки фаъолияти он ба сатҳ ва сифати семент вобаста аст, аҳаммияти бештар зоҳир менамуданд, то ин ки клинкери мутобиқ ба талабот истеҳсол гардад. Оид ба ин масъала собиқ директори генералии завод Парто

Сатторов қайд намудааст “...дар шуъбаи суфтакунӣ клинкерро баъди хунуккунӣ ва ба он илова кардани гаҷ ва баъзе аз маҳлулҳои дигар дар осиёбҳои пуриқтидор майда намуда, ба ҳолати хока табдил дода, сипас онро мерезанд. Баъд аз он  насосҳо сементи ҳосилшударо ба зарфҳои оҳану бетонӣ, ки то 25 метр баландӣ ва ғунҷоиши то ба 2500 -4000 тонна сементро доранд, мекашад. Хусусияти сифати сементи заводи мазкур низ дар ҳамин зоҳир мегардад, яъне семент дар ин завод бо методи таркунӣ, шӯридани ашёи хом ва дар курраи сементпазии тафсон дар ҳарорати ниҳоят дараҷа баланд пухтани он омода мегардад, ки ин метод аз дигар заводҳо ба куллӣ фарқият дорад” [34, с.24].

Хуллас, истеҳсоли семент дар айни замон бо тамоми ҷузъиёташ ва умуман раванди истеҳсоли он пурра ба таври автоматӣ иҷро карда мешавад ва бо техникаи навтарин механиконида шудааст. Ин дастовард хизмати шоистаи роҳбарият ва коргарони завод аст, ки кори дастгоҳу механизмҳоро худашон бо ихтирокорию ташаббуси кордонӣ, ба амал баровардани таклифҳои эҷодии худ пайваст карда тавонистанд.

Коргарони бисёр қисмҳои истеҳсолӣ дар солҳои фаъолияти худ чӣ қадар таклифҳову навоварӣ ва ихтироот нишон доданд. Агар ҳамаи натиҷаҳои ҷустуҷӯи эҷодиро ҷамъбаст кунем, пас танҳо барои тавсифи онҳо ҷилдҳои бисёр лозим меояд. Устоҳои завод ба он камбудиҳое, ки дар кори ҳар як машинаю механизм ҷой доштанд, бепарво буда натавонистанд. Коркунони муҳандисию техникӣ ва умуман коргарон кӯшиш намудаанд, ки дар кори механиконӣ ва автоматӣ кунондани ҳамаи равандҳое, ки бо меҳнати дастӣ иҷро карда мешаванд, ҳиссаи худро гузоранд. Фикри техникии навоварон ба такмили таҷҳизот, баланд шудани самараи истеҳсолот ва арзон шудани арзиши аслии маҳсулот мусоидат кард.

Яъне ташаккулёбии фаъолияти истеҳсолии завод самараи меҳнати шабонарӯзии коргарони он аст ва то ба ин сатҳ расидани он низ натиҷаи

талошҳои ҳукумати мамлакат дар замони соҳибистиқлолӣ дар роҳи муҷаҳҳаз намудани завод бо техникаю дастгоҳҳои замонавӣ маҳсуб меёбад. Чи дар даврони  Шуравӣ ва чи дар замони соҳибистиқлолӣ дар пешрафти фаъолияти завод ва ба дастовардҳои назаррас ноил гардидани он саҳми ҳар як нуқтаҳои истеҳсолии завод, пеш аз ҳама, роҳбарони қисматҳои асосии хати истеҳсолӣ ба назар мерасад. Аммо чуноне ки дар боло ишора намудем, завод низ чун дигар соҳаҳои хоҷагии мамлакат давраи мудҳиш, яъне солҳои ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронида, бар асари он мутахассисони зиёди ватанӣ ва хориҷиро аз даст медиҳад ва дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ проблемаи асосӣ низ ҳамин норасоии мутахассисони соҳибтаҷриба ба ҳисоб мерафт, зеро тарки соҳа намудани мутахассисони ватанию хориҷии соҳамушкилии асосиро дар роҳи истеҳсоли сементи босифат эҷод менамуд. Вале, хушбахтона, дар ду даҳсолаи охир мутахассисони ватанӣ зимоми идорӣ ва истеҳсолиро пурра ба зиммаи худ гирифта, чун солҳои Шуравӣ сементи навъи 400 ва ҳатто 500 истеҳсол намуда истодаанд, ки қариб тамоми иншооти хусусияти стратегидошта бо сементи заводи мазкур бино шуда истодаанд. Яъне бо шарофати истиқлолият дубора сатҳу сифати истеҳсолии худро дарёфт намуд.

Чи дар замони Иттиҳод ва чи истиқлол сифати маҳсулот аз озмоишгоҳҳои завод бармеомад, зеро дар он ҷо мутахассисон бо таркиби маҳсулот сарукор гирифта, қувваи тобоварӣ ва мустаҳакамии сементи истеҳсолшавандаро муайян менамоянд. Лозим ба ёдоварист, ки замони ворид шудан ба озмоишгоҳи физикӣ- техникии завод зикри амали хайри ду нафар мутахассиси варзида, ки умри худро дар роҳи беҳтар гардидани сифати семент ва ба роҳ мондани методҳои нави ташхиси маҳсулот аз забони аксарияти коргарони соҳибтаҷриба шунида мешавад. Лидия Гавриловна Гончарова ва Любов Ивановна Нухолова аз зумраи ашхоси болозикр мебошанд. Хусусан Любов Ивановна Нухолова баъди ба нафақа баромадани

устодаш, Лидия Гавриловна Гончарова, роҳбарии озмоишгоҳро ба зимма гирифта, дар муддати 26 соли фаъолияти худ пайваста назорати сифати маҳсулотро ба роҳ мондааст. Инчунин, мавсуф шогирдони зиёдеро дар ин самт омода намудааст, ки эшон низ бо анҷоми рисолати содиқона аз худ ҳиссаи арзанда боқӣ гузоштанд. Нина Тимофеевна Ксенофонтова ва Алла Ивановна Мискевич аз зумраи онҳо мебошанд. Ҳарду мутахассис охири ҳаёти худро дур аз Душанбе гузарониданд, аммо ҳамеша бо собиқ ҳамкорон ва роҳбарияти завод алоқаи доимӣ доштанд. Соли 1992, ки 50-солагии корхона таҷлил шуд, Мискевич ва Ксенофонтова ба шаҳре омаданд, ки барои онҳо хеле азиз буд ва дар таҷлили солгарди завод ширкат варзиданд [34, с.26].

Бар асари ҷанги шаҳрвандӣ норасоии мутахассисон дар озмоишгоҳҳои завод нисбат ба  нуқтаҳои дигари истеҳсолӣ ба назар мерасид, яъне аз 45 воҳиди кории озмоишгоҳ нисфи он холӣ шуда буд, аммо новобаста аз он фаъолияти шуъбаҳои озмоишгоҳ қатъ нагардид ва коргарон назорати сахттаринро иҷро менамуданд. Ҳама чиз ҳар рӯз таҳлил карда мешуд-ҳам хамир, ки аз кони Харангон меояд, ҳам майдаи сангу оҳан, ҳам клинкер ва ҳам маҳсулоти тайёр. Барои ба даст овардани сементи баландсифат кӯшиш ба харҷ дода мешуд, ки бояд ҳама чиз, яъне чӣ оҳаксанг ва чӣ калтсию магний дар таносуби қатъӣ гудохта шавад. То чӣ андоза ба сифати маҳсулот, тобоварӣ ва мустаҳкамии он итминон бояд дошт ва то кадом андоза сифати он қонекунанда аст? Бино ва ё иншооте, ки бунёд мегардад, то кадом андоза мустаҳкам аст ва он бино намеафтад, ба одамон хавф таҳдид намекунад ва кӣ ин кафолатро медиҳад? Яъне бисёр масъулият ва ҷавобгарии вазнин дар назди коргарони шуъбаи истеҳсолӣ ва пеш аз ҳама, озмоишгоҳ меистад. Зеро посухин ҳама аз таркиби маҳсулот ва ташхису коркарди он вобастагӣ дорад. Ғайр аз ин, ташхиси маҳсулот пайдарпай дар озмоишҳои физикӣ-механикӣ, таҳлили спектралӣ, таҳқиқотӣ ва кимиёвӣ, ки дар Москва ва Харков

гузаронида мешуд, масъулияти роҳбарияти завод ва пеш аз ҳама, коргарони озмоишгоҳи физикӣ- механикии заводро дучанд менамуд. Барои ин кор аксар вақт мутахассисон аз  шаҳрҳои дигари пасошуравӣ даъват карда мешуданд. Аммо мутахассисони маҳаллӣ низ дар донишкадаю донишгоҳҳои Душанбе ва  шаҳрҳои дигари Иттиҳоди Шуравӣ соҳибкасб гардида, дар озмоишгоҳ таҷриба меандӯхтанд ва нозукиҳои корҳои ташхисӣ, хусусан истеҳсоли сементи марка “400”-ро, ки ба қавле маҳсулоти брендиикорхона маҳсуб меёфт, меомӯхтанд. Худи Любов Ивановна низ аз тоҷикистониёни русзабон аст, ки техникуми индустриалии Душанберо хатм карда, то ба дараҷаи роҳбари озмоишгоҳ расидааст ва ҳамеша худро мутахассиси душанбегӣ эътироф менамуд [34, с.27].

Мушкилоти корхона дар солҳои охир аз истеҳсоли металлургия гирифтани шлак (майдаи оҳан) буд. Ин ҷузъи зарурии клинкер қаблан аз Қазоқистон оварда мешуд. Аммо бо пошхӯрии Иттиҳод ва канда шудани робитаҳои иқтисодӣ, қимати баланди ҳамлу нақл, раванди коркарди он солҳо халалдор шуд. Акнун ҳамон кадрҳои маҳаллӣ, ки як қисми онҳо бо кумакҳои моддии пайвастаи завод таҳсили донишгоҳҳо намуда, таҷрибаи лозимӣ андӯхта буданд, дар ҳамин вазъияти душвор саҳми худро гузоштанд. Пешниҳод намуданд, ки дар асоси корҳои геологӣ ва ташхисҳои озмоишӣ намунаи чунин сангро, ки дорои магнетит бошад, бояд аз кишварамон пайдо намоянд ва  чунин ҳам карданд. Геологҳо бо коркунони озмоишгоҳ якҷо корро ба роҳ монданд. Аз яке аз конҳои маъдани кӯҳӣ намунаҳо оварда шуданд. Дар озмоишгоҳ намуна пайдо карда шуд ва он ҳамчун таркиби клинкер интихоб гардид. Баъди майда кардан омехтаи хом ба даст омад. Вақте ки онҳо сементи навро барои озмоиш бурданд, маълум шуд, ки сифати он аз пештара дида ягон фарқият надорад. Акнун азхудкунии кони нав ва гирифтани иҷозатномаи истифодаи он пеш омад ва Любов Ивановна дар манзили истиқоматии худ, ки роҳбарияти завод ба ӯ тухфа намуда буд,

нишаста натиҷаи озмоиши сифати маҳсулоти бадастомада ва зарурати азхудкунии кони навро ҳамчун мутахассис таҳия ва пешниҳод менамояд ва ин масъала низ ҳалли худро меёбад [34, с.28].

Яке аз кормандони пешқадами завод Ғаффор Лоиқов, дар он солҳое, ки корхона марҳалаҳои муҳимми сохтмони калонро аз сар мегузаронд, ба кор омад. Дар пеши назари ӯ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд, ки дар навбати аввал ба аз нав таҷҳизонидани техникӣ хизмат мекарданд. Ин дигаргуниҳо афзоиши ҳаҷми маҳсулотро пешгӯӣ менамуданд. Ҳаҷми пай дар пай афзудани сохтмон дар ҷумҳурӣ масъалаи зиёд кардани истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ ва дар навбати аввал сементро ба миён гузошт.

Натиҷаи ҳамин барномаи автоматикунонӣ заводро ҳамқадами замони муосир ва муҳимтар аз ҳама ба яке аз комплексҳои истеҳсоли семент, қубурҳои асбестӣ, бомпӯшҳои асбестӣ, ғишт ва амсоли он табдил дод. Дар фарқият ба солҳои 40-ум, ки дар завод ҳамагӣ атрофи 70 кас кор мекарду бештари равандҳо дастӣ анҷом дода мешуд ва соле ҳамагӣ 16,5 тонна семент истеҳсол мекард аллакай хеле пешрафта буд. То ин дам, аллакай дар солҳои 50-ум, ки аллакай се курраи сементпазии даврзананда ба кор даромад ва истеҳсоли солонаи он ба 190 тонна семент расид, вазъияти хеле тезутунд низ ҳис карда мешуд. Зеро таъминоти ҷумҳурӣ пурра баровардa намешуд. Аз шаҳрҳои дигари собиқ Шуравӣ семент ба Тоҷикистон ворид карда мешуд.

Танҳо баъд аз бо техникаи навтарин, бо таҷҳизоти навтарин мусаллаҳ гардондани корхона рушди бемайлони истеҳсолот ба миён омад. Ҳамаи сеҳҳо азнавсозӣ гардиданд ва ё ин ки пурра аз нав сохта шуданд. Тамоми раванди истеҳсолот, аз коркарди оҳаксанг оғоз карда, то нуқтаи кӯҳӣ механиконида шудаанд. Мутахассисони бисёр корхонаҳои ба ҳам алоқаманди Русияю Украина ва ҷумҳуриҳои дигари Иттифоқи Шуравӣ ба завод омаданд.

Коллективи пурқуввату дӯстонаи корхона тамоми ҷидду ҷаҳди эҷодии худро ба такмил додани таҷҳизоту механизмҳо, барои бартараф намудани нуқсонҳо камари ҳиммат мебастанд. Дар рафти корҳои азнавсозӣ коркунону мутахассисони техникӣ таҷрибаи пурқимати истеҳсолӣ ҳосил карданд. Нишондиҳандаҳои ҳаҷм ва сифати маҳсулот назар ба нақша зиёд мегардад. Масалан, яке аз навовариҳои солҳои 70-умро номбар мекунем: иловаи омехтаи хоми электротермофосфорӣ имконият дод, ки маркаи сементи тоҷик хеле баланд бардошта шавад. Ин навигарӣ ба шарофати иттифоқи эҷодии сементчиён ва олимон ҷорӣ карда шуд [81, с.31].

Баъдан, Ғаффор Лоиқов, ки ба ҳайси мутахассиси варзида машҳур гардидааст ва аз мактаби махсуси истеҳсоли семент гузаштааст, ҳамчун мудири шуъбаи савдои маҳсулот қайд менамояд, маҳсулоти сементчиёни Душанбе дар куҷо истифода мешавад? Пас аз ин савол мавсуф посух медиҳад, ки пеш аз ҳама, маҳсулоти мо дар иншооти муҳимми давлатӣ ва хусусияти стратегидошта истифода карда мешавад. Бештар аз ҳама дар корҳои сохтмонӣ дар худи ҷумҳурӣ сементи маркаи «300» истифода мешавад. Комбинатҳои қубуру бомпӯшҳои асбестӣ барои истеҳсоли маҳсулоти худ сементи махсус мегиранд. Бомпӯши асбестии СВ-40, қубурҳои асбестии бефишор ва ба фишор тобовари диаметрашон аз 100 то 400 миллиметр низ аз сементи махсуси завод истифода менамоянд, ки талабот ба ин масолеҳ бениҳоят зиёд аст. Барои сохтани иншооти гидротехникӣ сементи аз ҳама муҳимтарин, ба сулфат тобовари тамғаи (марка) 400 истифода мешавад. Сементи Душанбе дар сохтмони неругоҳҳои машҳур, монанди Нораку Бойғозӣ, Роғун ва Сангтӯда истифода мешавад. Обу намак, чунон ки маълум аст, бо мурури замон ҳатто сангро «мехӯрад». Сементи ба сулфат тобовари тамғаи (марка) 400 бошад, ки бори аввал дар заводи сементи Душанбе истеҳсол карда шудааст, ба ҳамаи ин ва беш аз ин ҳам тобовар аст.

Ба ҷуз аз иншоот ва сохтмонҳои ҷумҳурӣ берун аз мамлакат низ барои ба даст овардани сементи заводи Душанбе дархостҳои зиёд мегирем. Русия, Ӯзбекистон, Туркманистон, Афғонистон ва Эрон аз зумраи кишварҳое мебошанд, ки барои харидории семент ба мо дархост мефиристанд.

Сирри ин натанҳо дар дасти заррини сементчиёни пойтахти Тоҷикистон ва ё ин ки натанҳо дар технологияи мукаммал, балки аз методи коркарди ашёи хом, то омода намудани семент ва ашёи хоми ватанӣ вобастагӣ дорад.

"Сифати семент, - мегӯяд Лоиқов, аз ҳар ҷиҳат аз оҳаксанг вобаста аст. Чунин маводе, ки мо ҳамагӣ ҳашт километр дуртар аз корхона дорем, шояд дар ҳеҷ ҷои ИДМ пайдо нашавад" [32, с.32].

“Таҳлили озмоишгоҳҳо тасдиқ мекунад, ки оҳаксанги Харангон чунон аз элементҳои лозимии кимиёвӣ бой аст, ки дар он амалан ҳамаи элементҳои ҷадвали даврӣ мавҷуданд. Таркиби сифатии онро мутахассисон бо чунин рақамҳои калон баҳо додаанд, 96 фоиз” [32, с.33]. Дар натиҷаи ҳамкориҳо мо барои завод таҷҳизотро ҳамеша аз заводҳое, ки бо мо ҳамкорӣ доранд, аз он ҷумла, Русия, Белоруссия, Украина, Латвия, Литва, Эстония, Қазоқистон ва Ӯзбекистон меоварем [32, с.39].

Лоиқов 35 соли ҳаёташро дар завод гузаронида, дар рушди завод ва умуман, соҳа саҳми арзанда гузоштааст. Ҳатто дар солҳои вазнини ҷанги шаҳрвандӣ, новобаста аз авзои нобасомони мамлакат, ҷиҳати қатъ нагардидани ҳамкориҳо бо заводҳои сементи собиқ Шуравӣ ва аз фаъолият намондани баъзе аз нуқтаҳои истеҳсолӣ кӯшишҳои зиёд анҷом додааст.

Коллективи иттиҳодия дар рӯзҳои сангини ибтидои солҳои 90-ум масъулияти вазнинро ба дӯш гирифта, пеши роҳи азбайнравии корхонаро гирифтанд. Аммо бо мурури замон ҳама душвориҳо паси сар гардиданд ва имрӯз чун пештара заводи сементи Душанбе шарики рақобатпазири заводҳои сементи Русия, Ӯзбекистону Қазоқистон, Қирғизистону Туркманистон ва давлатҳои дигари иттиҳод буда, бо корхонаҳои истеҳсоли сементи Эрон,

Яман ва корхонаҳои дигари соҳавии хориҷи дур ва наздикшартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонидааст.

Дар анборҳои Харангон барои як аср ба қадри кифоя оҳаксанг мавҷуд аст. Тибқи маълумоти геологҳо, захираи оҳаксанг барои ду даҳсолаи фаъолияти ин корхона бо иқтидори солона то 1 миллион тонна семент кофӣ хоҳад буд. Инчунин, роҳи ҳафткилометраи Харангони Дара низ идома дорад, ки имконияти ба даст овардани кони бузурги ашёи хомро фароҳам меоварад. Магнетити сифати баланди 96% ва фаровонии оҳаксанги аз ҳама моддаҳои кимиёвӣ бой имкони дар оянда боз ҳам вусъат додани соҳаро дар кишвар фароҳам овардааст.

Чуноне ки қайд намудем, бо ба даст омадани аввалин имкониятҳо корхона алоқаи худро бо корхонаҳои дигари сементбарории ИДМ барқарор намуда, бо Пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотии «Семент»-и Русия, заводҳои сементбарории Бекобод, Безмейинский, Канский, Чимкент робитаҳои судманд дорад. Бо корҳонаҳои ба ҳам алоқаманди Озарбойҷон ва Арманистон муносибат ва ҳамкории хуб ба роҳ мондааст. Дар натиҷаи ба роҳ мондани чунин ҳамкориҳо таҷҳизоту маводҳои лозимӣ аз Челябинск ва Волгоград, Қазону Красноярск ва шаҳрҳои Белоруссия оварда шуд, ки иқтидори истеҳсолии корхонаро боз ҳам беҳтар менамояд.

Акнун завод имкониятҳое, ки дар даст дошт, истифода намуда, рӯзазрӯз ҳаҷми истеҳсолотро зиёд ва сифати онро беҳтар менамуд. Аз рӯи хатти истеҳсолӣ, яъне чуноне ки собиқ директори машҳури завод П.Сатторов тавсиф намудааст: “...дар кони маъданҳо таркишҳои пурзур садо медиҳанд”. «Белаз»-и пуриқтидор ва экскователи азимҷусса оҳаксанги аз кӯҳ ҳосилшударо ба бункерҳои майдакунанда мебарад. Массаи майдашуда ба воситаи тасма ба сехи ашёи хом дода мешавад. Хокаи тайёр бо намии 36,6 фоиз ба воситаи насосҳо ба курраи сементпазӣ рехта мешавад. Дар ҳарорати 1580 дараҷа, массаи хом ба маҳсулоти нимтайёр - клинкер табдил меёбад. Ба

сехи суфтакунӣ клинкери то 100 - 120 дараҷа хунукшуда дохил мешавад ва пас аз майдакунӣ семент истеҳсол мегардад. Чунин аст пайдарҳамии занҷираи равандҳои истеҳсолӣ.

Бояд қайд намуд, ки Сатторов Парто барои хизматҳои бузург дар тараққиёти саноати масолеҳи бинокории ҷумҳурӣ бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, бо медалҳои "Барои меҳнати шуҷоатнок" ба шарафи 100-солагии рӯзи таваллуди В.И. Ленин ва бисёр ифтихорномаҳои фахрӣ мукофотонида шудааст. Ин ҳама қадрдонӣ аз он вобаста буд, ки ӯ дар тӯли фаъолияташ, хусусан, дар солҳои директори завод буданаш саҳми ниҳоят беандоза мегузорад. Ба ӯ шаҳрванди фахрии шаҳри Норак низ дода мешавад.

Яке аз чунин нафароне, ки дар фаъолияти завод саҳм гузоштааст, Вафоев Алим Хаятович маҳсуб меёбад, ки мавсуф соли 1961 Институти сохтмони муҳандиси Куйбишевро бо ихтисоси муҳандиси сохтмон хатм карда, ихтисоси муҳандиси сохтмонро гирифтааст. Баъди хатми институт ӯро ба комбинати хонасозии Душанбе фиристоданд ва дар он ҷо аз сармеъмор то сардори истеҳсолот мерасад. Баъди ин ӯро ҳамчун сардори корхона ба комбинати хонасозии Калининобод фиристоданд, ки дар он ҷо комбинати иқтидораш 30 ҳазор метри мураббаъ манзилгоҳро ба охир расонда, ба истифода медиҳад.

Баъди ба охир расидани ин корҳо ӯро ба заводи қубурҳои фишори Душанбе, ки сохта шуда истодааст, гузаронданд. Вай ҳамчун директори корхонаи сохташаванда ба истифода додани заводи қубурҳои фишор ва маснуоти оҳану бетонии сохтмони хоҷагии обро таъмин намуд. Баъди ба кор даромадани комбинат А.Х. Вафоев сармуҳандиси ин корхона таъин шуд, ки дар як сол то 60 ҳазор мукааб метр маҳсулот мебарорад [81, с.34].

Соли 1973 А.Х.Вафоев ба Вазорати саноати масолеҳи бинокории ҷумҳурӣ ба вазифаи ҷонишини вазир пешбарӣ карда мешавад. Аз соли 1991 то охири умр дар иттиҳодияи «Тоҷиксемент» дар вазифаи муовини

директори генералӣ оид ба масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ бомуваффақият кор мекунад. Барои хизматҳои бузург дар тараққиёти масолеҳи саноатии ҷумҳурӣ А. Вафоев бо мукофотҳои давлатӣ қадр карда шудааст. Вафоев А.Х., таҷриба ва дониши калони худро ба коркунони саноати семент саховатмандона меомӯзонд, дар зиёд кардани ҳаҷми маҳсулот ва беҳтар намудани сифати он саҳми арзандаи худро мегузошт.

Дар роҳи омодакунии мутахассисон, Чесноков Иван Иванович, низ саҳми назаррас гузоштааст. Соли 1952 ёрдамчии мудири шуъбаи сиёсии ин комбинат оид ба корхои комсомолӣ, дар соли 1956 котиби дуюми Кумитаи ҳизбии шаҳри Ленинободи Тоҷикистон (ҳоло шаҳри Хуҷанд), моҳи марти соли 1958 ҷонишини якуми вазири сохтмони ҷумҳурӣ таъин шуда, фаъолият мекунад. Моҳи январи соли 1960 вазири хоҷагии коммуналии ҷумҳурӣ таъин мегардад.Баробари сар шудани сохтмони НБО-и Норак ӯро ба вазифаи директори сохтмони НБО фиристоданд. Ҳамин тавр, минбаъд дар чандин вазифаҳои баланди роҳбарӣ кору фаъолият менамояд. Соли 1975 ӯро бо хоҳиши худаш ба вазифаи сардори шуъбаи истехсолӣ-техникии Вазорати саноат ва масолеҳи бинокорӣ интихоб менамоянд, ки минбаъд, яъне то ба нафақа баромаданаш (соли 1986) аз имконияте, ки дошт дар рушди саноати сементи тоҷик ва омода намудани мутахассисони соҳа саҳми назаррас мегузошт.

Ҳукумати ҷумҳурӣ барои хизматҳои бузургаш ба ӯ нафақаи махсуси давлатӣ муқаррар менамояд. Меҳнати фидокоронаи ӯ бо орденҳои «Нишони фахрӣ», медалҳои «Барои шуҷоати меҳнатӣ» ва ғайраҳо қадрдонӣ карда мешавад. Баъди ба нафақа баромадан низ,яъне пас аз соли 1986 И.Г. Чесноков дар саноати масолеҳи бинокории ҷумҳурӣ дар вазифаҳои гуногун кор кардааст ва дар хотираҳои худ зикр намудааст, ки ман ҳатто дар нафақа ҳам бошам, барои пешрафти соҳа кумаки худро мерасонам [34, с.36].

Нафари дигаре, ки дар таърихи фаъолияти завод ба ҳайси мутахассиси варзида номи худро сабт намудааст, Мартинов Владимир Васильевич, ба шумор меравад. Ӯ соли 1961 баъди хатми Институти химия-технологии Чимкент ба заводи сементи Душанбе фиристода мешавад, ки дар андак вақт роҳбарии нуқтаи истеҳсолии рақами 2-ро ба зимма мегирад. Сипас, муваффақиятҳои ӯ боис гардид, ки дар як қатор вазифаҳои роҳбарикунандаи кишвар адои хизмат намояд. Барои мисол, соли 1968 ӯро ба вазифаи ҷонишини якуми вазири масолеҳи саноатии ҷумҳурӣ пешбарӣ мекунанд, ки дар ин вазифа беш аз даҳ сол кор мекунад. Соли 1993 дар иттиҳодияи «Тоҷиксемент» вазифаи муовини директори генералиро ба зиммаи ӯ мегузоранд, ки дар он рӯзҳои ниҳоят ҳассос барои миллати тоҷик ва умуман Тоҷикистон, новобаста аз авзои муташанниҷи сиёсӣ дар пешрафти кори иттиҳодия саҳми худро мегузорад. Барои аз кор нарафтани мутахассисон тамоми имкониятҳоро истифода менамуд.

Ӯ дар давоми солҳои дар саноат кор карданаш низ дар рушди истеҳсоли семент ҳиссаи калон гузоштааст. Мартинов В.В., барои хизматҳои шоёнаш бо ордену медалҳо ва ифтихорномаҳои давлатӣ мукофотонида шудааст.

Оид ба ҳамаи нафароне, ки умри худро дар завод бахшида, дар ташаккулёбии он ва пешрафти соҳа саҳми назаррас гузоштаанд, албатта бо ба инобат гирифтани ҳаҷми диссертатсия наметавонем номи ҳар яки онҳоро зикр намоем, аммо зикри номи онҳоеро, ки роҳбарии корхонаро ба зимма дошта, дар раванди ташаккулёбии он нақши беш аз пеш гузоштаанд, зарур мешуморем, барои мисол, Алексеевич Ротовский-директори якуми заводи сементи Сталинобод ва роҳбарони дигар ба монанди Тура Қурбонов, Крий Василевич Терлига, Михаил Иванович Буджерак, Никон Георгиевич Ополоник, Валерян Михайлович Кравченко, Борис Илич Севостянов ва дигарон мебошанд.

Ҳамин тавр, ба роҳ мондани фаъолияти завод ба воситаи технологияи пешрафта, истифодаи методҳои нав, ҷалби мутахассисон, тариқи омӯзонидани коргарон дар курсҳои такмили ихтисос ва азнавтайёркунӣ баланд бардоштани сатҳи касбии коргарон ва сифати маҳсулот, ташкил намудани бастҳои кории иловагӣ ва амсоли он ба коргарони завод имкон дод, ки аз уҳдаи иҷрои нақшаҳои гузошташуда, дархостҳои иншоот ва умуман таъмини ҷомеа бо сементи баландсифат бароянд.

Дар аввали асри XXI намуди "портландсемент" дар ҳамкорӣ бо муҳандиси рус Ч. Егор ва муҳандиси англис Джозеф Аспдином истеҳсол карда шуд, ки дастоварди дигаре маҳсуб меёфт. Лозим ба ёдоварист, ки ин ду нафар муҳаққиқ ба ҳайси асосгузори ин навъи семент ба ҳисоб меравaнд. Агар чӣ иқдоми Ч. Егор оид ба истеҳсоли навъи сементи "портландсемент" дар ватанаш расман дастгирӣ наёфт, вале Джозефом Аспдиномро дастгирӣ намуданд ва ба ӯ имкон дода шуд, ки корхонаи истеҳсоли сементро дар Англия бунёд кунад. Вале маҳсулоти ӯ камбудиҳои бисёр дошт. Зеро методи шӯридани маҳсулот ва дар ҳарорати лозимӣ пухтани он навъи баландро ба миён овард. Барои ҳамин ҳам, истеҳсоли чунин навъи семент бо методи хушконидан ва дар осиёб майда кардан сифати заруриро надод. Дар рафти истеҳсоли "портландсемент" пас аз майда намудани ашёи хом, маҳсулоти тайёршударо тақсим намуда, дар ҳарорати 900, 1000 дараҷа онро месӯзонанд, ки чунин навъи семент ба вуҷуд меояд.

Натиҷаи таҳқиқоти олимони Русия, хусусан пажӯҳишгарони машҳури петербургӣ А. Р. Шуляченко ва Н. А. Белелюбский, ки падарони сементи рус маҳсуб меёбанд, дар истеҳсоли навъҳои боз ҳам босифат ва тобовар дар кишвари мо ва хоса заводи сементи Душанбе, аз қабили маркаҳои "400" ва "500" мавриди истифода қарор дода шудааст.

Хамин тариқ, ба ташаккул ва рушди минбаъдаи завод, умуман фаъолияти корхона бо истифода аз таҷрибаи заводҳои дигар шаҳрҳои собиқ

Шуравӣ ва натиҷаи таҳқиқоти олимон озмоишгоҳҳои завод аллакай дар ибтидои солҳои 60 бо мутахассис ва таҷҳизоту маводҳои кимиёвии лозимӣ муҷаҳҳаз гардида, нақши калидӣ доштанд. Акнун мутахассисони завод таркиби омехтаи ашёи хом, раванди оташафрӯзӣ, миқдори гаҷ ва иловаҳо, нозукии суфтакунӣ ва ғайраро дар сатҳи зарурӣ иҷро менамуданд. Ин буд, ки маҳсулоти истеҳсолнамудаи завод ба зудӣ шаҳодатномаи давлатии сифатро ба даст меовард ва ба осонӣ аз ҳар гуна озмоишҳои дохили ҷумҳурӣ ва марказҳои дигари ташхисии иттиҳод мегузашт. Дар кор карда баромадан ва ихтирои навъҳои сифатан нави семент як қатор муҳаққиқон саҳми худро гузоштаанд. Хусусан, дар рушди сементи тоҷик ва истеҳсоли навъҳои беҳтари семент нақши олимони рус ва чехӣ басо зиёд аст.

## 1.3. Омода намудани кадрҳо

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар давраи саноатикунонии мамлакат, ки яке аз барномаҳои тарҳрезинамудаи Иттиҳоди Шуравӣ дар роҳи эъмори ҷомеаи сотсиалистӣ маҳсуб меёфт, синфи коргару деҳқон нақши калидиро мебозиданд, аммо дар ин раванд проблемаи асосӣ дар ҶШС Тоҷикистон набудани синфи коргари касбӣ, норасоии мутахассисон, муҳандисон ва амсоли он ба ҳисоб мерафт. Бояд қайд намуд, ки ҷиҳати инкишоф додани хоҷагии мамлакат, хусусан саноат нахуст проблемаи болозикр бояд бартараф мегардид. Аз ин лиҳоз, дар давраи коллективонӣ ва саноатикунонӣ ҷалби коргарону деҳқонон ба курсҳои кӯтоҳмуддати азнавтаёркунӣ дар соҳаҳои хоҷагии мамлакат ва саноат ва фиристодани онҳо ба техникуму омӯзишгоҳҳо ва дигар макотиби олии шаҳрҳои Москва, Санкт-Петербург, Тошканд ва дигар шаҳрҳои миқёси ИҶШС ба роҳ монда мешавад.

Ба нақша гирифтани сохтмони заводи сементи Сталинобод дар ибтидои солҳои 30-юми асри гузашта иқдоми муфид ва басо муҳим барои ҶШС Тоҷикистон маҳсуб меёфт, зеро агар аз як тараф шароити ҷуғрофӣ ва пеш аз ҳама, захираҳои бузурги ашёи хом барои инкишоф додани соҳаи мазкур мусоидат мекард, аз тарафи дигар барои бунёди иншооти давлатӣ, биноҳои маъмурию истиқоматӣ, корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ, роҳу пулҳо дар арафаи ташаккулёбии Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурӣ зарурати бештареро ба миён оварда буд. Инчунин, фаъолияти заводи мавриди таҳқиқ дар рушди иқтисодиёти кишвар саҳми чашмрас гузошта, ба соҳаи сохтмон ва бинокорӣ такони ҷиддӣ мебахшид. Аз ин лиҳоз, имкониятҳои мавҷуда ва зарурати пешбинишударо ба инобат гирифта, Шурои Комиссарони Халқи Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ дар қарори худ аз 1-уми апрели 1935 дар шаҳри Сталинобод сохтани заводи сементро пешбинӣ кард. 6 декабри 1942 дар шаҳри Сталинобод заводи семент ба кор сар карда,соли 1945 бо иқтидори пуррааш дар як сол 3 ҳазор тонна семент истеҳсол намуд. Дар заводи мазкур

равандҳои технологӣ ба таври автоматӣ идора карда мешуд ва инчунин, партовҳои дигар соҳаҳои саноат (дажголҳои саноати металлургия, хокистари ГРЭС ва ТЭС, фосфогипс ва ғайра) низ истифода бурда мешуд. Нақшаи панҷсолаи 4-ум дар ҶШС Тоҷикистон то 15 ҳазор тонна расонидани истеҳсоли сементро пешбинӣ намуд. Дар охири панҷсола ин нақша барзиёд (17,2 ҳазор тонна) иҷро гардид [29, с.23].

Аммо ҳанӯз норасоии коргарони касбӣ ва мутахассисони соҳа дар назди завод боқӣ мемонд. Аммо оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ ин мушкилотро даҳчанд намуда, боиси коҳиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли семент мегардад. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳаҷми истеҳсоли семент то як баробар коҳиш меёбад. Коҳиш ёфтани шумораи қувваи корӣ, пеш аз ҳама, мутахассисони соҳа, таъмин нагардидан бо ашёи хом ва баъзе аз маводҳои кимиёвӣ ва таҷҳизоти лозима боиси иҷро нагардидани нақшаи истеҳсоли семент мегардад. Соли 1945 ҳаҷми истеҳсоли семент дар заводи сементи Сталинобод то ба 1845 ҳазор тонна мерасад. Мувофиқи маълумоти бойгонӣ оқибатҳои манфии Ҷанги Бузурги Ватанӣ таъсири он дар заводи сементи Сталинобод то охири солҳои панҷоҳум идома кардааст [29, с.7]. Пас аз анҷом ёфтани Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳанӯз дар солҳои аввали давраи азнавбарқароркунӣ норасоии коргарон ва мутахассисон ва техникаҳои лозима то андозае бартараф гардида, фаъолияти завод густариш меёбад. Танҳо соли 1946 ҳаҷми семент дар заводи мазкур ба даҳ ҳазор тонна мерасад, ки нисбат ба солҳои қаблӣ дастоварди назаррас ба ҳисоб меравад [29, с.4]. Дар давраи ҷанг соҳаи мазкур ба хисороти бузург мувоҷеҳ гардида, дар миқёси ИҶШС баъзе аз заводҳо фалаҷ ва ё ба пуррагӣ аз фаъолият боз монданд. Агар дар панҷсолаҳои пешазҷангӣ (Ҷанги Бузурги Ватанӣ) дар натиҷаи барқарор намудани заводҳои куҳнаи истеҳсоли семент, сохта ба истифода додани як қатор заводҳои нав соли 1940 истеҳсоли семент ба 5773 ҳазор тонна расида бошад, дар давраи ҷанг ҳамин миқдор як баробар коҳиш меёбад. Танҳо дар давраи

азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ, то ибтидои солҳои 50-ум дар натиҷаи таъмир, таҷҳизонидан ва ё аз сифр бунёд намудани заводҳои сементи Пикалевск, Белгород, Қараганда, Ангара, Чимкент, Уляновск, Сталинобод боиси рушди босуръати соҳа гардида, аллакай соли 1952 Иттиҳоди Шуравӣ аз ҷиҳати истеҳсоли семент аз Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва Британияи Кабир пеш гузашта, дар ҷаҳон ба ҷои 1-ум мебарояд [71, с.12].

Соли 1949 якчанд нафар мутахассисон аз ҳисоби ҷавонони маҳаллӣ Ф.М.Рябухин, З.Беднова, И.З.Ҳафизов ва И.Шамсутдинов курси семоҳаи муҳандисиро дар шаҳри Москва аз рӯйи ихтисоси истеҳсоли намудҳои семент ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ хатм намуда, ба заводи сементи Сталинобод сафарбар мегарданд, аммо ин ҳанӯз ҳам мушкилии норасоии мутахассисони соҳаро бартараф карда наметавонист. Аз ин лиҳоз, аз ҷумҳуриҳои дигари собиқ ИҶШС мутахассисон ба заводи мазкур ҷалб карда мешуд. Инчунин, бо мақсади пурра таъмир намудани завод аз 28-уми январи соли 1950 дусад ҳазор рубл ҷудо мегардад, ки дар натиҷа баъзе аз қисмҳои завод азнавсозӣ гардида, фаъолияти завод густариш ва ҳаҷми истеҳсоли семент боз ҳам афзоиш меёбад [29, с.9].

Ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи касбият ва кории кормандони завод соли 1953 то 73-нафар корманд ва мутахассисон ба курсҳои такмили ихтисос ва курсҳои азнавтаёркунӣ аз рӯйи ихтисоси ронандаи нақлиёти боркаш, трактор, эксковатор, слесар, ёрдамчии муҳандис, кафшергар, баркчӣ (электрик), борбардор ва ғайраҳо чӣ дар дохили ҶШС Тоҷикистон ва чӣ дар дигар шаҳрҳои ИҶШС фаро гирифта мешаванд, ки ин раванд солтосол сатҳу сифати кории кормандони заводро беҳтар мекард. Соли 1951 тибқи нақша 18- нафар бояд аз курси азнавтаёркунӣ мегузашт, вале танҳо 9-нафар соҳиби сертификат гардиданду халос. Дар ҳамин сол аз курсҳои такмили ихтисос бошад аз 20-нафар мувофиқи нақша 17-нафар ба курсҳо фаро гирифта шуданд [31, с.88]. Мувофиқи ҳисоботи солонаи завод барои соли 1952, танҳо

дар соли 1952 фармони ба кор қабулнамоӣ ва аз кор хориҷнамоии 159- нафар ба имзо расидааст, ки аз ин миқдор ҳамагӣ 35-нафар, аз ҷумла, 19- нафар бо хоҳиши худ ва 16- нафар бо сабабҳои гуногун, ки аз байни онҳо 9-нафарашонро тоҷикон ташкил медоданд, аз кор хориҷ карда шуданд [31, с.124]. Аммо ҳанӯз ҳам синфи коргари касбии тоҷик ба таври кофӣ ташаккул наёфта буд, ҳанӯз ҳам аксарияти мутахассисони корхонаву заводҳои ҶШС Тоҷикистонро намояндаи халқҳои дигар ташкил медод. Ин вазъ дар даврони Шуравӣ, гарчанде ҳеҷ ҷиҳати баде надошта бошад ҳам, мақсад аз қиёс намудани мо, нишон додани сатҳи на он қадар ташаккулёфтаи синфи коргари тоҷик аст. Барои мисол агар дар квартали якуми соли 1952 шумораи кормандони заводро 224-нафар ташкил медод, аз ин миқдор аз байни мутахассисон- муҳандисон танҳо 30 -нафарашон кадрҳои маҳаллӣ буд. Дар квартали сеюми соли болозикр шумораи кормандон ба 286-нафар мерасад, ки 163-нафарашонро коргарони истеҳсолкунанда, 52-нафар ёрдамчии мутахассис, 14-нафар посбон ташкил медод. Шумораи кормандони завод дар аввали квартали чоруми соли 1952 ба 291 ва то охири сол ба 295- нафар мерасад, ки аз байни мутахассисон 37-нафарашонро тоҷикон, як нафар узбек ташкил медод. Аз ин миқдор 146-нафарашонро занҳо, ки аз байни онҳо як нафарашонро тоҷикдухтар ташкил медод. Инчунин, соли 1952 дар назди завод курсҳои омӯзишӣ барои кормандони завод ва таҷрибаомӯзҳо ташкил карда мешавад. Тибқи маълумоти бадастомада, аллакай дар квартали якуми соли 1952 5-нафар ба курси бозомӯзии мазкур дохил шуда, 4- нафарашон соҳиби сертификат гардидаанд. Дар квартали якум ва дуюм ҳамагӣ 10-нафар ба курсҳои бозомӯзӣ ҷалб гардида, 8- нафар соҳиби сертификат мегарданд [31, с.114]. Мувофиқи нақша дар соли 1952 бояд 18- нафар дар курси азнавтаёркунӣ фаро гирифта мешуд, вале то охири ҳамин сол 20- нафар корманд ҷалб гашта, соҳиби сертификат гардиданд. Дар курсҳои такмили ихтисос бошад, бояд 25 корманд ҷалб мегардиданд, вале то охири сол 46-

нафар фаро-гирифта шуданд. Минбаъд болоравии вазифавӣ дар байни кормандони завод тибқи сертификати курси мазкур ба роҳ монда мешуд [31, с.106]. Ба ҳамин тартиб бо фиристодани кормандон ба омӯзишгоҳу техникумҳои миқёси ИҶШС ва ҷалби мутахассисон аз ҳисоби кормандони дигар заводҳо ва хатмкардагони макотиби олӣ ҳам оҳиста-оҳиста проблемаи норасоии мутахассисон роҳи ҳалли худро меёфт ва ҳам шумораи кадрҳои маҳаллӣ меафзуд. Моҳи майи соли 1953 воҳидҳои кории завод ба 308- адад расонида мешавад ва зиёда аз 200- адад нақлиёти сабукраву боркаш, тракторҳо, эксковаторҳо ва намуди дигари техникаю таҷҳизот, қисмҳои эҳтиётӣ ва лавозимоти кимиёвӣ, моддаҳо ва маводҳои зертаркиби семент ба заводи мазкур дастрас карда мешавад, ки боиси беҳтар гардидани имконниятҳои корӣ ва рушди истеҳсолоти семент мегардад. Ҳайати роҳбарикунандаи заводро дар соли болозикр директор (як воҳиди корӣ), ҷонишини директор (ду воҳиди корӣ), сардори қисм (сех) (панҷ воҳиди корӣ), мудири лаборатория (6 воҳиди корӣ), сардори муҳосибот (як воҳиди корӣ) ва воҳидҳои дигари кории роҳбарикунанда ва қисмҳои дигари таркибӣ ба монандаи сармутахассис, мутахассис ва амсоли он ташкил медод. Барои пурра бартараф намудани проблемаи норасоии мутахассион ҳанӯз ҳам кӯшишҳо ба харҷ дода мешуд. То ибтидои соли 1953 бо ҷалб намудани хатмкардагони коллеҷи техникии Саратов, Институти техникӣ-кимиёвии Ленинград, Институти технологии Чимкент, Техникуми Новосибирск, Коллеҷи техникии Москва ва ғайраҳо, ки баъзе аз онҳо фиристодагони худи завод ва умуман ҶШС Тоҷикистон маҳсуб меёфтанд, потенсиали кадрии завод беҳтар гардида, ин проблема оҳиста - оҳиста бартараф мегардид. Чуноне ки дар ҳисоботи панҷсолаи директори завод Т. Петросян ба КИМ ҲК(б) ИҶШС омадааст, “коллективи заводи сементи Сталинобод барои пешрафти мамлакат ва рушди ҷомеаи сотсиалистӣ пайваста заҳмат кашида, дар давраи азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ як зумра проблемаҳои асосиро

бартараф намуда, ҳаҷми истеҳсоли сементро аллакай дар соли 1950 27% зиёдтар нисбат ба солҳои ҷанг расонд [29, с.1]. 10 апрели соли 1954 бо фармони Вазорати саноат ва масолеҳи сохтмони ИҶШС таҳти № 247/к. М.П.Селянина аз вазифаи директори Сементзаводи Душанбе озод гардида, ба ҷойи ӯ Ю.В. Терлига таъин мегардад, ки солҳои директории ӯро давраи ташаккулёбии заводи мазкур ба қалам додаанд [33, с.26]. Мувофиқи ҳисоботи солонаи заводи мазкур аллакай аз 1-уми июли соли 1955 нақшаи солона 110,4% иҷро мегардад, ки 18788 ҳазор рублро (асъори ИҶШС) ташкил медод, ки нисбат ба соли 1954 23,6% барзиёд истеҳсол гардидааст. Ҳаҷми истеҳсоли семент соли 1958 ба 26616 тонна баробар гардида, нақшаи солона 106,4% иҷро мегардад, ки нисбат ба соли 19579907 тонна зиёд мебошад.

Инкишофи босуръати фаъолияти завод, пеш аз ҳама, пас аз беҳтар гардидани потенсиали кадрӣ ва сатҳу сифати кории кормандони завод фароҳам меояд. Мувофиқи ҳисоботи солонаи Вазорати саноат ва масолеҳи сохтмонии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 бо васеъ гардидани қисмҳои таркибии завод (сеххо), яъне сохта ба истифода додани курраҳои сементпазии нави сементистеҳсолкунӣ ва шифербарорӣ ҳаҷми истеҳсоли завод ба маротиб меафзояд [32, с.9]. Аз ин лиҳоз, талабот ба қувваи корӣ ва хусусан, мутахассисони соҳа боз ҳам меафзояд. Бояд қайд намуд, ки заводи мазкур дар рушди синфи коргари Душанбе ва хусусан, воҳаи атрофи он нақши муассир гузоштааст.

Чуноне ки дар зербоби аввал қайд намудем, дар солҳои сохтмони завод сар задани Ҷанги Бузурги Ватанӣ монеаи калонеро ба бор овард. Нарасидани қувваи корӣ ва махсусан, мутахассисон мушкилоти асосӣ маҳсуб меёфт, аз ин рӯ, дар баъзе аз нуқтаҳои сохтмон ҳатто занону ҷавонписарон ҷалб карда мешуданд. Дар он солҳои ниҳоят вазнин, кор кардан дар сохтмони мавриди назар, ҳатто бидуни маош ҳам бошад, боз ҳам яке аз роҳҳои наҷот ёфтан аз гуруснагӣ буд, зеро дар рафти сохтмон ба коргарон ҳеҷ набошад хӯрок, то

қадри имкон албатта ва баъзан вақт либос медоданд. Аз ин хотир, аҳолии деҳоти гирду атрофи завод барои роҳ ёфтан дар сохтмон талош меварзиданд. Ҳамин тавр, яке аз чунин нафароне, ки дар ҳамҷаворие завод, дар деҳаи Чорбоғ зиндагонӣ менамуд, Мурод Рафиев буд. Мавсуф ҳанӯз аз овони ҷавонӣ ба сохтмони завод роҳ ёфта, баъди ба истифода додани завод ба ҳайси коргар дар он фаъолияти меҳнатиашро оғоз мебахшад. Тибқи маълумоти пешкаш намудаи собиқ директори генералии завод, Парто Сатторов, Мурод Рафиев ҳанӯз аз овони ҷавонӣ ба заводи мазкур ба кор омада, ба яке аз пешқадамтарин мошинист табдил меёбад. Вай ҳанӯз дар айёми бачагӣ орзу дошт, ки мутахассиси соҳаи семент шавад ва ӯ тақдири худро бо корхона вобаста карда, ба ҳайси устои басти разряди якум ба камол расид. Барои муваффақиятҳои меҳнатӣ ба ӯ унвони баланди Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ дода мешавад. Баъд аз адои хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шуравӣ Мурод зуд-зуд ба заводи сементи Сталинобод, ки дар шафати деҳаашон қарор дошт, мерафт ва хубӣ дарк менамуд, ки барои истеҳсоли як тонна семент чӣ қадар заҳмат сарф мешавад [81, с.10].

Яке аз шахсони фидоӣ, ки зиёда аз ним аср дар заводи мазкур кору фаъолият намуда, умри азизи хешро сарфи соҳаи семент намудааст ва дар рушди саноати мазкур саҳми назаррас гузоштааст, бонуи қавиирода ва самимии олмонитабор Мария Степановна Левсова мебошад. Тамоми умри ӯ ва заҳматҳои кашидаи ӯ танҳо дар як коргоҳ, аниқтараш заводи сементи Душанбе паси сар гардидааст. Ё ба таври дигар бигӯем, қариб аксарияти дастовардҳои завод бо фаъолияти меҳнатии ӯ тавъам аст. Тасаввур бояд кард, ки духтараки ҷавон ба завод ба кор омада, новобаста аз мушкилоти замон ва муҳити завод дар баъзе давраҳо бо як сабри тамом зиёда аз ним аср, чуноне ки дар боло ишора намудем, фаъолият карда, соҳиби мартабаи хос дар байни коллектив мегардад, ки то кунун бархе аз собиқадорони завод мавсуфро ба некӣ зикр мекунанд ва дӯсташ медоранд. Хусусан, тибқи нақли

собиқадорони заводи мазкур Мария Степановна Левсова новобаста аз синну сол, аллакай дар ҳафтоду чорсола буданаш ҳар рӯз ба ҷойи кор ҳозир мешуд. То ҷое, ки озмоишгоҳро бидуни ӯ тасаввур карда наметавонистанд. Собиқадори истеҳсолот- Мария Степановна Левсова душвориҳои бепоёнро ба хотир меорад, ки дар рӯзҳои сахти ҷанг новобаста аз шиками нимгурусна, пойи бараҳна занону кӯдакон якдилона барои бунёди заводи сементи Сталинобод заҳмат кашида, ҳам рафти корҳои сохтмониро дар солҳои ҷанг қатъ накарданд, ба ояндаи нек боварӣ доштанд ва ҳам ба ин васила ҳамчун мутахассис ташаккул ёфтанд. Чунин буд воқеият ва ҳақиқати шароити меҳнатӣ ва ташаккулёбии мутахассисони соҳа ва умуман синфи коргар [81, с.11].

Мавсуф дар ҷойи дигар ба ифтихор қайд менамояд, ки солтосол ҷумҳурӣ тараққӣ менамуд, пеш аз ҳама, сохтан ва ба истифода додани аввалин НБО-и Варзоб, канали калони Фарғона, ба истифода додани заводҳои пахтаю равған, сохта ва мавриди истифода додани биноҳои истиқоматию маъмурӣ ва ғайраҳо симои сарзамини бостониро дигар менамуд ва ин дастовардҳои беназир дар он солҳо ба одамон нуру шодӣ меовард. Ин ҳама сохтмонҳо ва иншоот талабот ба сементро боз ҳам бештар менамуд.

Дар рушди соҳаи мазкур ва саҳм гузоштан дар баланд гардидани малака ва маҳорати касбии коргарони дигари завод саҳми Валентина Николаевна Дударева низ басо арзанда ба назар мерасад. Мавсуф бештари вақти кории худро дар заводи мазкур дар шуъбаи кадрҳо сипарӣ намудааст. Ҳар як нафаре, ки ба завод ба кор меомад, нахуст ба муоширати самимонаи ӯ рӯбарӯ мегардид ва ин боис гардидааст, ки натанҳо тамоми кормандон ӯро мешиносанд, балки эҳтиром низ мегузоранд. Валентина Николаевна Дударева 15-уми августи соли 1944 ба завод омада, дар ин корзор 52 сол фаъолияти меҳнатӣ анҷом медиҳад.Вай он рӯзро нағз ёдоварӣ намуда, зикр мекунад, ки дар рӯзҳое, ки артиши Шуравӣ истилогарони фашистро ба сӯи

ғарб зада пеш мекарданд ва то ба ғалабаи бузург каме монда буд ва мо аз он умеди комил доштем, ман, ки 16 сол доштам, ба заводи сементи Сталинобод ба кор омадам [81, с.14].

Духтари наврасро чӣ водор кард, ки ба ин иқдом даст занад? Дударева дар бораи айёми бачагии худ чунин нақл мекунад. Падарам дар ҷустуҷӯи кор ва ғизо, ки як оилаи серфарзанд будем, соли гуруснагии 1933 ба Осиёи Миёна меояд. Дар Тошканд, дар ташкилоте, ки бо сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ ва иншооти саноатӣ машғул буд, ба кор медарояд. Ҳамин тавр, ӯ ба Тоҷикистон сафари корӣ кард ва ӯро ба сохтмони неругоҳи барқи обии Варзоби Боло фиристоданд. Дар соли 1940 пеш аз ҷанг падарам тамоми оиларо ба Сталинобод кӯчонд. Валяи дувоздаҳсола ва боз се хоҳар ва як бародар дошт. (Модар дар Мордовия вафот кардааст). Вақте ки ман ба заводи семент омадам,- ба хотир меорад Дударева,- ин як корхонаи хурд буд. Як курраи сементпазии хурдакак дошт, ки талаботи маҳсулотро қонеъ карда наметавонист. Инҳо ҳоло танӯрҳои азим ва зебо мебошанд. Вазифа гузошта шуд, ки истеҳсоли семент қатъиян зиёд карда шавад. Инчунин, ба масолеҳи бомпӯш ҳам эҳтиёҷи бештар пайдо мегардад. Ҳамаи ин роҳбаронро маҷбур кард, ки дар бораи васеъ кардани истеҳсолот, зиёд кардани истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ тадбирҳои қатъӣ андешанд. Ҷалби коргарон, мутахассисон ва умуман, қувваи корӣ низ зиёд мегардид. Аммо рӯзгори мо мисли завод рушд намекард, балки дар ҳолати карахтӣ ва гуруснагӣ қарор дошт, зеро падарам дар майдони ҷанг буд. Аз ин лиҳоз, маро маҷбур мекард, ки бори вазнини оиларо бар дӯши худ бигирам ва ҳамин тавр ҳам кардам. Ба завод ба кор омадам. Шароити корӣ ниҳоят душвор буд, аммо дигар чора надоштам. Дар гирду атроф одамон кам буданд, асосан занон дар се баст кор мекарданд. Аксар вақт сӯзишворӣ дар вақташ намерасид ва курраи сементпазӣ моҳҳо кор намекарданд.

Валентина Николаевна ба хотир меорад, ки ҳам кор мекард ва ҳам ба мактаб мерафт, чунки таълимро бояд идома дод. Бо ҳамсолони тоҷикаш дар мактаби назди НБО – и Варзоб  таълим мегирифт. Ба ёд меорад, ки чӣ тавр дар болои ангиштсанг пойи урён соатҳо кор мекарданд. Ҳатто ба духтарон раҳм намуда, аз лентаи транспартёр пойафзол месохтанд. Пас аз он, ки ҷанг ба охир расид, падараш аз фронт омад ва зиндагӣ каме сабук шуд. Падараш дар бораи муҳорибаи Курск, гирифтани Берлин ва Рейхстаг нақл мекард. Падараш низ дар карери Сементзавод кор медарояд, вале мутаасифона,  пас аз чанд моҳ ӯ вафот мекунад. Валентина бо хоҳараконаш ва додараш танҳо мемонанд. Завод барои ӯ бисёр ҷойи хуб буд, аз сабаби он, ки Валентина духтари босавод ва чаққон буд, (маълумоти ҳаштсола дошт) ӯро котиби ташкилоти комсомолӣ интихоб карданд. Кор бо ҷавонон ба Валентина хеле маҳқул буд. Соли 1947 завод нахустин бор дар мусобиқаи умумииттифоқӣ иштирок мекунад, ки тақдири ояндаи Дудареваро ногаҳон директори завод Лянид Семёнович Засидател (Ӯ аз Москав ба Сталинобод омада буд) дигаргун кард. Ба ӯ маъқул шуд, ки корҳои Валентина ҳама бо тартиб буд, хусусан, ҳуҷҷатгузорӣ. Бо ҳамин Валентина Никалаевна “дасти рост”-и роҳбари завод шуд. Директори дигар Попов бошад, сохтмони завод ва истеҳсолотро идома дод. Дар тӯли қариб панҷоҳ соли кориаш дар завод Валентина Никалаевна бевосита аз наздикӣ аввал ба ҳайси котиб ва минбаъд дар давоми 25 сол ҳамчун сардори шуъбаи кадрҳои завод (бо ҳамаи директорони завод фаъолият намуд ва бо онҳо аз наздик шинос буд) фаъолият намуд. Ӯ дар бораи ҳар як нафари онҳо метавонист маълумоти аҷиб диҳад. Дар хотираи ӯ ҳамаи нахустин нафарони сатҳи роҳбарикунандаи завод нақш баста буд. Масалан, Валентина Никалаевна нақл мекард, ки пас аз Засидател Александр Алексеевич Ротовский шуд. Хеле бадқаҳр буд. Аз ӯ ҳама метарсид. Ҳамин шахс заводро ба по хезонд. Ташкилотчии хуб буд. ғамхори коргарон буд. Дар давраи ӯ ба завод ҳамчун ғолиби мусобиқаи

сотсиалистӣ “Парчами сурх” доданд. Барои мо ин воқеа ҳамчун як ид буд. Як бочка оби ҷавр (пиво) барои коргарон ройгон доданд. Пас аз он ки муҳлати кори директории Ратовский ба охир расид, ӯ ба Русия баргашт. Кормандони завод ӯро ба хубӣ ёд мекарданд. Баъди ӯ директори завод Михаил Павлович Селянин шуд. Ӯ як шахси мулоим буд. Аммо ин хислат на ҳамавақт барои кор фоидаовар аст. Юрий Василович Терлига низ роҳбар буд, баъд ба Украина баргашт. Соли 1992 панҷоҳсолагии завод ҷашн гирифта шуд, Терлигаро даъват карданд ва ӯ омад. Новобаст аз он ки муҳит дар шаҳри Душанбе бад буд. Бо туфайли ёддоштҳои Валентина Никалаевна Дударева воқеаҳои муҳимми тарҷумаи ҳоли ӯ эҳё мешуд. Соли 1949 завод ба ғайр аз семент боз бомпӯш (шифер) истеҳсол мекард. Бомпӯш дар нуқтаи истеҳсолии махсус бароварда мешуд. Соли 1950 заводи сементбарории Сталинобод ба иқтидори лоиҳавии худ мерасад. Соли 1955 дар завод хати дуюми технологӣ ба кор медарояд. Дар ин хат курраи сементпазии 35 метра ба кор андохта шуд. Иқтидори осиёби хати мазкур хеле бузург буд. Истеҳсоли клинкер дар як соат ба 3,3 тонна расид. Пас аз он ки курраи сементпазии даврзанандаи дуюм таъмиру таҷдид карда шуд соли 1957 истеҳсоли клинкер ба 4,1 тонна дар як соат расид. Соли 1960 бошад, дар завод курраи сементпазии даврзанандаи нав ба кор даромад [81, с.15-16].

Дигар собиқадори завод, ки дар рушди соҳа умри худро фидо намудааст, Мирзомурод Ризоев мебошад. Мавсуф соли 1958 ҳангоми 15-солагиаш фаъолияти кории худро дар завод оғоз мекунад. Пас аз чанд вақт ӯ бо ҳамроҳии машинисти машҳур Бурӣ Абдуллоев ҳамчун шогирд кор карда, курраи сементпазии навро ба кор медарорад. Дуюм маротиба Мирзомуродов пас аз ба анҷом расидани хизмати ҳарбӣ ба завод баргашта, дар нуқтаи истеҳсолии мазкур фаъолияти меҳнатиашро идома медиҳад. Дар андак муддат корро ба хубӣ аз худ намуда, акнун ӯ ҳамчун машинист мустақилона кор мекард. Фаъолияти самимонаи ӯ боис мегардад, ки ӯро ба вазифаи

ҷонишини сардори нуқтаи истеҳсолӣ интихоб менамоянд. Пас аз ин номзадии ӯро ба котиби комсомол низ пешниҳод менамоянд. Муносибати хуб ва муоширати дилсӯзонаи ӯ боис мегардад, ки тамоми ҳайати коргарони завод ӯро раиси иттифоқи касабаи коргарони завод интихоб намоянд. Ин вазифа масъулияти калонро талаб мекард. Дар солҳои 50 асри XX завод аз ду қисм иборат буд, куҳна ва нав. Сохтмони қисми нави завод соли 1957 оғоз шуда, соли 1959 ба итмом расид. Дар қисми ин сохтмон кадрҳои маҳаллӣ ва аз дигар шаҳрҳои Иттифоқ иштирок доштанд. Сохтмони заводи нав боиси ҷалби коргарони маҳаллӣ, такмили касбияти эшон ва аз ҳама муҳимаш пайдо гардидани садҳо ҷойҳои нави корӣ гардид.

Ба ақидаи Мирзомурод Ризоев "6-уми сентябри соли 1960 барои кормандони завод рӯзи таърихӣ гардид. Машинистони ботаҷриба Николай Болдерев ва Борис Прокопенко (ҳар ду аз Федератсияи Русия омада буданд) нахустин тоннаҳои клинкери баландсифатро баровsecuring.

Хати нави технологӣ ҳамаро дар ҳайрат монд.Курраи сементпазии нав бо дарозии 129 метр метавонист ҳар соат 21 тонна клинкерро истеҳсол кунад. Бо гузашти чанд моҳ дар қаламрави завод хати дуюми технологӣ ба кор медарояд. Акнун сементзаводи нави Душанбе ҳамагӣ дар ду ҳафта он қадар маҳсулот истеҳсол менамуд, ки сементзаводи куҳнаи Сталинобод дар давоми як сол мебаровард. Насби курраи сементпазии нави даврзананда, ки иқтидорашон хеле баланд буд, бо воситаи мутахассисони Чехословакия ба роҳ монда мешавад. Аммо корхонаи куҳнаро низ мадди назар накарданд. Курраи сементпазии куҳна, ки пеш аз ҷанг кор мекард, таҷдиду тармим карда шуд ва дар ҷойи он курраи сементпазии 60 метра, ки иқтидораш хеле баланд буд, ҷойгир карда шуд, ки ин дар навбати худ имконият дод, ки нахустин корхонаи сементбарории ҷумҳурӣ (яъне заводи куҳна) аз кор намонад" [81, с.17-18].

Чуноне ки дар боло ишора намудем, сохтмони заводи нав боиси ҷалб гардидани коргарони маҳаллӣ мегардад. Чунончи соли 1959 Абдураҳмон Аюбов ба сифати шогирди челонгар қабул карда мешавад. Мавсуф пас аз ба кор даромадани оташдони дуюм фаъолияташро дар завод идома дода, то ба вазифаи сардори нуқтаи истеҳсолӣ мерасад. Ӯ дар комплекси (маҷмааи) кӯҳӣ ба бригадаи иборат аз 210- нафар роҳбарӣ менамуд. Яке аз нуқтаҳои муҳим ва душвори завод маҳз ҳамин кони кӯҳӣ маҳсуб меёфт, вале А.Аюбов тавонист, ки чунин коллективи беш аз дусаднафараро ба хубӣ роҳбарӣ намояд ва ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардад. Масалан, меъмор Азизбек Бобоев, эксковаторчиён Шариф Шоҳимардонов, Саидмурод Саидов ва даҳҳо нафарони дигарро аз ҳисоби ҷавонони маҳаллӣ дастгирӣ намуда, дар рушди касбияти онҳо саҳм гузоштааст [81, с.18].

Тавре ки ишора намудем, ҷалби мутахассисон ва ё ин ки омода намудани мутахассисони соҳа аз вазифаҳои муҳим дар назди роҳбарияти завод меистод. Ҳамин тавр, дар охири солҳои 50 ҷавондухтарон — Валя Тамбовсева ва Рашида Пиксаева ба кор ҷалб мегарданд, ки имрӯз собиқадорони завод ҳар дуро бо эҳтиром ёдоварӣ менамоянд. Онҳо дар озмоишгоҳи физикию механикии завод фаъолият мекарданд ва эшон ба ҳайси мутахассисони варзидаи чунин озмоишгоҳ шинохта шудаанд. Ҳамроҳи эшон, Нина Тимофеевна Ксенофонтова,  фаъолият мекард. Ӯ низ дар соҳаи озмоиши физикию механикӣ соҳиби нуфуз гардида, баҳри боз ҳам беҳтар гардидани сифати маҳсулот саҳми арзанда гузоштааст. Ӯ дар завод аз соли 1957 то соли 1992 кору фаъолият намудааст. Инчунин,  мутахассисони дигари озмоишгоҳ, аз он ҷумла ,Лидия Гавриловна Гончарова (соли 1961 корро дар завод оғоз намудааст ва як муддат роҳбарии озмоишгоҳи мазкурро ба зимма доштааст).А. Ксенофонтова, Т. Гончарова ва дигарон, ки барои беҳтар нигоҳ доштани сифати маҳсулот ва пешбурди кори озмоишгоҳ аз шаҳрҳои дигари Иттиҳоди Шуравӣ ҷалб гардида буданд, дар рушди саноати

мазкур саҳми бағоят калон гузоштаанд [81, с.18]. Аммо ба вуҷуд омадани вазъияти ноустувори сиёсӣ, ки боиси пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвари тозаистиқлоли мо гардид, бисёре аз мутахассисони пуртаҷрибаро маҷбур кард, ки натанҳо аз завод, балки аз ҷумҳурӣ баромада раванд. Вале  Зинаида Леонтевна Алексеева бошад, ба корхона содиқ монд. Вай 35 сол боз дар завод фаъолият намудааст. Ӯ бори аввал соли 1961 аз дарвозаи завод ворид гардида, дар байни ду коллективи муттаҳиди меҳнатӣ-заводҳои кухна ва нав фаъолият намуд.

Иван Григоревич Чесноков ҳам аз собиқадорони завод аст, ки аз ҷавонӣ фаъолияти меҳнатиашро дар ин ҷо шуруъ намуда, то ба сатҳи мутахассиси варзидаи соҳа расидааст. Мавсуф ҳатто дар солҳои душвори ҷанги шаҳрвандӣ аниқтараш, моҳи сентябри соли 1992, ки норасоии мутахассисон дар завод эҳсос мешуд, баъд аз ба нафақа баромаданаш низ ба завод омада, муроҷиат менамояд, ки мехоҳам ба корхона ҳарҷониба ёрӣ расонам.

Фаъолияти ин марди дорои таҷрибаи бузурги зиндагӣ ва таҷрибаи бузурги кориро (тақрибан 50 сол) махсус қайд кардан лозим аст. Иван Григоревич Чесноков дар солҳои баъди ҷангӣ, аниқтараш соли 1948, баъди хатми Институти саноатии Осиёи Миёна дар Тошкент ба ҶШС Тоҷикистон меояд. Солҳои 1975-1988 давраи пурҷӯшу хурӯши солҳои фаъолияти ӯ маҳсуб меёбад. Ҳамчун собиқадор қайд менамояд, ки шухрати заводи сементи Душанбе, ҳатто то беруни кишвар рафта расида буд, зиёда аз нақша миллионҳо рубл маҳсулот мебаровард ва нишондиҳандаҳои техникию иқтисодӣ хеле баланд буданд, вале бо пошхӯрии ИҶШС ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ корхонаи мазкур низ зиёни ҷиддӣ мебинад. Дар идома мегӯяд Чесноков: “Комплекси кӯҳии комбинати сементу шифер ба дасти одамоне афтод, ки аз пушти манфиати худ ваҳшиёна ба ғоратгарӣ машғул буданд ва ин қисми муҳимми завод зиёни ҷиддӣ мебинад. Баъд аз ин, завод бозори фурӯши маҳсулотро қариб аз даст медиҳад. Техникаю таҷҳизоти конҳои

ашёи хом, ки сарчашмаи асосии сементро ташкил мекарданд, валангор мегардад ва барқарор намудани раванди муътадили истеҳсолии комплекси маъданҳои кӯҳӣ ва умуман, нуқсонҳои дигари бавуҷудомада, вақти зиёдеро талаб мекард. Дар давоми ҳашт соли истисмори бераҳмона бисёр механизмҳо аз кор монданд. Тарафҳои роҳҳои ҳавоӣ ба таъмири ҷиддӣ ниёз пайдо мекунад. Аз мамлакат баромада рафтани мутахассисони русзабон, аз ҷумла, тоторҳо, немисҳо ва амсоли он ки асоси фаъолияти завод ба онҳо вобастагӣ дошт, мушкилии аз ҳама ҷиддӣ ба ҳисоб мерафт. Новобаста аз вазъияти мавҷуда, корҳои барқароркунӣ ба роҳ монда мешуд, аммо барои барқарор кардани қисмҳои харобшуда ва дубора ба кор андохтани хати истеҳсолот, хусусан маҷмааи кӯҳӣ маблағҳои зиёд лозим буд” [81, с.31].

Дар ин замони душвор корхона, ба дастгирии мутахассисони донишманд, онҳое, ки солҳои зиёди ҳаёти худро ба истеҳсолот ва корхона бахшидаанд, эҳтиёҷ дошт. Бархе аз мутахассисон, ки парвардаи ин коргоҳи азим ҳастанд ва бо дастгирии роҳбарияти завод дар донишгоҳҳо таҳсил намуда, ба зинаҳои баланди корхона расиданд ва дар ҳаёти худ аз кумакҳои моддии завод борҳо истифода намудаанд, агарчи дар синни нафақа ҳам расида бошанд, новобаста аз шароити душвор, дилсӯзона муносибат карда, кӯшиш менамуданд, ки дар пешбурди кори завод ва бартараф кардани хисороти бавуҷудомада ҳиссаи худро гузоранд. Иван Григоревич Чесноков аз зумраи чунин нафарон буд. Зайниддин Ҳасанов, Саидамир Ҳотамов аз сехи суфтакунӣ, Раҳматулло Каримов, Геннадий Николаевич, Борис Дмитриевич Картавих, Аюбов Ғайрат-сардори сехи майдакунӣ, Нина Федоровна Резепова,- бухгалтер, Норқул Исҳоқов,-ҷонишини директор оид ба сохтмон, Ҳазратқул Эшонқулов, Анна Павловна Темникова-сардори шуъбаи кадрҳо, Геннадий Николаевич, С. Ҷалилов, А. Сафаров ва дигарон, ки аз давраи ҷавонӣ фаъолияти меҳнатиашонро дар корхонаи мазкур шуруъ намуда, бо дастгириҳои пайвастаи роҳбарони онвақтаи завод малакаю маҳорати

назариявӣ ва амалии худро такмил дода, то ба зинаҳои баланд расидаанд, дар давраҳои душвори ҷанги шаҳрвандӣ ба ҳайси мутахассисони соҳибтаҷриба дар барқарор намудани хати истеҳсолии корхона, хисороти мавҷуда ва умуман ба кор андохтани нуқтаҳои истеҳсолии зиён дида саҳми арзанда гузоштаанд.

Чӣ тавре ки дар зербоби якум ва дуюми боби аввал ишора намудем, дар шафати заводи куҳна сохтмони заводи нави семент, чунон ки гуфтем, моҳи сентябри соли 1960 хатти якуми истеҳсолӣ ба кор андохта шуд, ки ҳосилнокии он дар як соат қариб ба 21 тонна семент расид. Сементчиёни тоҷик ҳануз инро намедонистанд. Вале вақт бечунучаро ба комёбиҳои нав даъват мекард. Инро ҳам дар зербоби якуми боби аввал қайд кардем, ки дар моҳи декабри соли 1960 навбати дуюми ҳамин иқтидор ба кор даромад, ки фақат дар зарфи ду ҳафта завод ҳамон қадар семент истеҳсол кард, ки пештар дар давоми як сол истеҳсол карда мешуд. Инчунин, боз ду хатти технологӣ сохта мешавад, ки ба туфайли он иқтидори корхона ду баробар меафзояд. Азнавсозӣ ва васеъ кардани сеххо (нуқтаҳои истеҳсолӣ), автоматӣ кунондани тамоми раванди истеҳсолот давом ёфта, аз ибтидои солҳои 60-ум сементи тоҷик натанхо ба сохтмонҳои ҷумҳурӣ, балки берун аз ҳудуди он ҳам фиристода мешавад. Мақсад аз зикри матлаби болозикр ҳам аз он иборат аст, ки вусъат ёфтани фаъолияти завод, зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсолот масъулияти ниҳоят ҷиддӣ бо мутахассисон таъмин намудани воҳидҳои кориро дар назди роҳбарияти завод мегузошт. Аз ин лиҳоз, омода намудани мутахассисон аз ҳисоби коргарон ва шаҳрвандони маҳаллӣ ва дар навбати худ ҷалби мутахассисони соҳибтаҷриба аз шаҳрҳои дигари ИҶШС аз вазифаҳои аввалиндараҷа дар назди роҳбарияти завод меистод.

Вера Раҳматовна Нестеренко аз ҷумлаи русзабонҳои тоҷикистонӣ мебошад, ки дар солҳои вусъатёбии фаъолияти завод ба ин ҷо ба кор меояд. Вай дар охири солҳои 60-ум баъди хатми техникуми бинокории Душанбе ба

комбинат меояд. Худи вай изҳор намудааст, ки дар корхона дар давоми фаъолияташ бо шахсоне рӯбарӯ шудааст, ки ниҳоят барои корхона дилсӯз ва бо коргарон самимӣ буданд. Ман аз ғамхорию меҳнатдӯстии онҳо дар ҳайрат мемондам ва мафтун шудам, қайд мекунад ӯ. Аввал лаборант, баъд дар муддати камтар аз 2 сол коргари ҷавон аллакай устои фабрикаи майдакунӣ таъин мегардад. Вера сирру асрори раванди истеҳсолотро бо майли том азхуд мекунад. Мутахассиси ҷавон аз коргарони пуртаҷриба бисёр чизҳоро меомӯхт. Маъмурияти завод Вера Нестеренкоро барои таҳсил ба шаҳри Красково (вилояти Москва) ба Институти умумииттифоқии такмили ихтисос мефиристанд. Баъди бозгашт ба завод ба вай ҷойи зист медиҳанд. Номбурда, муҳандиси меҳнат ва баъдтар муҳандиси пешбари шуъбаи меҳнат ва музди меҳнат шуда кор мекунад. Солҳои охири фаъолияташ ҷонишини сармуҳосиби корхона шуда, кор мекунад [81, с.38].

Шумораи коргарони комбинат дар охири солҳои 70-ум аз ҳазор нафар мегузарад, ки дар байни онҳо 132-нафарашонро мутахассисони соҳибтаҷриба ташкил мекард. Чуноне ки дар боло гуфта гузаштем, дар корхона гурӯҳи ихтирокорону навоварон вусъат ва нуфузи хоса дошт. Танҳо дар соли 1975 аз ҷониби навоварон қариб 300 таклифу пешниҳодҳо пешкаш мегардад, ки аз се ду ҳиссаи онҳо дар истеҳсолот ҷорӣ карда мешавад.Соли 1980 дар корхона 24 таклифи ихтирокорону навоварон дар амалия ҷорӣ карда мешавад, ки ин имконияти беҳтар гардидани сифати маҳсулотро ба вуҷуд меорад.

Қариб чоряки иқтидори кории корхонаро намояндагону коргарони баландихтисос, танзимгарони хатҳои автоматӣ ва таъмиргарон, механизаторони разряди олӣ ва машинистони агрегатҳои комплексӣ, коргароне, ки ба асбобсозӣ хизмат мерасонанд, ташкил медоданд. Бисёр коргарон дар курсҳои гуногуни истеҳсолӣ-техникӣ ва дар мактабҳои таҷрибаи пешқадам ихтисоси худро такмил доданд. Дар мактабҳои олӣ ва

техникумҳо, дар мактабҳои сиёсии ҷавонони коргар коргарони ин корхона хеле кам таҳсил кардаанд.

Нестеренко оид ба интизоми меҳнат дар завод ёдоварӣ менамояд: «Пештар барои як соати бекористӣ ба онҳо натанҳо сарзаниш мекарданд, балки ҷазо гирифтан мумкин буд. Ҳоло бо сабаби ҷанги шаҳрвандӣ истеҳсолот аксар вақт муддати дароз бекор меистад ва одамон бояд музд гиранд, чӣ тавр зиндагӣ бояд кард? Махсусан, барои онҳое, ки оилаҳои серфарзанд доранд, душвор аст. Роҳбарони корхона барои нигоҳ доштани коргарон аз ҳамаи воситаҳо истифода мебаранд» [81, с.38].

Ҷиҳати такмил додани маҳорату малакаи касбии коргарон роҳбарияти иттиҳодия онҳоро тибқи ҷадвал ба курсҳои такмили ихтисос пайваста ҷалб менамуд. Танҳо дар соли 1980 – 544-нафар ба курсҳои такмили ихтисос фиристода мешавад. Солҳои 80 дар ҷумҳурӣ сохтмон ба маротиб афзоиш намуда, ғайр аз ин сементи тоҷик ба сохтмонҳои Туркманистону Ӯзбекистони ҳамсоя низ бурда мешуд, аз ин лиҳоз, талабот ба афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли семент ва дар робита ба ин зиёд намудани мутахассисони соҳа яке аз вазифаҳои меҳварии фаъолияти роҳбарияти иттиҳодияро ташкил медод.

Зоя Бабченко, ки соли 1960 ба корхона омада буд, таъкид менамояд, ки роҳбарияти завод ҷиҳати такмил додани малака ва маҳорати касбии мо ҳар гуна методҳоро истифода менамуд. Масалан, аввал дар зинаҳои поёнӣ коргарро ба соҳа ворид намуда, сипас, малакаи касбии коргарро дар вазифаҳои гуногун такмил медод. Ба воситаи омӯзонидани нозукиҳои касб дар курсҳои такмили ихтисос аз дигар роҳҳои дигари омодакунии кадрҳо ба ҳисоб мерафт. Масалан, банда низ аз коргари оддии шуъбаи техникаи бехатарӣ оҳиста- оҳиста то ба сардори шуъбаи мазкур расидам. Курсҳои таълимии дар комбинат ташкилшуда, аз ҷумла, мактаби таҷрибаи пешқадам,

курсҳои такмили ихтисос, ки дар корхона баргузор мегардид, ба ман ёрӣ расонд, ки зинаҳои баланди соҳаро тай кунам [81, с.17].

Ин гуна курсҳо ба бисёр касон имконият медиҳанд, ки донишҳои муосиртаринро азхуд кунанд. Ғайр аз ин, - мегӯяд Зоя Никифоровна, - дар он солҳо равон кардани коргарон ба корхонаҳои алоқаманди берун аз ҳудуди ҶШС Тоҷикистон (яъне шаҳрҳои дигари собиқ ИҶШС) вусъат ёфта буд. Коргарони завод бо майли том бо ҳамкасбони худ дар заводҳои сементи Русия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва ғайраҳо ба таҳсил фаро гирифта мешуданд ва нозукиҳои соҳаро аз худ менамуданд.

Ба ҷавонон барои дар донишкадаҳои техникии Новороссийский, Белгород, Тошкент ва Чимкент, ки аз тарафи завод фиристода мешуданд, азхуд кардани дониш имкониятҳои васеъ дода мешуд. Дар кори тайёр кардани кадрҳо барои ҷумҳурӣ Институти таҳқиқотии химия-технологии Москва ба номи Д. Менделееев кумаки арзанда гузоштааст, ба заводи сементи Душанбе аз Русия, Қазоқистон ва  ҷумҳуриҳои дигар бисёр мутахассисон, ки хатмкардаи институти мазкур буданд, дар завод фаъолият намудаанд.

Худи Бабченко дар рафти кор бо дастгирии роҳбарияти корхона маълумоти олии касбӣ гирифтааст. Номбурда хатмкардаи Институти политехникии Тоҷикистон мебошад. Умуман, дар солҳои 60- ум танҳо аз се як ҳиссаи коргарон дорои маълумоти олӣ буданд. Қариб 60 фоизи коргарон дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ва ё курсҳои бозомӯзӣ таҳсил карда буданду халос [81, с.18].

Омӯзиш ва такмили ихтисос талаботи кор буд. Автоматикунонӣ ва насби таҷҳизоти муосир тақозо менамуд, ки мутахассисон ва коргарон зуд-зуд аз курсҳои азнавомӯзӣ гузаранд ва аз ҳамаи навигариҳо бохабар бошанд. Қариб 83 фоизи коргарон маълумоти миёна ва миёнаи махсус доштанд.

Саъю кӯшиши роҳбарият имкон дод, ки завод натанҳо бо мутахассисони зарурӣ, босалоҳият ва соҳибтаҷриба таъмин гардид, балки аз буҳрон ҳам баромада тавонист.

Дар бобати тараққиёти сотсиалистӣ дар ибтидои солҳои 1970 ба ғайр аз тадбирҳои муҳим оид ба беҳтар намудани сифати маҳсулот ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот инчунин, барномаҳо роҷеъ ба беҳтар намудани сатҳи иҷтимоӣ ва шароити кории коргарон яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа дар назди роҳбарияти завод ба ҳисоб мерафт. Соли 1975 Иттиҳодияи “Тоҷиксемент” нақшаи истеҳсолиро барзиёд иҷро намуда, берун аз нақша панҷ миллион рубл фоида ба даст меорад, ки ин дастовард имконияти дигаре дар роҳи беҳтарнамоии шароити меҳнатӣ ва сатҳи иҷтимоии коргарон мегардад.

Соли 1975 дар истеҳсоли семент дастоварди беназир ба вуҷуд меояд. Дар давоми 33 соли таърихи фаъолияти корхона бори аввал истеҳсоли ин маҳсулот аз марҳилаи як миллион тонна мегузарад. Зиёда аз ин, дар роҳи боз ҳам беҳтар намудани сифати семент, омӯхтани навъҳои беҳтарини он аз таҷрибаи кишварҳои дигар ниҳоят, истеҳсоли портландсементи навъи «Марка 500»-и ба сулфат тобовар ба роҳ монда мешавад. Соли 1976 бештар аз се ҳазор тонна портландсементи навъи «Марка 500» бомуваффақият истеҳсол карда мешавад, ки ин дар таърихи фаъолияти завод дастоварди беназир ба шумор мерафт.

Дар бобати минбаъд ҳам зиёд намудани истеҳсоли сементи навъи болозикр,зиёд кардани қувваи корӣ ва муҳимтар аз ҳама таъмин намудани иншооти бузурги саноатӣ, пеш аз ҳама, гидроэнергетикӣ яке аз вазифаҳои муҳимми дар назди роҳбарияти заводбуда, ба ҳисоб мерафт.

Нуқтаи дигареро, ки Зоя Никифоровна Бабченко ба хотир меорад, дар он вақт аз чангу газҳои хориҷшаванда эмин гардондани коргарон ба ҳисоб мерафт. Аз ҳамин хотир, аз фоидаи барзиёде, ки завод соли 1975 ба даст

меорад, ҳамаи ҳавотозакунакҳои (филтрҳо) кухна иваз карда мешавад. Бештари инсоният иштибоҳ мекунанд, -суханашро давом дода, мегӯяд Бабченко, -ҳангоми аз назди корхона гузаштан ва аз қубурҳо баромадани ғубори сафедро дида, гумон мекунанд, ки чанг аст.

Дар асл, он буғи об аст. Аз ашёи хом оби гарм бухор карда мешавад. Санҷишҳои такрории ҳаво дар назди корхона, дар боғи ба номи С. Айнӣ нишон доданд, ки ҳавои атрофи корхона нисбат ба марказ ва кӯчаҳои дигари шаҳри Душанбе хеле тозатар аст [81, с.19].

Пурқувват гардидани коллективи меҳнатиро дида, роҳбарияти завод дар назди худ вазифа мегузорад, ки то соли 1980 истеҳсоли сементро ба 1 миллиону 50 ҳазор тонна расонанд. Моҳи хунуки феврали соли ҷангии 1942-ро ба хотир орем, ки сементчиёни Сталинобод бори аввал курраи сементпазии чархзанандаро ба кор андохта, аввалин тоннаҳои маҳсулотро гирифтанд. Дар муваффақияти коргарони завод мусобиқаи сотсиалистӣ нақши калон бозид, дар он зиёда аз 1000- нафар (дар комбинат 1050- нафар кор мекард, зиёда аз нисфи он синни то 40-сола ба ҳисоб мерафт) иштирок дошт. Гуфтан мумкин аст, ки шаклҳои оммавии мусобиқаи мехнатӣ ҳамаи коллективи дохилизаводро фаро гирифта буд. Мусобиқаи мазкур барои барзиёд иҷро намудани супоришу уҳдадориҳо, беҳтар намудани сифат ва арзон кардани арзиши аслии маҳсулот мусоидат менамояд [81, с.20].

Яке аз кормандони собиқи заводи сементи Душанбе, Сулаймонов Солеҳхон, истиқоматкунандаи ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ), ки зиёда аз 30 сол дар заводи мазкур кору фаъолият намудааст, дар суҳбат бо мо чунин афзуд: “Ман аз кори колхоз бо як азоб баромада ба завод рафтам. Аксарияти мо собиқ колхозчиён, ки танҳо таҷрибаи деҳқонӣ доштем ва ҳам акнун бо коркард ва истеҳсоли семент шинос шуда будем, ба ҳайси коргар бештари вақт ё дар басти рӯзона ва ё шабона фаъолият мекардем. Музди моҳонаи мо дар ибтидои солҳои 60-ум 120 рубл ва аллакай то ибтидои солҳои 70-ум 200

рублро ташкил медод, ки нисбат ба кори колхоз ва маоши колхоз ба маротиб бартарӣ дошт. Барои ба кор даромадан дар завод шаҳодатнома лозим буд ва шаҳодатномаро бидуни маълумотнома аз ҷойи истиқомат намедоданд. Раисони колхоз ва бригадирҳои мо ин василаро хуб суйистифода мекарданд. Яъне барои аз кори колхоз нагурехтани колхозчиён маълумотнома аз ҷойи истиқоматро дареғ медонистанд. Вале колхозчиёни мо, ки аз ночорӣ дар колхоз кор мекарданд ва музди солонаи эшонро ҳамагӣ як сентнер гандум ташкил мекард, бо ҳар роҳу восита аз кори колхоз баромада, ба сементзаводи Душанбе ба кор мерафтанд, зеро барои аз вазъияти бади зиндагӣ раҳо шудан воситаи хубе буд. Маоши ҳармоҳа, вақти кории муайян, рухсатии меҳнатӣ, ҳавасмандпулӣ ва муҳимтар аз ҳама нақлиёти таъйинии завод, ки субҳу шом моро аз хона ба завод ё баръакс мекашонд, воқеан, як шароит ва имконияте, ки қабл аз ин ҳатто дар тасаввури мо ва падарони мо набуд, барои зиндагиамон фароҳам овард. Дар воқеъ сементзаводи Душанбе зиндагии моро билкул дигаргун сохта, моро аз машаққати шабонарӯзии кори колхоз ва тангдастии рӯзгор раҳонид" [88].

Дар рушди минбаъдаи саноати семент дар ҶШС Тоҷикистон Қарори Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Иттифоқи Шуравӣ ва Шурои Вазирони Иттифоқи ҶумҳуриҳоиШуравии Сотсиалистӣ «Оид ба тадбирҳои минбаъд таъмин намудани тараққии саноати семент ва беҳтаргардонии кори он» аз 27 апрели 1957 нацши босазо гузоштааст. Мувофиқи ин қарор Заводи сементи Душанбе аз нав таҷҳизонида ва васеътар карда мешавад, ки пас аз ин талабот ба мутахассисон боз ҳам бештар мегардад. Сентябри 1960 хати якуми Заводи нави сементи Душанбе ба кор медарояд, ки истеҳсоли семент то 134,2 ҳазор тонна мерасад [32, с.11]. Инчунин, бо ба кор даромадани хати дуюми Заводи нави сементи Душанбе соли 1962 (иқтидораш соле 375 ҳазор тонна) ва зиёд намудани иқтидори солонаи заводи якуми сементи Душанбе то 140 ҳазор тонна, (заводи куҳна, ки соли 1942 ба кор даромада буд)

талабот ба қувваи корӣ, пеш аз ҳама, мутахассисони соҳа меафзуд, аз ин лиҳоз, мутахассисони соҳа аз  ҷумҳуриҳои дигар боз ҳам бештар ҷалб гардида, нақшаи фаро гирифтани кормандон ба курсҳои бозомӯзӣ ва азнавтайёркунӣ меафзояд.

Дар маҷмӯъ, агар проблемаи норасоии мутахассисон ва омода намудани мутахассисон дар завод асосан ба воситаи ҷалби ихтисосмандон аз дигар заводҳои миқёси собиқ ИҶШС, ҷалби хатмкардагони макотиби олӣ, фиристодагони роҳбарияти ҶШС Тоҷикистон ва заводи мазкур ба курсҳои такмили ихтисос ва макотиби олии  шаҳрҳои дигари Иттиҳоди Шуравӣ ҳалли худро ёфта бошад, аммо курсҳои бозомӯзӣ ва азнавтайёркунии назди завод низ дар омода намудани мутахассисони соҳа, беҳтар намудани малакаю маҳорати касбӣ ва сатҳу сифати кормандон, омӯзонидани  қоидаҳои оддитарини бехатарӣ, талаботи завод ва  нозукиҳои дигари касбу кори соҳа нақши босазо гузоштааст.

Яке аз кормандони муваффақ ва масъулиятшиноси корхонаи мазкур дар солҳои 70- уми асри гузашта, ки дар коргоҳи кӯҳӣ фаъолият намуда, новобаста аз боду ҳаво рафтуомади аробачаҳои ҳавоиро, ки кони куҳии заводро, ки дар деҳаи “Бувак”- и ноҳияи имрӯзаи Варзоб қарор дошт, бо санг таъмин менамуд, котиби Кумитаи комсомолии завод, Азизулло Муҳаммадҷонов, ба ҳисоб меравад. Чуноне ки дар боло ишора намудем, ҷиҳати бартараф намудани проблемаи нарасидани мутахассисон заводи мазкур тасмим гирифта буд, то бархе аз коргаронро ба макотиби олии собиқ Шуравӣ ва курсҳои бозомӯзӣ ва азнавтайёркунии шаҳри Душанбе ва Тошканд равон намояд. Азизулло аз зумраи он нафарон аст.Ӯ дар коргоҳи кӯҳӣ фаъолияти пурмасъулият анҷом дода, дар фаъолияти шабонарӯзии аробачаҳои ҳавоӣ, ки фаъолияти завод ба онҳо сахт алоқамандӣ дошт, меҳнати тоқатфарсо менамуд. Ҳатто, мавридҳое мешуд, ки дар баъзе аз шабҳои зимистон муҳаррик ва ё хати даврзанандаи аробачаҳо аз кор мемонд.

Новобаста аз сардии тоқатшикан Азизулло ва ҳамкори ӯ Саид ба сардии ҳаво нигоҳ накарда, нуқсони бавуҷудомадаро таъмиру таҷдид менамуданд. Азизулло ва ҳамкори ӯ Саид дар нуқтаи дидбонии худ ба хотири он ки фалокате рух надиҳад, хобро канор гузошта, ба муҳаррик ва қисмҳои дигари таҷҳизоти таноби аробачаҳо дида медӯхтанд. Онҳо ҳанӯз аз ин дастгоҳ дида барнаканда, ки ногоҳ чароғаки зарди таҷҳизот фурӯзон мешавад. Инак, боз фалокат. Онҳо аз хона ба берун шитофтанд. Дар берун ҳанӯз барф меборид, шамол пуршиддат вазида, ба пеш қадам гузоштани Азизулло ва Саид монеа эҷод менамуд. Сим аз куҷо канда бошад, аз тарафи боло ё поён? Охир роҳи он 30 километр, то куҷо бояд давид? Чаро бо радио эълон намекунанд? Машина ҳам нест, Азизуллою Саид аз рӯйи тахмин рӯ ба боло, ба тарафи кӯҳ раҳсипор мешаванд. Роҳ баланду паст, гоҳе ба санг пешпо мехӯрданд. Азизулло ва Саид ба ҷои фалокат расиданд. Он дар нуқтаи дидбонӣ ба амал омада буд. Аллакай аробаҳои бисёри пурсанг ба ҳам бархӯрда, аз ҳаракат монда буданд. Аммо дидбонҳои инҷо куҷоянд? Азизулло шитобон дари хоначаи онҳоро кушод, хоб буданд ва бо садои Азизулло бедор шуданд. Ҳама дар хунукии қаҳратун аз пайи таъмири сим шуданд. Бо радио низ ба тамоми нуқтаҳо хабар доданд. Машинаи махсуси лавозимот омад. Кор як соат давом кард. Роҳи хати аробачаҳо аз нав барқарор гашт....” [123, с.3]. Ҳатто оид ба беҳтар намудани фаъолияти таноб и аробачаҳои ҳавоӣ ва самти дигари фаъолияти коргоҳи кӯҳӣ пешниҳодҳо намуд, ки Шурои навоварони завод пешниҳодҳои ӯро ҳамчун навгонӣ дар ҷоддаи мазкур қабул намудааст.

Чуноне ки дар боло ишора намудем, роҳбарияти завод ба масъалаи ҷалб ва омода намудани мутахассисон ҳамеша диққати махсус зоҳир менамуд. Оид ба ин масъала метавон яке аз мутахассисони муваффақ ва шуҳратёри заводро, ки умри худро дар ин ҷода сарф намудааст, мисол овард, ки он ҳам бошад, Елизавета Назаровна Дедова, мебошад. Мавсуф аз коргари оддӣ то ба машинисти курраи сементпазии даврзананда расидааст.Чуноне ки

мухбири рӯзномаи “Занони Тоҷикистон” қайд намудааст, “Ба бинои боҳашамати заводи семент даромадам бо зани миёнақад, чорпаҳлу ва ситорагарм шинос шудам. Ин кас Елизавета Назаровна Дедова. Ягона зане,ки мошинисти курраи сементпазии даврзананда шуда кор мекунад. Аз равзанаҳои курраи сементпазӣ забонаи оташ намоён буд. Ба димоғ бӯи аҷибе расид. Ин бӯй чӣ бошад? Ба курраи сементпазии гардон наздик шудам. Тасфи он ба рӯям расид. Елизавета Назаровна ба ман оиначаи дастадори кабудеро дода, ба равзана ишора кард: «Нигоҳ кун!». Ба дарун курраи сементпазӣ нигаристаму манзараи аҷиберо дидам. Аз саргаҳи курраи сементпазӣ як наҳр об барин моеи сиёҳ мерехт. Фаввора мезаду поён метаровид. Сипас аланга мегирифт. Чормағз барин кулӯлаҳо пайдо мегаштанд. Анбуҳ аланга мегирифту мавҷак мезад [94, с.9].

Тавре ки маълум гардид, Елизавета Назаровна ҳанӯз дар синни 15-солагӣ, аз вазнинии рӯзгор, набудани падар ва модар, дар он рӯзҳое, ки қувваи корӣ дар дилхоҳ корхона намерасид, бо майлу рағбати зиёд ба фаъолият дар соҳаи истеҳсоли семент корро шуруъ намуда, дар як муддати кӯтоҳ ба машинисти пешқадами курраи сементпазии даврзанандаи заводи семент табдил меёбад. Сипас, соли 1960 ба заводи сементи Душанбе ба кор омада, қисми зиёди умри худро дар заводи мазкур гузаронидааст. Мавсуф дар роҳи рушди завод ва омода намудани мутахассисон саҳми арзанда гузоштааст. Оид ба чӣ тавр ба ин кори сангини мардона ва он ҳам дар синни 15- солагӣ ворид шуданашро Елизавета Назаровна басо ғамангез зикр намудааст. “Давраи осоиштагию осудаҳолӣ оғоз ёфт. Барои обод кардани харобаҳои семент лозим буд” [94, с.9].

Соли 1960 овозаи сохтмони заводи сементи Душанбе ба гӯши ӯ расид. Елизавета Дедова дар маҷлис изҳор намуд, ки мехоҳад ба Тоҷикистон рафта, ҳисса гузорад. Вале ӯро ҷавоб додан намехостанд. Аммо ин ҳама монеаҳо пеши роҳи ӯро гирифта натавониста, раҳсипори Душанбе мегардад ва воқеан,

ҳам ҳамин тавр кард, дар заводи сементи Душанбе фаъолияти содиқона намуда, ҳиссаи арзандаи худро гузошт. Ҳатто замоне мешавад, ки шавҳараш ӯро бо ду фарзандаш таҳдид мекунад, ки дигар кор накунад, аммо ӯ корро интихоб намуда, ба таҳдидҳои ҳамсараш аҳаммият намедиҳад. Баъди тарк карда баромада рафтани ҳамсар низ ӯ фарзандонро калон карда, соҳибмаълумот мегардонад. Моҳи феврали соли 1985 ӯро депутати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон интихоб менамоянд. Чунин масъулияти сангин ва тоқатфарсоро ӯро ҳатто пас аз ба нафақа баромаданаш низ тарк намекард ва кӯшиш менамуд, ки дар ҳалқаи ҳамкорону дӯстон бошад.

Дар солҳои пурҷӯшу хурӯши солҳои 1975-1988, вақте ки истеҳсоли семент ба 1 миллиону 150 ҳазор тонна расид ва сементи Душанбе, чунон ки мегӯянд, дар тамоми ИҶШС гул-гул шукуфта, дар саноат яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол кард, сохтмони калони манзилӣ сар шуд. Корхона ба мақсади баланд бардоштани дараҷаи зиндагонии меҳнаткашон, фароҳам овардани шароити мусоид ҳам барои меҳнат ва ҳам барои истироҳат маблағ ҷудо кард. Ғамхории сотсиалистӣ дар ҳаққи меҳнаткашон яке аз хислатҳои беҳтарини роҳбарият ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ буд.

Бисёр коргарони корхона бо хонаҳои истиқоматӣ, баъзеҳо дар шаҳр, монанди Любов Нухолова ва баъзеҳо дар ҳамсоягии корхона таъмин гардиданд. Масалан, Надежда Балашова, хатмкардаи Институти маъданӣ-металлургии Магнитогорск ва ҳамроҳи ӯ Наталя Киселева, ки баъди хатми донишгоҳ муваққатан барои таҷрибаомӯзӣ ба Душанбе омада буданд, бо манзили истиқоматӣ таъмин гардиданд ва ин дастгирӣ ду мутахассиси сатҳи баландро барои ҳамешагӣ дар завод ҷалб намуд.

Кӯшишҳо барои солимгардонӣ, равона намудани коргарон ба истироҳатгоҳҳо, сайри манзараҳои атрофи пойтахт (Такоб, Сафеддара, Хоҷа-Обигарм, мавзеъҳои истироҳатии Ҳисор), таъсис додани дастаҳои гуногуни варзишгарон, хусусан лижаронон, бозорҳои пурғавғои Душанбе, муносибати

самимии одамон яке аз роҳҳои ҷалби мутахассисони ватанӣ ва махсусан, аз дигар шаҳрҳои дигари  Иттиҳод гардидааст. Мутахассисони ҷавони аз дигар шаҳрҳои собиқ Шуравӣ ин имтиёзҳоро дида бе дудилагӣ зистан ва фаъолият намудан дар Душанберо интихоб менамуданд.

Масалан, Надежда Семёновна барои парасторӣ ва кумаки моддию маишӣ аз сардори қисми истеҳсолии (сех) майдакунӣ Иван Григоревич Онопко ва сармуҳандис Борис Илич Севастянов изҳори миннатдорӣ баён мекунад. Зеро ба қавли Надежда Семёновна онҳо ба мутахассиси ҷавон, яъне манбаринҳо бисёр чизҳоро омӯзонданд, ба онҳо донишҳои амалӣ доданд, онҳоро бо қобилияти меҳнатӣ, бо одамон муомила кардан мусаллаҳ карданд ва ҳатто дар ҳаёти шахсиамон кумакҳои моддӣ менамуданд. Дар омади сухан, коргарзан сарпарастии духтари ҷавонро комилан шараф медонист. Ин буд, ки Надежда Семёновна яке аз кадрҳои пуртаҷрибаи корхона гардида, дар вазифаҳои гуногун фаъолият карда, дар фаъолияти завод ҳиссаи арзандаи хешро гузоштааст.

Барномаи солимгардонӣ натанҳо ҷавононро фаро мегирифт, балки аз он соҳибтаҷрибаҳо, собиқадорон ва ҳам нафақахӯрони соҳа бархӯрдор буданд. Танҳо дар майдони корхона ва деҳаҳои атрофи он барои коргарон се маҳаллаи (посёлка) истиқоматӣ сохта мешавад. Оид ба ин масъала собиқ коргари завод Неъматов Раҳматулло зикр менамояд, ки дар доираи ҳамин барнома банда низ соҳиби манзили истиқоматӣ гардидам [89].

Корхона инчунин, дар Чорбоғ, ки дар дараи Варзоб воқеъ аст, дар як маҳаллаи навбунёд барои коргарон манзилҳои истиқоматӣ сохта, ба истифода медиҳад. Инчунин,  солҳои 1986-1987 дар пойтахт чор бинои истиқоматии баландошёна барои коргарони завод сохта шуда,  барои зисту зидагонӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ низ ин иқдом, то ба як муддат идома меёбад. Масалан, соли Соли 1994 корхона барои манзили истиқоматӣ зиёда аз 70 миллион рубл ҷудо

мекунад. Сарфи назар аз душвориҳои иктисодию молиявӣ, ба сохтмони манзилгоҳҳо диққати калон дода мешавад. Барои мисол, ду бинои 9 ошёнаи иборат аз 120 ҳуҷра, ки қад-қади хиёбони Шерозӣ қомат афрохтааст, сохта ба истифода дода мешавад.

То пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ҳар сол аз ҳисоби завод ва хусусан иттифоқҳои касабаи он то 300 роҳхати туристӣ ва 80 роҳхат ба санатория ва истироҳатгоҳҳо ба коргарон дода мешуд, то ин ки дар осоишгоҳҳои «Хоҷа-Обигарм», «Шоҳамбарӣ», «Қаротоғ» саломатиашонро барқарор намоянд. Ин икдом ҳатто дар як давраи хеле душвор солҳои 1993-1994 низ идома меёбад.

Ҳар ҳафта, рӯзи ҷумъа ба истилоҳ «рейсҳои саломатӣ» дар табиат ба кӯҳсор, ташкил карда мешуд, ки коргарони завод аз он истифода мекарданд. Яке аз аъзоёни фаъоли «рейсҳои саломатӣ» Вера Раҳматовна Нестеренко буд. «Ман кӯшиш мекардам, ки ягон рӯзи истироҳатро аз даст надиҳам, мегӯяд вай. Ҳар як сафар ба кӯҳистон маро қувваю ғайрат мебахшид, имкон дод, ки тамоми ҳафта бо кайфият кор кунам» [81, с.29].

Дар завод гурӯҳи лижаронони фаъоли кӯҳӣ таъсис дода шуда буд. Намояндагони як қатор намудҳои варзиш ҷамъ омада буданд. Дастаҳои футболу волейболбозон барои гирифтани чемпиони шаҳр мубориза мебурданд.Сардори қисми (сех) таъмири механикӣ Геннадий Николаевич Сугаков, сардори қисми энергетикӣ, Виталий Петрович Кожин ва Анатолий Иванович Кузин, барои вусъат додани барномаҳои гуногуни истироҳатӣ ва варзишии корхона саҳми арзанда гузоштаанд [81, с.29].

Бо дастгирии роҳбарияти корхона дар дараи кӯҳсори Харангон комплекси варзишию истироҳатӣ ва шароит барои дӯстдорони моҳидорӣ дар Себистон, дар соҳили обанбори Норак бунёд мегардад.

Иттифоқҳои касабаи коргарони завод ва роҳбарияти он дар доираи солимгардонӣ ва беҳтар намудани шароити зиндагонии коргарон кӯшиш намудааст, то ба ҳамаи эҳтиёҷмандон ва серфарзандҳо ҳаматарафа ёрӣ

расонанд. Ғамхории махсус дар ҳаққи собиқадорони ҷангу меҳнат, дар рӯзҳои иду ҷашнҳо ҳавасманднамоии коргарон, сарпарастии 180-нафар фарзандони коргарон дар боғчаҳои 19 ва 121-и пойтахт, сохта ба истифода додани ду ошхона дар дохили завод ва таъмини коргарон бо хӯроки дастрас ва ташкил намудани имтиёзҳои дигари пулӣ ба оилаҳои коргарон аз ташаббусҳои дигари роҳбарияти завод дар доираи барномаи мазкур ба ҳисоб мерафт.

Яке аз мутахассисони варзида ва шуҳратёри соҳаи мазкур ва хусусан, завод, ки дар рушди соҳа ва завод саҳми беназир гузоштааст, Парто Сатторов ба ҳисоб меравад. Мавсуф 5-уми апрели соли 1936 дар шаҳри Кӯлоб таваллуд шуда, хатмкардаи Техникуми сохтмонии шаҳри Душанбе ва факултети иқтисоди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) мебошад.

Ҳанӯз пас аз хатми Техникум аз апрели соли 1962 фаъолияти худро дар Заводи сементи Душанбе оғоз намуда, дар тули 13 соли фаъолияти корӣ соҳиби таҷриба ва малакаи кофӣ гардида, ба зинаҳои мутахассис ва сармутахассис мерасад. Ҳамин маҳорати баланди касбӣ ва собиқаи лозимӣ имкон медиҳад, ки пас аз ин дар вазифаҳои сардори қисми истеҳсолотии №2, сардори комплекси кӯҳӣ ва вазифаҳои дигари пурмасъул фаъолият менамояд [81, с.4].

Аз моҳи марти соли 1975 ба вазифаи директори генералии заводи муштараки хишти Душанбе интихоб мегардад. Сипас аз декабри соли 1979 то апрели соли 1982 ба ҳайси муовини директори генералии заводи сменти Душанбе фаъолият мекунад. Баъд аз ин муддати ҳафт сол сармутахассиси комбинати асбести Душанбе, сипас роҳбари комбинати мазкур шуда, фаъолият намудааст. Се соли дигар ба ҳайси сармутахассиси комбинати муштараки асбест ва қубурбарории Душанбе фаъолият мекунад.

Аз моҳи августи соли 1993 ба зиммаи Парто Сатторов роҳбарии корхонаи муштараки “Тоҷиксемент” зам карда шуд. Лозим ба зикр аст, ки ӯро коллективи завод якдилона интихоб намуданд, зеро ҳамагӣ медонистанд, ки Парто Сатторов дар муддати 31 соли фаъолияти меҳнатӣ аз мутахассис шуруъ намуда, қариб ҳамаи зинаҳоро тай намудааст ва дар тамоми қисмҳои завод дар вазифаҳои гуногун кор кардааст ва муҳимтар аз ҳама ӯ аз вазъи завод аз дигарон дида зиёдтар огоҳӣ дошт. Аз маълумоти болозикр бармеояд, ки мавсуф ҳаёти худро пурра ба истеҳсоли яке аз муҳимтарин масолеҳи сохтмонӣ бахшидааст.Дар давоми беш аз 30 соли корӣ П.Сатторов пурра тарзи истеҳсол, технология ва нозукиҳои дигари соҳаро меомӯзад. Ин имкон медиҳад, ки дар давраи роҳбарӣ дар ташаккул ва вусъат ёфтани заводи сементи Душанбе саҳми арзанда гузорад. Ворид намудани технологияи муосир, ба роҳ мондани тарзҳои муосири истеҳсолот, ташкил намудани бастҳои кории иловагӣ яке аз сабабҳои ба як корхонаи бузурги ҷумҳурӣ табдил ёфтани завод мегардад. Ин буд, ки дар давраи директории П.Сатторов ҳаҷми истеҳсоли семент то ба 1 миллион тонна, бомпӯш (шифер) то ба 114 миллион адад, қубурҳои асбестӣ то ба 1775 километр мерасад [81, с.5]. Ин дастовардҳои беназир дар таърихи фаъолияти завод, пеш аз ҳама, бо кӯшишҳои бевоситаи П.Сатторов ба даст омадааст, зеро маҳз маҳорати кордонӣ ва ташкилотчигии ӯ имкон дод, ки як қувваи бузурги кориро ҷиҳати ба даст овардани чунин дастовард равона созад ва чунон умед ва рӯҳбаландиро дар дили коргарон ҷой кунад, ки аз коргари оддӣ то ба зинаҳои роҳбарикунанда ҳамагӣ бо як масъулияти том дар рушди соҳа ва хусусан, завод саҳми худро гузоранд.

Чунин маҳорати кордонӣ ва роҳбарии худро П.Сатторов дар давраи сарварии корхонаи ғиштро ба уҳда доштан низ нишон дода, бо ворид намудани технологияи муосир ва ба роҳ мондани усулҳои нави истеҳсолнамоӣ, ба гази табиӣ ба роҳ мондани фаъолияти курраи сементпазии

ғиштпазӣ ва ба ин восита сарфа намудани сӯзишворӣ ҳаҷми истеҳсоли ғишти пухтаро ба маротиб, аниқтараш то ба 75 миллион дона афзоиш медиҳад [81, с.5]. Ноил шудан ба ин гуна дастовардҳо аз як тараф маълумоти азхудкардаи ӯ дар донишгоҳҳо оид ба сохтмон, иқтисодиёт ва курсҳои такмили ихтисос дар Москва маҳсуб ёбад, аз ҷониби дигар таҷрибаи андӯхтаи ӯ дар тамоми қисмҳои завод (зеро ӯ то ба вазифаи директори генералӣ интихоб гардидан, қариб дар ҳамаи зинаҳои корӣ ва роҳбарӣ кору фаъолият намудааст) ба ҳисоб мерафт. Маҳз дар давраи роҳбарии ӯ навъи сементи 400- и ба сулфат тобовар истеҳсол карда мешавад, ки қариб тамоми иншооти муҳимми давлатӣ  аз он истифода менамуданд.

Оид ба хислатҳои ҳамидаи ин мутахассиси варзидаи ватанӣ собиқадори завод Неъматов Раҳматулло, ки умри худро дар заводи мазкур гузаронидааст, дар суҳбат бо мо чунин қайд намудаанд, ки агар дар бораи дастовардҳои завод донистан хоҳед, ба фаъолияти меҳнатии Парто Сатторов таваҷҷуҳ намоед. Ӯ вазъияти завод ва ҳар як коргарро ба пуррагӣ медонист. Дар давраи роҳбарии заводро ба зима доштан ҳар субҳи барвақт аз тамоми қисмҳо, истеҳсолот ва нуқтаҳои асосии завод дидан менамуд ва сипас, ба ҳуҷраи кориаш ворид мегашт, дар вақти ҷаласа дигар касе ба ӯ маълумоти бардурӯғ дода наметавонист [88].

Ҳамин тавр, дар ҳамаи давраҳои фаъолияти заводи семент, омода намудани мутахассисони тахассусманд ва ба талабот ҷавобгӯ яке аз ҳадафҳои пешгирифтаи роҳбарияти корхона маҳсуб меёфт. Аз ибтидои солҳои 70-ум бо ба инобат гирифтани талабот зиёд ба семент, вусъат ёфтани фаъолияти завод, ташкил ёфтани бастҳои кории иловагӣ ва рушд намудани ҳаҷми истеҳсолот зарурати ҷалби бештари мутахассисон, коргарон ва минбаъд боз ҳам бештар сафарбар намудани коргарон ба курсҳои омӯзишӣ ба миён меояд. Аз ин лиҳоз, роҳбарияти завод нақшаи омӯзонидани кормандонро дар курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос ва малакаи касбӣ зиёд менамуд.

Чуноне ки қайд гардидааст, нақшаи омӯзонидани кормандон дар курсҳои такмили ихтисос солтосол зиёд гардида, аллакай танҳо дар соли 1980 544-нафар коргарон аз курсҳои бозомӯзӣ гузашта, методҳои нави истеҳсолотро аз худ намуда, ба завод бармегарданд [81, с.7].

**Ҷадвали 1. Шумораи коргарони заводи сементбарории Душанбе дар солҳои фаъолияти 1942-2021[1].**

| Солҳои фаъолияти завод | 1942 | 1956 | 1961 | 1970 | 1980 | 1994 | 2010 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шумораи коргарон** | **67** | **95** | **320** | **900** | **1320** | **600** | **1050** | **1100** |

[1]Ҷадвал дар асоси маводи омории бойгонии ҷории заводи семенбарорӣ таҳия шудааст.(Бойгонии ҷории заводи сементбарории ш. Душанбе, Ҳисоботҳои солҳои 1942 - 2021).

# БОБИ II. АЗНАВСОЗИИ ИСТЕҲСОЛОТ ДАР ЗАВОДИ СЕМЕНТБАРОРӢ ДАР ШАРОИТИ НАВИ ИҚТИСОДӢ (ОХИРИ АСРИ XX- АВВАЛИ АСРИ XXI)

## 2.1. Фаъолияти корхонаи семент дар шароити нави иқтисодӣ

Лозим ба ёдоварист, ки ҳадафҳои стратегии мамлакат, аз ҷумла, “Баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ” ва “Ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ” заминаҳои иқтисодии рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии кишвар, пеш аз ҳама, соҳаи саноатро фароҳам меоварад. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: “Хушбахтона, аз се ду ҳадафи стратегие, ки дар назди Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор доштанд, заминаи мустаҳкам барои ҳадафи чорум «саноатикунонии босуръати кишвар» ба ҳисоб меравад” [117, с.3]. Соли 2020 дар остонаи ҳадафи чоруми стратегӣ барномаҳои зиёд ҷиҳати суръат бахшидани саноатикунонии кишвар тарҳрезӣ ва то қадри имкон амалӣ гардиданд, вале вазъияти пандемия, ки пуриқтидортарин мамолики оламро ба буҳрони иқтисодӣ мувоҷеҳ намуд, пайомадҳои он иқтисодиёти ҷумҳурии моро низ дар канор нагузошт.

Тавре ки Президенти кишвар дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд: “ Пайомадҳои пандемия ба иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла, ба рушди иқтисоди миллӣ, буҷети давлатӣ, гардиши савдои хориҷӣ, қурби асъори миллӣ, инчунин, ба фаъолияти корхонаҳои саноативу муассисаҳои хизматрасонии мо низ таъсири манфии худро расонида истодаанд. Яъне мо соли 2020 дар вазъияти бошиддати иқтисодиву молиявии ҷаҳонӣ фаъолият карда, бо вуҷуди мушкилоти пешомада, ҷиҳати пешгирӣ намудани пайомадҳои буҳрон ва ҳифзи амнияти иқтисодии мамлакат як қатор чораҳои фавриро роҳандозӣ кардем” [125, с.2].

Новобаста аз вазъияти бавуҷудомада ҳукумати мамлкат тавонист дар соҳаи саноат нисбат ба соли гузашта пешрафт ба даст оварда, иқтисодиёти

ҷумҳуриро нисбат ба соли 2020, чуноне ки Пешвои миллат зикр намудаанд, то 4,5 фоиз афзоиш дода, маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ба 82,5 миллиард сомонӣ расонад. Ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ дар ҳаҷми умумии беш аз 5,4 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла, 1,3 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шуд.

Дар солҳои истиқлолият, бо талошҳои рӯзафзуни Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва фазои орому осудаи кишварамон солҳои охир дар ҳама соҳа, бахусус соҳаи иқтисодию иҷтимоӣ дигаргуниҳои азим ба вуқуъ мепайвандад. Дар ин росто бо истифода аз имкониятҳо, тадбирҳои судманд роҳандозӣ мегарданд, ки барои пешрафти саноати ҷумҳурӣ заминаи мусоид фароҳам меоваранд.

Дар остонаи ҳадафи чоруми стратегӣ саноати сементбарорӣ низ аз соҳаҳои муҳим аз лиҳози имкониятҳои ҷуғрофию захираҳои табиӣ барои саноати мамлакат ба ҳисоб меравад, ки аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ зери таваҷҷуҳи бевоситаи Президенти кишвар қарор дорад. Чунончӣ баъд аз хомӯш гардидани оташи ҷанги шаҳрвандӣ ва фароҳам омадани фазои осоишта Ҳукумати кишвар чун дигар соҳаҳои саноат ба саноати истеҳсоли семент низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, пайваста ҷиҳати рушд додан ва суръат бахшидани ҳаҷми истеҳсоли сементи ватанӣ, бо мақсади таъмини эҳтиёҷоти дохили кишвар ва содирот намудани он кӯшиш ба харҷ додааст [61, с.31].

Дар ин замина бо ҷалби сармояи хориҷӣ, ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо ташкилоти давлатӣ ва ширкатҳои хусусӣ як қатор корхонаҳои бузурги сементбарорӣ сохта ба истифода дода шуд, ки ҳаҷми истеҳсоли сементро даҳ маротиба афзун намуд. Афзудани истеҳсоли семент чун ниёзи аввалиндараҷаи сохтмони иншоот, корхонаҳои саноатӣ, роҳу пулҳо ва амсоли он ба рушди соҳаҳои дигари саноат бе таъсир нест [125, с.3], қайд намуданд, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар ифтитоҳи корхонаи нави сементбарории Душанбе. Инчунин, дар ҷойи дигар таъкид намуданд, ки

мо имрӯз ба кишвари содиркунандаи семент табдил ёфта, рушди ин соҳаи саноат ба инкишофи дигар соҳаҳо, аз он ҷумла, сохтмони роҳу пулҳо, корхонаҳо, биноҳои маишиву истиқоматӣ ва маъмурию фарҳангӣ ва умуман дигар иншооти ҳаётан муҳимми ҷомеа таъсири мусбат хоҳад расонд. Маҳз, ҳамин заминаҳои иқтисодӣ боиси он гардидаанд, ки имрӯз дар мамлакат наздики 300 коргоҳу корхонаи нави саноатӣ бо беш аз 6500 ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шуданд [20, с.9].

Дар натиҷаи заҳмату талошҳои Сарвари давлат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, чуноне ки дар боло қайд намудем, корхонаҳои нави истеҳсоли семент пайдарпай сохта ба истифода дода шуд. Аз он ҷумла, яке аз чунин корхонаҳои истеҳсоли семент корхонаи нави сементбарорӣ дар ноҳияи Ёвон - ҶДММ «Хуаксин Ғаюр Семент», ки аз ҷониби корхонаи муштараки ширкати тоҷикистонии «Ғаюр» ва ширкати хитоии «Хуаксин Сентрал Эйша Инвестмент» таъсис дода шуда, дар асоси қарордод ба маблағи умумии 100 миллион доллари амрикоӣ сохтмони заводи истеҳсоли семент маҳсуб меёбад. Иқтидори истеҳсолии заводи мазкур дар як сол 1 миллион тоннаро ташкил дода, бо истифода аз технологияи муосир бунёд гардидааст ва ба талаботи экологии минтақа ҷавобгӯй мебошад. ҶДММ «Ғаюр» ширкати сохтмонӣ ва истеҳсолкунандаи масолеҳи сохтмонӣ буда, соли 2006 таъсис ёфтааст ва дорои се коргоҳи истеҳсолӣ буда, дар онҳо масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла, семент, хишт ва оҳак истеҳсол карда мешавад. Иқтидори истеҳсолии ҷамъият дар як моҳ 2500 тонна семент, 280 ҳазор дона хишти пухта ва 300 тонна оҳакро ташкил медиҳад. Ширкати хитоии «Хуаксин Сентрал Эйша Инвестмент» ширкати сармоягузории чиноӣ буда, заводҳои калони сементбарориро сармоягузорӣ менамояд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии мардумии Чин аз рӯи ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши семент яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Заводи сементи «Хуаксин Ғаюр Семент», ки аз тарафи ин ширкат дар ноҳияи Ёвон сохта мешавад,

мутобиқ ба лоиҳаҳои заводҳои сементи дар Ҷумҳурии Мардумии Чин мавҷудбуда мебошад [131].

Воқеан ҳам, бо такя ба манобеи коршиносону муҳаққиқон ва маводи бойгониҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки танҳо дар ду даҳсолаи охири соҳибистиқлолӣ саноати семент бо суръат рушд намуда, кишвари мо дар радифи ҷумҳуриҳои содиркунандаи семент дар минтақа шомил шудааст. Роҷеъ ба исботи матлаби мавриди назар, чанд маълумот аз маводҳои бойгонии ҷории Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва матбуоти даврӣ оид ба ҳаҷми истеҳсолот ва рушди соҳаи мазкур овардан муҳим хоҳад буд. Чунончи қайд шудааст, то соли 2014 дар Тоҷикистон 9 корхонаи истеҳсоли семент фаъолият мекард, ки бузургтаринашон корхонаи «Тоҷиксемент»-и шаҳри Душанбе ва «Ғаюрсемент»-и ноҳияи Ёвон ба ҳисоб мерафт [20, с.10].

Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Сементи Тоҷик» аз зумраи он коргоҳҳоест, ки натанҳо дар пойтахти кишвар- шаҳри Душанбе, балки дар тамоми ҷумҳурӣ ва берун аз он бо истеҳсоли сементи хушсифат маъруфу машҳур аст. Ба таъбири дигар ҶСК “Сементи Тоҷик” дар ҷумҳурӣ ягона корхонае мебошад, ки портландсементи ба сулфат тобовар - М- 400 тариқи намнокӣ истеҳсол мекунад [119]. Аммо ин корхонаи машҳуру овозадори кишвар низ аз пайомадҳои ногувори ҷанги шаҳрвандии солҳои 90- уми асри XX дар канор намонда, хисороти моддию техникӣ мебинад. Дуздӣ, азхуднамоӣ, ғасби амволи давлатӣ, баромада рафтани мутахассисон, таллаю тороҷи маҳсулот дар корхона авҷ гирифта, боиси коҳиш ёфтани ҳаҷми истеҳсолот, зиёд гардидани қарзҳои корхона, ба ҳолатҳои садамавӣ дучор гардидан ва аз фаъолият боз мондани қисмҳои корхона ва ниҳоят ба ҳолати ташвишовар мувоҷеҳ гардидани корхонаи мазкур мегардад. Вобаста ба матлаби болозикр собиқ директори генералии корхонаи мавриди зикр Маҳмадраҳим Каримов қайд намудааст, ки “Ибтидои асри нав бо фармони Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маро директори генералии КВД “Тоҷиксемент” таъин намуданд. Банда фавран фаҳмидам, ки ин натанҳо як имтиёз, балки масъулият ва имтиҳони ҷиддӣ аст. Замоне, ки ба корхонаи воҳиди давлатии “Тоҷиксемент” ворид гардидам, ҳастиамро ваҳм зер кард: ҳама биноҳоро шикастаю рехта, вайрону нообод, таҷҳизотро куҳнаву фарсуда, сифати маҳсулотро паст, ҳаҷми истеҳсолотро ночиз дидам, муҳимтар аз ҳама хавоси мардум парешону коста ва умеди хурду калони даргоҳи замоне овозадори мамлакат азояндаи нек канда буд...” [124, с.3].

Воқеан ҳам, бар асари ҷанги бародаркуш корхонаи мазкур ба чунин аҳволи нобасомон рӯбарӯ гардида, ба бухрони шадид гирифтор мешавад. Мавсуф дар ҷойи дигар зикр менамояд, ки аз лаҳзаҳои нахустини масъулияти мазкурро ба зимма гирифтанам гузаштаи заводро варақ зада, дарёфтам, ки дар панҷ сол сохтаанд. Зимистони соли 1942, айёме, ки ҶБВ идома дошт, аввалин киллограмҳои сементи тоҷикро истеҳсол карданд. Солҳои шастум ба 197 000 тонна, солҳои ҳафтодум ба бештар аз 870 000 тонна ва охирҳои солҳои ҳаштодум бошад, ба 1 миллиону 100 000 тонна расониданд. Оре, даврони пуршараф буд, бахри ободиҳо замина мегузошт. Одамон орзу мепарвариданд. Пас ӯ чаро он анъанаҳои пешинро ба нигоҳи нав ва ормонҳои пурҷилову тароват идома набахшад? Агар дар ин ҷода дигаргуниву таҳаввулоти қатъие ворид карда натавонад, талошу орзуҳояш маънӣ надораду ҳайфи умру боварӣ аст... [124, с.3].

Соли 2001 коргоҳ ҳамагӣ 68,9 ҳазор тонна семент истеҳсол мекард. Дар қиёс бо даврони гузашта, фарқ аз замин то осмон буд. Лекин аз ноумедиҳо басо умед аст. Медонистем, ки сохтмонҳои азими кишвар, нақби Анзоб (ҳоло Истиқлол), неругоҳҳои Сангтӯда- 1, бинои пурҳашамати Қасри миллат ва даҳҳо иншооти дигар ниёзманди маҳсулоти корхонаи мазкур ҳастанд ва вобаста ба ин зарурат Президенти мамлакат шахсан таваҷҷуҳ мекарданд ва пайваста кумаку дастгириҳо менамуданд, афзудааст собиқ директори

генералии КВД “Тоҷиксемент”, М. Каримов. Якҷоя бо коргарон хурдтарин имкониятҳои дохилии техникию иҷтимоиро самаранок истифода намудем. Дар давоми ду сол ҳаҷми истеҳсоли сементро ба 166 ҳазор тонна расонидем. Ин ҳама аз дастгириҳои сарвари давлат ба даст омад [124, с.4]. Аммо дар робита ба талаботи мамлакат барои семент ин миқдор ниҳоят кам буд. Дар пеш сохтмони муҳимтарин иншооти давлатӣ ва хусусияти стратегидошта ба нақша гирифта шуда буд. Аз тарафи дигар шароити ҷуғрофии мамлакат тақозо менамуд, ки ҳарчи зудтар соҳаи мазкурро рушд дода, дар ин росто содироти сементро ба хориҷи мамлакат ба роҳ бояд монд. Инчунин, усули омодакунии семент, яъне ба таври тар намудан танҳо дар корхонаи мазкур анҷом дода мешавад ва ба ин восита беҳтарин навъи сементи минтақа истеҳсол мегардад. Навъи сементи марка 400 (ба сулфат тобовар)- и корхона кайҳо чӣ дар дохили мамлакат ва чӣ берун аз он шуҳрати хоса пайдо намуда, иншооти ватанӣ ва бурунмарзӣ солҳо талабгори ин навъи маҳсулот ҳастанд. Аз ин лиҳоз, бо дастури Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон азнавсозӣ ва таъмири корхона ба нақша гирифта мешавад. Тибқи хулосаи мутахассисон барои аз нав таҷҳизонидани корхона 150- 200 миллион доллари ИМА зарур буд. Вале бо сарфи маблағи 14 миллион сомонӣ корхонаро бо иқтидори пуррааш ба фаъолият даровարданд. Акнун ҶС “Бодом”- и Конибодом барои “Тоҷиксемент” қисмҳои эҳтиётӣ мебаровард. Мутахассисони болаёқати коргоҳ дар Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Қазоқистон малакаву таҷриба меомӯхтанд, усулҳои нави замонавии корро ёд гирифта, дар фаъолияти худ ҷорӣ мекарданд. Оҳиста- оҳиста ҳаҷми истеҳсол меафзуд. Заминаҳои нав ба нави дигаргуниҳо ба вуҷуд меомаданд. Бо ширкати “Инекон Групп”-и Чехия шартнома бастанд, ки мувофиқи он мебоист 13 вагон таҷҳизоти замонавӣ мефиристоданд... [124, с.7].

Дар роҳи беҳтар намудани фаъолияти корхона ва баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсоли семент зарурати таҷдиду тармими хатҳои якуму дуюми

роҳи танобии ҳавоӣ меистод, ки он низ новобаста аз мушкилоти мухталиф анҷом дода мешавад. Инчунин, роҳбарияти корхона анборҳоро пурра аз таъмир баровარда, биноҳои маъмурӣ ва кориро таъмир менамояд, дар ҷараёни он саҳни корхона бо нақшу нигори миллӣ ороиш дода мешавад [124, с.7].

Баробари ба даст омадани аввалин имкониятҳо роҳбарияти корхона аз оғози соли 2000 таъмир ва таҷдиди озмоишгоҳро пеш гирифта, онро бо тамоми маводҳои кимиёвӣ ва таҷҳизоту дастгоҳҳои замонавӣ таъмин намуд, зеро сифати маҳсулот аз озмоишгоҳ басо вобастагӣ дошт. Ҷалби мутахассисони соҳибтаҷриба ба озмоишгоҳ, низ аз ҳадафҳои муҳим ва проблемаи ҷиддӣ маҳсуб меёфт. Зеро ташхиси дурусти таркиби маҳсулот аз мутахассиси воқеӣ вобастагӣ дошт. Дар ҶСК “Сементи тоҷик”, ки ҳуҷҷатгузорӣ бо забони давлатӣ ба роҳ монда шудааст, лаборатория – таҳлилгоҳ унвон карда шудааст, ки чуноне ки ишора намудем, дар таҳлилгоҳ сифатнокии семент санҷида мешавад. Табиист, ки ин кор аз мутахассисон масъулияти зиёд талаб мекунад. Мутахассиси варзидаи соҳа Алиева Раиса Газизовна, ки аз соли 1992 дар таҳлилгоҳи (лаборатория) ҶСК “Сементи тоҷик” кор мекунад, мегӯяд, ки ҳар кадом кормандони таҳлилгоҳ вазифаҳои махсуси худро доранд. Аз ҷумла, Ширин Асалова, Валентина Тамбосовна, Файзулло Мирзоев, дар таҳлилгоҳи марказӣ Орифа Ҳаётова, Роҳатмоҳ Сайфиддинова ва Ҷамшед Тошев дар бахши санҷиши физикиву механикии таҳлилгоҳ ташхис мегузаронанд. Ҳар кадом таҳлилгарон, аз ҷумла, онҳое, ки ба таҳлили кимиёвии семент (ду зану ду мард) сарукор доранд, вазифаҳои ба зиммаашон гузошташударо саривақт ва бо сифати аъло ба марҳилаи иҷро мерасонанд. Зеро хуб медонанд, ки сифати ҳазорҳо тонна сементи фардо истеҳсолшаванда вобаста ба кори онҳост. Маҳсулоти хушсифати ҶСК “Сементи тоҷик”, ки дар заминаи шиносонидани неруи созандагии миллатамон пешқадамтарин корхона ба шумор меравад, ҷавобгӯи меъёрҳои

ҷаҳонӣ аст. Натиҷаи ин таҳлилҳои дақиқкорона буд, ки коргоҳ сазовори ҷоизаҳои байналмилалӣ гардидааст [124, с.9].

Ваҳдати миллӣ ва Истиқлолияти давлатии кишвар баҳри эҳё гардидани заминаҳои рушд ва тараққиёти бонизоми корхонаҳои кишвар шароити мусоид фароҳам овард. Аз ҷумла, заводи сементбарории шаҳри Душанбе тибқи тақозои давру замон ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Тоҷиксемент” мубаддал гардида, фаъолияти худро давра ба давра такмил дод ва ба нишондиҳандаҳои баланди меҳнатӣ ноил шуд.

Тавре ки мухбирони рӯзномаи “Паёми Душанбе” Ш.Ҳусейнзода, А.Шаҳзод ва Ф.Шоева пас аз боздид аз фаъолияти ҶСК “Сементи Тоҷик” ва мусоҳиба бо директори генералии онвақтаи корхонаи мазкур Шарифзода Зайнулло Маҳмадулло дар мақолае таҳти унвони “Фардои дурахшони ҶСК “Сементи Тоҷик” аз меҳнати имрӯзиён вобаста аст” басо возеҳ ва равшан иброз доштаанд, “имрӯз кормандони ҶСК “Сементи Тоҷик” таҳти роҳбарии Шарифзода Зайнулло Маҳмадулло, ки роҳбари ҷавону боистеъдод ва соҳибтахассус аст, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки бо истеҳсоли маводи хушсифат ба комёбиҳои назаррас ноил гарданд” [119, с.3].

Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Сементи Тоҷик» дар солҳои истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ фаъолияти истеҳсолии худро даврабадавра инкишоф медиҳад. Бо навъи м-400 таъмин намудани иншооти мамлакат, соҳаи сохтмон ва саноат, инчунин, содирот ба хориҷи кишвар яке аз ҳадафҳои асосӣ дар назди роҳбарияти корхона қарор дошт. Ба ҳамин далел, талабот ба истеҳсоли корхонаи мазкур аз ҷониби ширкатҳои сохтмонии хориҷӣ зиёд гардида, истифодаи он ҳам дар обектҳои дохили кишвар, ки аз тарафи ширкатҳои бурунмарзӣ бунёд мегардид ва ҳам дар иншооти хориҷ аз кишвар бештар мегардад. Ин буд, ки 10-уми июни соли 2008 дар конгресси байналхалқии саноатчиён ва соҳибкорон, ки бахшида ба ҷашни «Рӯзи Русия» баргузор гардид, корхонаи мазкур барои истеҳсоли сементи баландсифат ба

мукофоти байналхалқии «Ягуари тиллоӣ» сарфароз гардонида шуд. Пас аз як сол, яъне 22-юми сетябри соли 2009 дар шаҳри Парижи Фаронса комиссияи экспертии байналхалқӣ, иборат аз намояндагони корхонаҳои машҳуртарини 178 кишвари дунё ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ будани сементи тоҷикро эътироф намуда, ба Корхона «Ҷоизаи байналмилалӣ барои сифат BID» тақдим намуданд.

Дар моҳи июни соли 2010 ҶСК «Тоҷиксемент»-ро бо мукофоти «Аркаи Европа» дараҷаи бриллиант барои пешрафт оид ба сифати аъло дар шаҳри Франкфурти Олмон сарфароз гардонданд.

Воқеан ҳам, тибқи эътирофи экспертҳои байналмилалӣ сифати портландсементи М-400 ба талаботи стандарти давлатии ГОСТ- и 10178-86 ва портландсементи ба сулфат тобовари М-400 ба талаботи стандарти давлатии ГОСТ- и 22266-94 ҷавобгӯ мебошад. Қобили қайд аст, дуде, ки аз манораҳои корхонаи мазкур берун меояд, тибқи ташхиси мутахассисон танҳо гарду ғубор набуда, 80 дарсади онро буғи оби дар ҳарорати ниҳоят баланд бавуҷудомада ташкил медиҳад. Ҳамзамон, таъкид мешавад, ки аз назари экологӣ ҶСК "Сементи Тоҷик" ба нуқтаҳои аҳолинишини гирду атрофаш хавфу хатар эҷод намекунад, зеро дар коргоҳ ба шарофати ворид кардани технологияи наву муосир, ки асбобҳои худидоракунии компютерӣ таҷҳизонида шудааст, ин масъала, яъне хатари экологӣ пурра бартараф карда шудааст [119, с.3].

Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Тоҷиксемент" тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №12, аз 19 ноябри соли 2013 ба Корхонаи воҳиди давлатии "Сементи Тоҷик" табдил дода шудааст. Сипас, дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №147, аз 3-юми марти соли 2014 ба системаи Вазорати саноат ва техналогияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуда, дар асоси талаботи вазорат ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба табдил додани КВД "Сементи Тоҷик" ба ҶСК

“Сементи Тоҷик” таклиф пешниҳод гардид [119, с.2]. Яке аз омилҳои бо тамоми неру фаъолият кардани дастгоҳҳои пуриқтидори корхона, гази табиӣ ба ҳисоб мерафт. Дар бозори ҷаҳонӣ нархи ин маводи сӯхт низ боло рафт, ҳамзамон, интиқоли гази табиӣ аз ҳамсоякишварҳо коҳиш ёфт.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар вохӯриашон бо фаъолони ноҳияи Ёвон, 1-уми майи соли 2008 иброз доштанд, ки бо мақсади таҳким бахшидани имкониятҳои энергетикии кишвар, бояд таъмиру таҷдид ва барқарор намудани иқтидори неругоҳҳо ва марказҳои барқу гармидиҳии мавҷуда, ба роҳ мондани фаъолияти онҳо бо сӯзишвории алтренативӣ, аз ҷумла, ангишт ҳарчи зудтар ба анҷом расонда, ба зимистони имсола омода бошем. Инчунин, ба роҳ мондани фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, аз он ҷумла, корхонаҳои истеҳсоли семент ва маҳсулоти дигари бинокорӣ тавассути ангишти ватанӣ низ яке аз ҳадафҳои афзалиятноки ҳукумати мамлакат ба ҳисоб меравад [128] .

Дар натиҷаи дастуру супоришҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гул Шералӣ бо директори намояндагии ҶСК “ТВЕА” дар Тоҷикистон Ван Тсзян ва мутахассисони ин ширкат мулоқот намуда, пас аз мулоқот бо рӯзноманигорон чунин ибрози андеша намуд, ки яке аз корхонаҳои муҳимтарини соҳаи сементи ҷумҳурӣ ҶСК “Тоҷиксемент” ба шумор меравад ва масъалаи аз гази табиӣ ва ангишт гузаронидани он айни замон басо мувофиқи мақсад маҳсуб меёбад. Директори намояндагии ҶСК “ТВЕА” дар Тоҷикистон Ван Тсзян низ дар мулоқот бо рӯзноманигорон зикр намуд, ки рӯз аз рӯз ҳамкориҳои мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли густаришёфтан аст ва ширкати мо масъалаи гузаронидани фаъолияти ҶСК “Тоҷиксемент”-ро аз гази табиӣ ба ангишт, таъмини корхона ба таҷҳизоти муосир, ки ба воситаи технологияҳои рақамӣ идора карда мешавад, мавриди омӯзиш ва иҷро қарор хоҳад дод. Инчунин, вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии

Тоҷикистон Гул Шералӣ таъкид кард, ки тавассути ангишти ватанӣ ба роҳ мондани корхонаҳои сементбарорӣ чанд сол аст, ки мавриди таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад ва то кунун дар ин самт комёбиҳо ба даст омадаанд. Аз ҷумла, 6 корхонаи семент ва дар маҷмуъ 131 корхонаи саноатӣ барои истифода аз ангишт танзим шудаанд [127].

Ин омилҳоро ба назар гирифта, бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2013 ду хумдони корхона- хумдони №1 ва №4- и Истеҳсолоти №1 бо истифода аз технологияи наву муосир аз гази табиӣ ба ангишт гузаронида шуданд.

Соли 2013 дар Тоҷикистон 385 ҳазор тонна семент истеҳсол карда шуд. Талаботи солонаи Тоҷикистон ба ин навъи масолеҳи сохтмон беш аз 1,5 млн тоннаро ташкил медиҳад. Лозим ба ёдоварист, ки то соли мазкур бузургтарин корхонаи истеҳсолкунандаи семент “Корхонаи сементи тоҷик” дар Душанбе, ки соли 1942 сохта ба истифода дода шудааст, ба ҳисоб мерафт, ки дар тӯли фаъолияти зиёда аз нимасрааш дар рушди саноати мамлакат саҳми бағоят бузург гузоштааст. Аммо корхонаи мазкур дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ зарари ҷиддӣ дида, ҳаҷми истеҳсоли қаблиашро аз даст медиҳад. Чуноне ки дар боло ишора намудем, дуздӣ, азхудкунии худсаронаи қисмҳои корхонаи мазкур ва даромади он, баромада рафтани мутахассисон, қатъ гардидани лӯлаи гази табиӣ, корношоям гардидани мошинаҳо-дастгоҳҳо ва таҷҳизоти дигари он корхонаро ба ҳолати ногувор мувоҷеҳ мекунад. Аз ин лиҳоз, камбуди семент аз ҳисоби воридоти он аз Покистон, Афғонистон, Эрон, Русия, Қазоқистон ва Қирғизистон бароварда мешуд [20, с.9]. Бо ба даст омадани аввалин имкониятҳо Сарвари давлат иқдоми саривақтиро ҷиҳати таъмир намудани корхонаи мазкур пеш гирифт ва дар баробари таъмир фаъолияти онро ба воситаи ангишти ватанӣ ба роҳ монд.

Яке аз нишондодҳои баланди корхона вобастагии корхона аз гази табиӣ мебошад. Фаъолияти асосии Ҷамъияти Саҳҳомии Кушодаи «Тоҷиксемент» истеҳсоли портландсементи М-400 ва портландсементи ба сулфат тобовари М-400-ро бо усули таркунонидан ба роҳ монда, пухтани клинкер дар оташдонҳои даврзанада бо истифодаи гази табиӣ сурат мегирифт. Пас аз қатъ гардидани лӯлаи гази табиӣ зарурати ба роҳ мондани корхона бо сӯзишвории ангиштсанг ба миён меояд. Табиист, ки ин омил ба бахши саноати мамлакат таъсири манфии хешро расонид. Зеро, корхонаҳои азими кишвар, аз қабили КВД "Ширкати Алюминийи Тоҷик", ҶСК "Тоҷиксемент" ва ғайраҳо, ки фаъолияташон бо истифодаи гази табиӣ сурат мегирифт, дар натиҷаи ин иқдом ба мушкилоти ҷиддӣ дучор гаштанд. Хушбахтона, дар як муддати кӯтоҳ дар заминаи чораандешиҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ КВД "Ширкати Алюминийи Тоҷик" бо истифода аз ангишт фаъолияти худро ба роҳ монд. Иқдоми фавқуззикр, корхонаи азимро аз пайомадҳои ногувори қатъ гардидани интиқоли гази табиӣ, ки коршиносони ватанӣ ва бурунмарзӣ онро "пешгӯйӣ" намуда буданд, эмин нигоҳ дошт.

Баъд аз натиҷаҳои дилхоҳ додани иқдоми зикршуда, бо дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати энергетика ва саноати мамлакат якҷоя бо роҳбарияти ҶСК "Тоҷиксемент" оид ба гузариши ин корхона аз истифодаи гази табиӣ ба ангишт чораандешӣ намуданд. Чунки ин корхонаи азим ва овозадор дар таъмини иншооти муҳиму стратегӣ ва аҳолии кишвар бо сементи хушсифат нақши муассир дорад ва табиист, ки бидуни фаъолияти он раванди таъмини иншооти мазкур ва сокинони мамлакат бо ин намуди маҳсулоти сохтмонӣ ба мушкилот рӯбарӯ хоҳад шуд. Ёдовар мешавем, ки бар асари қатъ гардидани фаъолияти корхона як қисми кормандони он бо навбат ба рухсатии бемузд фиристода шуда буданд. Бо мақсади роҳандозӣ намудани фаъолияти корхонаи зикршуда, бо истифода аз ангишт вазири энергетика ва саноати ҷумҳурӣ Гул Шералӣ ва директори генералии ҶСК

“Тоҷиксемент” Маҳмадсаид Зувайдов ба Ҷумҳурии Мардумии Чин сафари корӣ анҷом дода, бо роҳбарияти ширкатҳое, ки дар чунин ҷода таҷрибаи кофӣ доранду дар арсаи байналмилалӣ эътироф шудаанд, як силсила мулоқоту вохӯриҳо анҷом доданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ин сафар натиҷаи дилхоҳ ба бор овард ва дар асоси протоколҳои дуҷониба ва гуфтушунидҳо, ки дар шаҳри Душанбе ва Пекин сурат ёфтаанд, дар таърихи 27- уми феврали соли 2013 дар шаҳри Пекини Ҷумҳурии Мардумии Чин қарордод тахти №CTSN/2013022701 байни ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиксемент» ва ширкати “Katlon International Industry(Tianjin) Group” – и Ҷумҳурии Мардумии Чин, қарордод барои барномаи “Гузариш аз гази табиӣ ба ангиштсанг” баста шуд, ки дар натиҷа, бо истифода аз технологияи нави муосир ва фаъолияти муштараки мутахассисони корхонаи «Тоҷиксемент» ва ширкати “Katlon International Industry (Tianjin) Group” – и Ҷумҳурии Мардумии Чин шуруъ аз моҳи марти соли 2013 дар заминаи шартномаи тарафайн бо ҶСК “Тоҷиксемент” ба бунёди коргоҳи махсусгардонидашуда ва васлу насби таҷҳизоте, ки гузариши корхонаи мазкурро аз истифодаи гази табиӣ ба ангишт баҳри истеҳсоли маҳсулот таъмин намуд ва моҳи сентябри соли 2013 оташдони даврзанандаи якум ва моҳи январи соли 2014 оташдони даврзанандаи дуюми Истеҳсолоти № 1 аз гази табиӣ ба сӯзишвории ангиштсанг гузаронида мешавад [121, с.5].

Дар суҳбат бо хабарнигори рӯзномаи “Садои мардум” Далер Мерганов директори генералии корхона, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Зувайдов иттилоъ додааст, “роҳандозӣ намудани чунин тарзи истеҳсоли маҳсулот дар корхонае, ки то ин замон бо гази табиӣ фаъолият дошт, иқдоми саҳлу сода набуда, бунёди як коргоҳи ҷадидро шабеҳ аст. Сарфи назар аз ин ва  мушкилоти дигари мавҷуда мо тасмим гирифтем, ки ин корро дар сатҳу сифати баланд амалӣ намоем. Нуқтаи муҳим он аст, ки тамоми маблағи бо ин мақсад сарфшуда аз ҳисоби

худи корхона буд, ки то ин замон се миллиону 300 ҳазор сомониро ташкил медиҳад” [121, с.5].

Зимни боздид аз маҳалли иншооте, ки ин гузаришро имконпазир менамояд, воқеан ҳам, муътақид гардидем, ки роҳбарияти ҶСК “Тоҷиксемент” боз як коргоҳи дигарро, ки бо истифода аз таҷҳизоти замонавии ҷавобгӯйи талаботи байналмилалӣ фаъолияташро пеш хоҳад бурд, бунёд намудааст, ки дар рафти сохтмони корхонаи мавриди зикр ҳудуди сад нафар сохтмончиён фаъолият намудаанд ва 70 нафарашонро мутахассисони ватанӣ ташкил медод. Нуқтаи ҷолиб он аст, ки ба кори сохтмон маҳз кормандони корхона, ки бо сабаби қатъ гардидани фаъолияти он дар рухсатии бемузд қарор доштанд, ҷалб шудаанд. Масолеҳи сохтмоние, ки зимни бунёди иншоот истифода шудаанд, ба истиснои таҷҳизоти васлшаванда маҳсули корхонаҳои дохили кишвар буд. Ин иқдом ба хотири мусоидат намудан ба рушди истеҳсолоти ватанӣ ва дастгирии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ аз ҷониби роҳбарияти ҶСК “Тоҷиксемент” амалӣ шудааст. Саркори қитъаи сохтмонӣ Мирзошариф Бобохонов зимни суҳбат бо хабарнигори рӯзномаи “Садои мардум” Далер Мерганов иброз доштааст, ки кулли техникаҳои сохтмонии дар ҷараёни корҳои сохтмонӣ истифодагардида низ ба худи корхона тааллуқ доранд. Ин омил имкон фароҳам меорад, ки ҳамрадиф бо сарфа намудани маблағ кормандони корхона, ки бо сабаби зикршуда то ин замон бекор монда буданд, бо ҷойи кор ва маоши арзанда таъмин гарданд [121, с.7].

Директори генералии корхона Маҳмадсаид Зувайдов аз сатҳу сифати корҳои сохтмонии аз ҷониби ширкати “Katlon International Industry (Tianjin) Group” – и Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷараёндошта изҳори қаноатмандӣ намуда, иброз доштааст, ки роҳбарияти ширкат барои ҳар чӣ зудтар мавриди истифода қарор гирифтани ин иншоот аз тамоми имконоти мавҷуда самаранок истифода менамуданд. Барои мисол, аксари дастгоҳ ва таҷҳизоте,

ки барои ин коргоҳ бояд истифода шаванд, аз Ҷумҳурии Мардумии Чин дастрас шуда, танҳо васлу насби он дар ин ҷо амалӣ гашта истодааст. Фаъолияти таҷҳизоти мазкур бо риояи қатъии талаботи бехатарии экологӣ, ки дар ҷаҳони муосир аз мавзуъҳои муҳим маҳсуб меёбад, сурат гирифта, ангишт аввал дар дастгоҳҳои махсус бехта, баъд аз гузаштани коркарди пешбинишуда дар таҷҳизоти дигар ва ба оташдони даврзананда интиқол меёбад. Маҳмадсаид Зувайдов бар он ақидааст, ки гузариши корхона аз гази табиӣ ба ангишт дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулот ба муҳити зист таъсири манфӣ нахоҳад дошт. Зеро, тамоми таҷҳизот ва дастгоҳҳои истифодашуда истеҳсоли ширкатҳои бонуфузи байналмилалӣ мебошанд ва ширкати "Katlon International Industry (Tianjin) Group" низ таҷрибаи ғании фаъолият дар ин бахшро дорад. Коргоҳи мазкур имконият фароҳам овард, ки ду оташдони даврзанандаи корхона фаъол шаванд [121, с.7]. Ҳамин тавр, сентябри соли 2013 ба муносибати ҷашни истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз оташдонҳои даврзананда пас аз танаффус ба фаъолият шуруъ намуд, ки як дастовард дар соҳаи истеҳсоли семент бо тарзу усули ҷадид маҳсуб меёфт ва инчунин, дар болоравии ҳаҷми маҳсулот таъсири мусбати худро мегузорад.

Давоми муддати кӯтоҳ амалӣ гардидани ҳадафи мазкур маҳз бо дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ, Вазорати энергетика ва саноати мамлакат ва меҳнати пурмаҳсули роҳбарият ва кормандони ҶСК "Тоҷиксемент" имконпазир гардидааст. Тибқи суханони директори генералии корхона дарояндаи наздик иқтидорҳои дигари корхона низ бо истифода аз ин усул мавриди истифода қарор хоҳанд гирифт. Иқдоми мазкур замина фароҳам меорад, ки корхона дар як шабонарӯз 600 тонна семент истеҳсол намояд. Барои истеҳсол шудани ин миқдор семент 240 тонна ангишт масраф хоҳад гашт. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки ба ҷойи гази табиӣ, истифода гардидани ангишт ҳаргиз ба сифати сементи истеҳсолнамудаи корхона, ки то ин замон

дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гаштаву бо ҷоизаи байналмилалии “Бурҷи Аврупо” низ қадрдонӣ гаштааст, таъсири манфӣ намерасонад [21, с.8].

Лозим ба зикр аст, ки корхона дар ин росто бо КВД “Фон- Яғноб” шартномаи ҳамкорӣ бастааст, ки дар асоси он аллакай захира намудани ангишти хушсифатбарои фаъолияти минбаъда шурӯъ гаштааст. Мавриди истифода қарор гирифтани усули ҷадид ҳамзамон имкон фароҳам меорад, ки 43- нафар бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин шаванд. Дар робита ба масъалаи он ки оё ин теъдод кормандон барои истеҳсоли ҳаҷми пешбинишудаи семент, ки 600 тонна дар як шабонарӯз муайян шудааст, кам нест, директори генералии ҶСК “Тоҷиксемент” Маҳмадсаид Зувайдов дар суҳбат бо мухбири рӯзномаи “Садои мардум” чунин посух додааст, ки тамоми таҷҳизоти дар раванди гузариш истифодашаванда, замонавӣ буда, аксарашон тариқи компютер идора мегарданд. Маҳз ҳамин омил шароит фароҳам овардааст, ки бо ҷалби нисбатан ками қувваи корӣ, ба роҳ мондани истеҳсоли ҳаҷми зиёди маҳсулот имконпазир гардад. Дар маҷмуъ, гузариши ҶСК “Тоҷиксемент” аз гази табиӣ ба ангишт баҳри истеҳсоли маҳсулот марҳилаи сифатан нави эҳё ва рушди ин корхонаи азиму овозадорро ибтидо бахшида, имкон медиҳад, ки иншооти стратегии мамлакат ва аҳолии ҷумҳурӣ бо сементи баландсифат таъмин гарданд [121, с.7].

Иқтидори лоиҳавии иншооти мазкур дар якшабонарӯз 400 тонна гардкунии ангиштсанг мебошад, ки дар як баст барои фаъолияти технологии ду оташдон роҳандозӣ карда шудааст.

Тибқи тарҳи мазкур корхона дар як шабонарӯз 900 тонна ва дар як сол зиёда 250000 тона семент истеҳсол менамояд. Бояд қайд намуд, ки истеҳсоли маҳсулоти семент дар ин иншоот ба тарзи тар (мокрый способ) буда, ҷавобгуйи меёрҳои стандарти байналмилалии сифат мебошад. Ҳолати пурра фаъолият намудани оташдонҳои даврзанандаи коргоҳ 2400 тонна клинкер дар якшабонарӯз истеҳсол карда мешавад [21, с.9].

Коргоҳи гардкунии семент аз 7-адад осиёбҳои гардкунӣ иборат буда, иқтидори истеҳсоли шабонарӯзии он 4200 тонна мебошад. Шумораи коргарони коргоҳ 40-нафар мебошад. Коргоҳи боркунӣ ва захираҳои семент дорои 10-анбори захираи семент буда,ғунҷоиши онҳо 28000 тоннаро ташкил медиҳад. Дар коргоҳ 19-нафар коргар кор мекунад [20, с.33].

Коргоҳи ҳавоӣ ва обтаъминкунӣ корхонаро бо ҳавои фишурда ва оби техникӣ пурра таъмин менамояд. Шумораи коргарон 29-нафар мебошад. Истеҳсолоти № 2 бошад, доро 2 оташдони даврзананда буда, истеҳсоли шабонарӯзии он 648 тонна клинкерро ташкил медиҳад. Коргоҳ, инчунин, дорои анбори захираи клинкер ва семент ва 2-адад осиёбҳои гардкунанда иборат мебошад [20, с.33].

Имрӯз корхонаи мазкур беҳтарин навъи сементро дар минтақа (марка 500) истеҳсол мекунад, ки иншооти муҳимми давлатӣ бо маҳсулоти он сохта шуда истодаанд. Аммо чуноне ки дар боло ишора намудем, талаботи солонаи Тоҷикистон ба ин навъи масолеҳи сохтмонӣ беш аз 1,5 миллион тоннаро ташкил медиҳад, ки корхонаи мазкур дар алоҳидагӣ ин эҳтиёҷро бароварда наметавонист. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо кишварҳои шарикони стратегӣ ва ҳамҷавор, назири Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷопон, Қазоқистон ва Ӯзбекистон корхонаҳои дигари истеҳсолкунандаи сементро сохта ба истифода дод, ки истеҳсоли солонаи семент ба 4,7 миллион тонна, яъне се баробари талаботи солонаи Тоҷикистон расид [20, с.34].

Чи тавре ки дар ҳисоботи солонаи (2017) Вазорати саноат ва технологияҳои нав қайд шудааст, дар ҷумҳурӣ 13 корхонаи истеҳсоли семент бо иқтидори солонаи 3,1 миллион тонна фаъолият дошта, дар ду моҳи соли 2017 197,3 ҳазор тонна семент истеҳсол намуданд, ки назар ба ду моҳи соли гузашта 7,0 ҳазор тонна зиёд мебошад. Бо зиёд шудани истеҳсоли семент ҳаҷми воридоти он кам ва содироти он ба роҳ монда шуда, дар ин давра 60,2 ҳазор тонна ба Ҷумҳуриҳои Афғонистон (53,8 ҳазор тонна), Ӯзбекистон (6,2

ҳазор тонна) ва Қирғизистон (160 тонна) содир гардидааст. Содироти семент аз тарафи ҶДММ «Хуаксин Ғаюр семент», "Чунгтсай Моҳир семент"-и ноҳияи Ёвон ва «Хуаксин Ғаюр Суғдсемент»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров амалӣ шудааст. Соли 2017 бунёди корхонаҳои истеҳсоли семент дар шаҳри Конибодом аз ҷониби ҶДММ «Билол Суюлинсемент» бо иқтидори 200,0 ҳазор тонна ва истеҳсоли халта дар ноҳияи Ёвон бо иқтидори 80,0 миллион дона бо таъсиси 170 ҷойи нави корӣ пешбинӣ шудааст [20, с.39].

Шавкат Бобозода, вазири саноат ва технологияҳои нави кишвар, бо зикри ин нукта зимни нишасти хабарӣ чунин таъкид намуд, ки соли 2017 дар соҳаи масолеҳи сохтмон хаҷми истеҳсоли семент ба 3,1 миллион тонна, масолеҳи деворӣ 240,0 миллион дона, гаҷкартон 1,5 миллион дона, гаҷ 42,0 ҳазор тонна, шифер 300,0 ҳазор дона расидааст [132]. Дар ҷараёни нишасти матбуотӣ мавсуф таъкид намуд, ки доир ба содироти маҳсулоти ватанӣ андешаронӣ сурат гирифта, гуфта шуд, ки дар ин давра 1 миллиону 22 ҳазор тонна семент, аз ҷумла, ба Ҷумҳуриҳои Афғонистон 657,9 ҳазор тонна, Ӯзбекистан 249,1 ҳазор тонна ва Қирғизистон 115,5 ҳазор тонна содир гардида, воридоти семент бошад, дар соли ҷорӣ 43,9 ҳазор тоннаро ташкил додааст. Истеҳсоли гаҷкартон ҳамчун маҳсулоти ивази воридот ба 1,5 миллион дона баробар шуда, аз ин миқдор 74,0 ҳазор дона гаҷкартон ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон содир карда шудааст [132]. Барои муқоиса ҳисоботи солонаи Вазорати саноат ва технологияҳои навро мавриди таҳлил қарор дода, ба хулосае омадем, ки дар натиҷаи ҳамкориҳо солтосол истеҳсоли семент рӯ ба афзоиш аст.

Барои мисол, дар соли 2018 ба 3,8 миллион тонна ва дар соли 2019 ба 4,2 миллион тонна баробар шуда, нисбат ба соли 2018 10% зиёд шудааст [20, с.13]. Сифати баланди сементи корхонаҳои кишвар кайҳост диққати ҷумҳуриҳои ҳамҷаворро ҷалб намудааст. Ин аст, ки маҳсулоти корхонаҳои сементбарории Тоҷикистон танҳо дар соли 2019 беш аз 1,5 миллион тонна ба

хориҷи кишвар, аз он ҷумла, 890 ҳазор тонна ба Ӯзбекистон, 576 ҳазор тонна ба Афғонистон, 80,6 ҳазор тонна ба Қирғизистон, ки дар умум, арзиши он ба 68,1 миллион доллари ИМА баробар аст, содирот шудааст, ки мувофиқи таҳлили коршиносон нисбат ба соли сипаришуда 150 ҳазор тонна зиёд мебошад [20, с.7]. Алакай дар соли 2020 дар Тоҷикистон беш аз 18 корхона ба истеҳсоли семент машғул буда, асоситаринашон се корхонаи муштараки Тоҷикистону Ҷумҳурии мардумии Чин аз қабили «Чунгтсай Моҳир семент», «Хуаксин Ғаюрсемент» ва «Хуаксин Ғаюр Суғдсемент» ба ҳисоб меравад, ки қариб90%-и истеҳсоли сементи мамлакатро ташкил медиҳад.

Аз аввали соли 2020 дар мамлакат беш аз 3,6 миллион тонна семент истеҳсол шудааст. Ин нишондиҳанда 2,4% ё худ нисбат ба нишондиҳандаҳои моҳҳои январ-октябри соли 2019 87,1 ҳазор тонна зиёдтар аст, хабар медиҳад “Авесто”. Тибқи иттилои манбаи агентии “Авесто”, дар айни ҳол 13 корхона ба истеҳсоли семент машғуланд ва иқтидори солонаи онҳо 4,7 миллион тонна маҳсулотро ташкил медиҳад. Истеҳсол ва содироти семент ҳар сол афзоиш меёбад. Аз ҷумла, соли 2018 корхонаҳои саноатии Тоҷикистон беш аз 3 миллиону 844,2 ҳазор тонна семент истеҳсол карданд, ки нисбат ба соли 2017 23,3% зиёдтар аст [131].

Дар семоҳаи аввали соли 2022 дар Тоҷикистон беш аз 971,4 ҳазор тонна семент тавлид шудааст, ки ин рақам нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 қариб 6% камтар аст. Кам шудани истеҳсоли маҳсулот бештар аз 60,3 ҳазор тоннаро ташкил дод. Маврид ба зикр аст, ки дар семоҳаи аввали соли қаблӣ дар кишвар 1 миллиону 300 ҳазор тонна семент истеҳсол карда шуда буд. Маълум аст, ки Тоҷикистон дар ду соли оянда афзоиши солонаи содироти семент дар ҳаҷми 200 ҳазор тоннаро пешбинӣ кардааст. То муҳлати муайяншуда ба 7 миллион тонна расондани ҳаҷми маҳсулот пешбинӣ карда шудааст. Ниҳодҳои кишвар мунтазам хабар медиҳанд, ки миқдори иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва

ҳаҷми истеҳсоли семент солтосол меафзояд. Дар баробари афзоиши истеҳсолот талаботи дохилӣ ба масолеҳи бинокории оммавӣ ҳам меафзояд. Тамоми талаботи дохилӣ ба семент, ба истиснои сементи ранга, аз ҳисоби истеҳсоли ватанӣ таъмин мешавад. Бояд гуфт, дар ҳоли ҳозир дар Тоҷикистон 16 корхона ба тавлиди ин мавод машғул аст. Иқтидори солонаи онҳо дар маҷмуъ 5,6 миллион тонна маҳсулотро ташкил медиҳад [131].

Бо мақсади афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ солҳои охир бо ҷалби сармояи хориҷӣ дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои чинӣ дар ҷумҳурӣ 6 корхонаи калони сементбарорӣ сохта, ба истифода дода шуд. Аз ҷумла, 7-уми ноябри соли 2023 корхонаи истеҳсоли сементи ҶСП “Тоҷиксемент” дар шаҳри Душанбе мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки иқтидори истеҳсолии солонаи он 1,2 миллион тонна аст. Бунёди чунин корхонаи нави саноатӣ барои амалӣ намудани ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави кор заминаи устувор мегузорад. Албатта, дар рушди бесобиқаи соҳа тадбирҳои андешидаи Ҳукумат мавқеи калидӣ доранд. Бо тасдиқи ин гуфтаҳо Исоҷон Қурбонзода, муовини якуми вазири саноат ва технологияҳои нави ҷумҳурӣ, иброз дошт, ки аз тарафи Ҳукумати мамлакат имтиёзҳо барои соҳаҳои алоҳидаи саноат пешниҳод гардидаанд. Аз ҷумла, бо мақсади ривоҷи минбаъдаи соҳа ва таъмини бозори дохилӣ воридоти дастгоҳу таҷҳизоти технологии корхонаҳои сементбарорӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озоданд. Айни ҳол дар ҷумҳурӣ 15 корхонаи сементбарорӣ фаъолият дорад, ки бо муосиртарин дастгоҳу таҷҳизоти технологии пешрафта таъмин буда, дар онҳо 3800-нафар соҳиби ҷойи кор аст. Маҳсулоти корхонаҳо бо талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ буда, сементи маркаҳои сулфат, 350, 400 ва 500 истеҳсол мегардад. Хок, оҳаксанг, магнетит, сафедхок, қуми квартсит, гаҷсанг ва ангиштсанг, дар маҷмуъ, ашёи хом барои истеҳсоли

семент дар корхонаҳо аз захираҳои табиии ватанӣ дастрас мегардад, – гуфт Амонулло Судуров, сардори раёсати саноати масолеҳи сохтмони Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҷумҳурӣ. Дар кишвар то соли 2014 ҳамагӣ 300 ҳазор тонна семент истеҳсол мегардид. Моҳҳои январ-марти соли равон 926,5 ҳазор тонна сементи хушсифат истеҳсол шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли сипаришуда 27,5 ҳазор тонна бештар мебошад. Дар зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли семент, асосан, саҳми ҶДММ "Моҳирсемент", "Хуаксин Ғаюрсемент"-и ноҳияи Ёвон, "Хуаксин Суғдсемент"-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров назаррас мебошад, ки онҳо соле беш аз 1,2 миллион тонна маҳсулот истеҳсол менамоянд. Дар умум, иқтидори солонаи корхонаҳои сементбарории ҷумҳурӣ беш аз 6 миллион тонна буда, ҳамасола зиёда аз 4,4 миллион тонна семент тавлид мегардад. Талаботи ҷумҳурӣ ба семент дар як сол 3 миллион тоннаро ташкил карда, ҳаҷми содирот 33 дарсади сементи истеҳсолшуда мебошад. Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда, корхонаҳои сементбарорӣ талаботи бозори дохилиро таъмин ва ба ҷумҳуриҳои ҳамсоя низ маҳсулот содирот менамоянд. Амонулло Судуров изҳор дошт, ки аз соли 2016 содироти маҳсулот васеъ ба роҳ монда шуда, семент бештар ба кишварҳои ҳамсоя фурӯхта мешуд. Содирот якбора соли 2023 коҳиш ёфта, 442,1 ҳазор тонна ба фурӯш нарафт, зеро кишварҳои харидор корхонаҳои калони сементбарорӣ бунёд доранд, ки метавонанд талаботи дохилии худро пурра бо маҳсулот таъмин намоянд. Таҳлили коршиносони соҳа, болоравии нархи барқ, сӯзишворӣ ва дигар омилҳоро аз масоили ҳалталаб ё монеаҳои соҳа медонанд, ки ба арзиши аслии маҳсулот таъсир мерасонад. Дар бозори дохилӣ як тонна семент вобаста ба тамға 850-880 сомонӣ мебошад. Як тонна семент ба Афғонистон бе назардошти хароҷоти роҳ бо арзиши 571 ва Ӯзбекистон 281 сомонӣ содир мешавад. Сабаб он аст, ки вақте сементро дар дохил ба фурӯш мебароранд, 18 фоиз андоз аз арзиши иловашударо корхонаҳои

истеҳсолкунанда пардохт менамоянд. Ҳангоми содирот ин маблағ аз истеҳсолкунанда ситонда намешавад. Айни замон барои кашондани маҳсулот, аз ҷумла, семент, тавассути роҳи оҳан ва нақлиёти автомобилӣ ягон мушкилӣ вуҷуд надорад. Арзиши боркашонии як вагон, ки 60-68 тонна бор дорад, аз истгоҳи роҳи оҳани ноҳияи Ёвон то истгоҳи Қудуқлии Ўзбекистон, бо назардошти сабукиҳо, қариб 260 доллари ИМА аст. Илова бар ин, бо мақсади баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилию хориҷӣ, афзоиши содироти маҳсулоти саноатӣ аз соли 2017 бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Корхонаи воҳиди давлатии "Роҳи оҳани Тоҷикистон" тарифҳои боркаширо таҷдиди назар карда, ҳар сол бар зарари худ бошад ҳам, барои соҳибкорон ва интиқолдиҳандаҳо сабукии имтиёзӣ пешниҳод мегардонад. Аз ҷумла, соли равон барои кашондани бор аз истгоҳи Ёвон то истгоҳи Амузанг бо вагони болопӯш ва сементбар 40-50, аз истгоҳи Қудуқлӣ бо нимвагон 30 ва вагони сементбар 50 дарсад сабукӣ додааст. Дар ҷумҳурӣ дар муқоиса ба солҳои қаблӣ талабот ба семент зиёд шуд ва ин яке аз сабабҳои асосии кам фурӯхтани он ба хориҷи кишвар мебошад, – мегӯяд Суҳроб Соҳибназарзода, сардори шуъбаи нақлиёти роҳи оҳани Вазорати нақлиёт. Ба гуфтаи мутахассис, агар ҶДММ "Моҳирсемент", "Хуаксин Ғаюрсемент" ва "Хуаксин Суғдсемент" дорои хатти роҳи оҳани фаръӣ мебуданд, ҳолати боркуниву борфурорӣ камтар, яъне тавассути як нақлиёт сурат гирифта, арзиши интиқол арзонтар мегардид. Бо назардошти таҷрибаи Минтақаи озоди иқтисодии "Данғара", пешниҳод менамоем, ки корхонаҳои зикршуда хатти роҳи оҳани фаръии худро то роҳи оҳани мавҷудбуда бунёд намоянд. Дар ҳолати ҷудо шудани маблағ барои сохтмон КВД "Роҳи оҳани Тоҷикистон" омода аст, ки хатти роҳи оҳани мазкурро бунёд ва ба истифода супорад. Вобаста ба пешниҳод, соли 2019 ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва корхонаҳои зикршуда муроҷиат шуд, аммо оид ба набудани маблағи

зарурӣ ҷавоби рад гирифтем. Соли равон истеҳсоли семент ба 4,5 миллион тонна расонда, вобаста ба талаботи бозори хориҷи кишвар беш аз 1 миллион тоннаи он фурӯхта мешавад. Вобаста ба зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли он имконияти афзунсозии ҳаҷми содирот низ агар мушкилиҳо зудтар бартараф гарданд, зиёд мешавад [125].

Дар рафти ҳамкориҳо дар натиҷаи сармоягузории ширкатҳои тиҷоратию саноатии Ҷумҳурии мардумии Чин истеҳсоли семент дар даҳсолаи охир даҳ баробар зиёд гардидааст [20, с.6]. Дар асоси созишнома бо ширкати хусусии “Чунгтсай моҳир семент” соли ҷорӣ корхонаи нави истеҳсоли семент бо иқтидори 600 ҳазор тонна дар як сол дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ сохта ба истифода дода хоҳад шуд, ки ҳаҷми истеҳсоли семент дар мамлакат боз ҳам бештар хоҳад шуд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ иншооти мазкур пурра аз таҷҳизоти муосири худидоракунии компюторӣ васлу насб шудааст, ки он бо воситаи наворгиракҳои дидбонгоҳӣ аз тарафи оператор идора карда мешавад.

Яке аз масъалаҳои асосӣ дар назди ҳар як корхона ашёи хом ба ҳисоб меравад. Ба ҳамин мазмун яке аз муваффақиятҳо ва дастовардҳои корхонаи “Сементи тоҷик” дар он аст, ки дар назди худ дорои як қатор конҳои ашёи хом мебошад. Лозим ба зикр аст, ки корхона дорои сертификати конҳои оҳаксанги ноҳияи Варзоб, Харангон, гилхоки ноҳияи Варзоб, Харангон, регсанги кварсии ноҳияи Варзоб, Харангон, магнетити ноҳияи Варзоб, Бувак вакони гаҷсанг ноҳияи Хуросон, Шар-Шар мебошад.

Захираҳои ашёи хоми конҳои номбаршуда ба садсолаҳо басанда буда,он имконият медиҳад, ки корхона бо ашёи хом пурра таъмин бошад.

Ашёи хоми асосие, ки барои истеҳсоли семент истифода бурда мешавад, оҳаксанг мебошад, ки тавассути ду роҳи танобии ҳавоӣ, ки дарозии умумиашон 15 киламетрро ташкил медиҳад, ба иқтидори 4800 тонна дар як шабонарӯз ба коргоҳҳои сангмайдакунӣ интиқол дода мешавад. Масоҳати

умумии корхона, ки 205 гектарро дар бар мегирад, 130 гектари онро маҳз конҳои ашёи хоми дар боло номбаршуда ташкил медиҳад. Инчунин, корхона дорои базаи моддӣ-техникии мукаммал буда, аз 27 коргоҳи асосии истеҳсолӣ, аз он ҷумла, коргоҳи кӯҳӣ, механиконидашуда ва нақлиёт,ашёи хом, гардкунии ангиштсанг, пазанда, гардкунандаи семент, боркунӣ ва захира; ҳаводиҳӣ ва обтаъмикунӣ;роҳи оҳан;барқӣ ва механикӣ, филтрҳои барқӣ, Истеҳсолоти № 2, таҳлилгоҳи марказӣ ва коргоҳи асбобҳои ченкунӣ ва назоратӣ иборат мебошад. Ғайр аз ин, корхона дорои хобгоҳ, боғчаи кӯдакон, маркази тиббӣ, китобхона, ошхона ва хоҷагии ёрирасон мебошад.

Коргоҳи кӯҳӣ, аз ду роҳи танобӣ ва ду фабрикаи сангмайдакунӣ иборат мебошад. Дар коргоҳ 156- нафар коргар кор ва фаъолият менамояд.Коргоҳи механиконидашуда ва нақлиёт бошад,дорои 110 механизм ва техникаҳои борбардори вазнини ЭКГ-5 ва ЭКГ-4-3- адад, “Белаз”-ҳои борбардори 30-40 тоннага 5- адад, Краз 20 – адад,кранҳои борбардори аз 32 то 100 тонна 4- адад, дигар механизм ва воситаҳои нақлиёт 78-адад мебошад. Коргоҳ метавонад корхонаро пурра бо воситаҳои техникӣ таъмин намояд. Дар коргоҳ 134- нафар коргар кор ва фаъолият менамоянд [21, с.24].

Коргоҳи ашёи хом дорои 6-адад осиёби гардкунӣ буда, корхонаро пурра бо ашёи хом (шлам) таъмин менамояд. Иқтидори шабонарӯзии ашёи хом (шлам) дар ҳолати пурра кор кардан 6624 тонна мебошад. Дар коргоҳ 35- нафар фаъолият менамояд. Коргоҳи “Пазанда” дорои 4 - оташдони даврзананда буда, иқтидори шабонарӯзии як оташдон 600тонна мебошад. Дар он 40-нафар коргар кор менамояд [21, с.24].

Баъди гузаштани фаъолияти корхона ба воситаи ангишт бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат ҷиҳати баланд бардоштани иқтидорҳори истеҳсолӣ ва барои идома додани қарордоди чехӣ бо ширкати Ҷумҳурии Чехия ва Федерасияи Русия гуфтушунидҳо сурат гирифта, оид ба таъмир ва таҷдиди иқтидори корхона, аз ҷумла, бо технологияи муосир васл намудани

истгоҳи барқии 35 кв- ва таъмин намудани кафолати бе садама кор намудани он, инчунин фароҳам овардани сарфаи қувваи барқ ва барқарорсозии оташдони даврзанандаи № 2 дар Истеҳсолоти № 1 кӯшишҳо ба харҷ дода шуда истодааст. Инчунин, дар назди маъмурияти корхонаи мазкур ҷиҳати боз ҳам иқтидори истеҳсолиро зиёд намудан ва имконияти истеҳсоли сементи хушсифатро боз ҳам бештар таъмин намудан, ба истифода додани осиёби № 7, иқтидори истеҳсолии он 50 тоннна дар як соат, ба шумор меравад. Ба истифода додани хати нави коргоҳи халтакунӣ, халтакунии сементро ба вазнҳои 25 ва 50 кг, ки ҷавобгӯи талаботи стандартҳои байналмилалӣ мебошад, ба роҳ монда, барои ба фурӯш баровадани семент дар бозори ҷаҳонӣ низ аз ҳадафҳоест дар назди роҳбарияти корхона, ки дар ин росто талошҳо ба харҷ дода истодаанд. Лозим ба ёдоварист, ки тадбирҳои пешгирифтаи роҳбарияти корхонаи мавриди назар, танҳо бо мақсади давра ба давра истеҳсоли маҳсулотро то ба 1 миллион тонна семент расонда, дар бозори дохилию хориҷӣ бо сифати беҳтар мавқеи бештарро ба даст орад [20, с.36].

Чуноне ки дар зербоби якуми боби якум ишора намудем, семент аз масолеҳи ниҳоят муҳимми сохтмонӣ буда, барои ҳамаи инфрасохтори муосир ҳамчун асос хизмат менамояд, масалан, барои мо ғайриимкон хоҳад буд, агар биноҳо, пулҳо ва ҳатто роҳҳоро бидуни он бунёд намоем. Дар раванди афзоиш ёфтани аҳолии сайёра талабот ба он аз ҳаррӯза дида, бештар гардида истодааст. Коршиносон тахмин намудаанд, ки ҳар сол 21 миллион хонаи нав барои аҳолии шаҳрҳои ҷаҳон лозим мешавад. Ҳамин тавр, семент рӯз аз рӯз аз як ҷузъи муҳимми иқтисодиёти устувори дилхоҳ мамолики дунё ва фаровонии имконоти шуғли аҳолӣ табдил меёбад. Бо назардошти матлаби болозикр ҳанӯз аз ибтидои асри XXI бархе аз давлатҳои пешрафта ва дорои имкониятҳои табиӣ масолеҳи мавриди назарро маҳаки асосии фароҳам омадани заминаҳои иқтисодии рушди иқтисодиёт ва некуаҳволии мардум рақам зада, роҳҳои мухталифи инкишофи онро бо ба инобат гирифтани

иқтисоди “сабз”, яъне таъмини фаъолияти корхонаҳои истеҳсоли семент ба воситаи технологияи муосир, ки то андозае газҳои хориҷгардидаро тоза намояд, ба роҳ монданд. Барои мисол Иттиҳоди Аврупо вобаста ба амалӣ намудани стратегияи иқтисоди “сабз” уҳдадор шудааст, ки онро сабзтар ва устувортар, рақобатпазиртар ва барои коргарони оянда ҷолибтар созад [127]. Дар амалӣ намудан ва рушди иқтисоди “сабз” Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз субъектони фаъоли муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст. Аз ин лиҳоз, пас аз қабули Стратегияи иқтисоди “сабз” дар мамлакат таҳти дастуру супоришҳо ва ташаббусҳои пайвастаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кӯшишҳои ҳамаҷониба оид ба рушди иқтисоди “сабз” равона шуда истодааст. Ин иқдом соҳаи истеҳсоли сементро дар канор нагузошта, барномаҳо вобаста ба таъмини корхонаҳои истеҳсоли семент бо таҷҳизоти муосир, ки газҳои зарарноки хориҷгардидаро то андозае тоза намояд, таҳия гардиданд. Масалан, солҳои охири фаъолияташ корхонаи сементи Душанбе аз ин гуна ҳавокашҳо ва ҳавотозакунакҳо истифода менамуд. Имрӯз корхонаҳои истеҳсоли семент алакай дорои чунин таҷҳизот буда, то андозае газҳои ифлоскунандаи хориҷшавандаро тоза намуда истодаанд. Маврид ба зикр аст, ки гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва идораи фаъолияти корхона тавассути технологияҳои рақамӣ рушд ва болоравии сифатро дар ҳама ҳолат таъмин менамояд. Вобаста ба ин Ҳукумати мамлакат бо мақсади вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт Стратегияи рушди иқтисодиёти рақамиро пас аз эълон гардидани солҳои 2025-2030 “ Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” дар Паёми навбатии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул намуд. Чун соҳаҳои дигари мамлакат соҳаи саноат, пеш аз ҳама, фаъолияти корхонаҳои семент низ дар шароити иқтисоди бозорӣ ба воситаи технологияҳои рақамӣ ва иқтисоди рақамӣ ба роҳ монда шудааст. Лозим ба зикр аст, ки чунин усули идоракунии корхона, яъне тавассути технологияҳои рақамӣ идора кардани фаъолияти корхона то андозае ба роҳ монда шуда буд. Махсусан, пас аз ба роҳ мондани фаъолияти

корхона тавассути ангишти ватанӣ тамоми дастгоҳҳо, оташдонҳо ва таҷҳизоти дигаре, ки аз Ҷумҳурии мардумии Чин ворид гардида буд, идораи корхона ба воситаи дастгоҳҳои рақамӣ ба роҳ монда шуд. Ин дигаргуниҳо боис гардид, ки мутахассисони ватанӣ таҷрибаи истифодаи муҳандисони чиниро оид ба идоракунии дастгоҳҳои муосирро азхуд намуда, мактаби нави ба роҳ мондани фаъолияти чунин корхонаҳоро тавассути технологияҳои рақамӣ ташкил намуданд ва ин мактаб заминаи рушди минбаъдаи идоракунии корхонаҳо истеҳсоли сементро ба воситаи технологияҳои рақамӣ таъмин намуд.

Яке аз дастгириҳои дигари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт, хусусан, ба корхонаи мазкур дар хориҷи мамлакат ба таҳсил фаро гирифтани ҷавонон ва аз ҳисоби онҳо омода намудани мутахассисони сатҳи баланди байналмилалӣ, ки тавассути усулҳои муосир корхонаро идора карда тавонад, малакаҳои баланди истифодабарии технологияҳои рақамиро дошта бошад, ташхиси сатҳи баланди кимиёвии маҳсулотро ба роҳ монда тавонад, таҳлили иқтисодӣ, пешгӯйии иқтисодӣ ва дар ҳама ҳолат вазъи бозорро пешгӯӣ карда тавонад, мониторинги кори таҷҳизотро ба роҳ монда тавонад, фаҳмиши дақиқи қоидаҳои бехатариро дошта бошад, бо дониши амиқи стратегияҳои пешгӯии нигоҳдорӣ ва равандҳои бехатарӣ таъмин бошад, қобилияти вокуниши зуд дар ҳолатҳои фавқулоддаро дошта бошад, аз корношоямии таҷҳизот ва ҳолатҳои дигари пешгӯинашаванда саривақт бохабар шуда тавонад. Маҳз ҳамин таваҷҷуҳ ва дастгирии Пешвои миллат дар ин самт боиси ташаккули мактаби муосири мутахассисони ватании ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат гардид, ки минбаъд натанҳо корхонаи мазкурро тавассути технологияҳои рақамӣ идора намуд, балки дар идоракунии корхонаҳои дигари сементи ватанӣ саҳм гузошта истодаанд. Дар даврони Истиқлол, чуноне ки дар боло ишора намудем, яке аз вижагиҳои корхонаи мавриди зикр дар сатҳ ва тобовар будани маҳсулоти он ба ҳисоб

меравад. Аз ин рӯ, омода намудани мутахассисони сатҳи баланд, ки сатҳ ва сифати маҳсулотро чун солҳои қаблӣ нигоҳ дошта тавонад, аз масъалаҳои ниҳоят муҳим маҳсуб меёфт, зеро яке аз хисороти ба корхона овардаи ҷанги шаҳрвандӣ баромада рафтани мутахассисони русзабон аз ҷумҳурӣ буд. Бо ҳамин мақсад, акнун ҷалби кормандони ватанӣ, ки дарки баланди хосият ва таркиби семент, қобилияти тарҳрезӣ ва истеҳсоли мавод бо хусусиятҳои муайян, маҳорати ба даст овардани карбон, интиқол ва коркард, дарки хуби принсипҳои иқтисодиёти даврӣ, аз қабили кам кардани партовҳо, истифодаи дубора ва коркард, қобилияти пайгирӣ кардани нишондиҳандаҳои асосии устуворӣ ба монанди партовҳои карбон ва истеъмоли об ва амсоли онро дошта бошад, зарур арзёбӣ мегардид. Инчунин, дар самти энергетикӣ, механикӣ, таҳлилӣ, челонгарӣ, кафшергари барқию газӣ ва касбҳои дигар, мутахассисони ҷавонро тарбия ва роҳнамоӣ намуд. Аз ин лиҳоз, бо ҳамин роҳ дар як муддати кӯтоҳ таҷрибаи кишварҳои дар ин самт пешрафта, хусусан, Ҷумҳурии Мардумии Чин омӯхта шуда, мутахассисони маҳаллӣ акнун бе ягон мушкилӣ бо истифода аз ангишти ватанӣ корхонаи мазкур тавассути дастгоҳҳои муосир идора намуданд. Мутахассисони ватанӣ собит сохтанд, ки бархе аз хабарҳои бардурӯғи ҳамоҳангсозон асоси воқеӣ надошта, ба воситаи ангишти ватанӣ то ҳадди лозимӣ оташдонҳоро тафсондан мумкин аст ва ҳамон навъи сементи ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ, маркаҳои сулфат, 500 ва 400 истеҳсол намудан мумкин аст. Хосатан, сулфат барои ҷумҳурӣ махсулоти стратегӣ ба ҳисоб рафта, дар бунёди иншооти ҳаётан муҳим ва махсус, аз қабили неругоҳҳо, нақбҳо, роҳу пулҳо истифода мешавад.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ҶСК "Сементи Тоҷик" дар фаъолияти худ ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, даврабадавра дар баланд бардоштани иқтидорҳои истеҳсолӣ ва дастрас намудани қисмҳои эҳтиётӣ бо якчанд ширкатҳои Федератсияи Русия ҳамкориро идома дода,

гуфтушунидро оид ба таъмир ва таҷдиди иқтидорҳои корхона бо Ҷумҳурии мардумии Чин ба роҳ мондааст.

Бояд қайд намуд, ки самтҳои афзалиятноки Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Сементи Тоҷик” барои солҳои минбаъда, тибқи ҳисоботи солонаи 2017: 1) таъмин намудани иншооти муҳимми стратегии ҷумҳурӣ бо сементи хушсифати ватанӣ; 2) даврабадавра зиёд намудани истеҳсоли семент, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сифати семент, истифодаи пурраи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва ҷалби сармоягузориҳо; 3) кам кардани хароҷоти ғайриистеҳсолӣ ва умумихоҷагӣ ва 4) омӯзиш ва ҷорӣ намудани технологияҳои нави муосир дар истеҳсолот мебошанд.

Ҳамин тавр, ҳаҷми истеҳсоли семент ба 4,7 миллион тонна баробар шудан, гувоҳи он аст, ки нисбат ба даврони Шуравӣ беш аз даҳ баробар афзуда, се баробари талаботи солонаи Тоҷикистонро нисбат ба семент ташкил мекунад. Аз ин миқдор- 4,7 миллион тонна, ки ҳамагӣ 1,5 миллион тонна талаботи солонаи кишвар аст, дигар 3,2 миллион тонна ба хориҷи мамлакат содирот шуда истодааст, ки ин дар маҷмӯъ беш аз 70 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Дар ояндаи наздик соҳаи мазкур, ки рушди он дар шароити ҷуғрофии Тоҷикистон басо қулай аст, аз соҳаҳои афзалиятнок ва яке аз сердаромадтарин маҳсуб хоҳад ёфт.

## 2.2. Нақши заводи сементбарорӣ дар таъмини корхонаҳо ва иншооти азими Тоҷикистон

Аз ҷиҳати сифати истеҳсоли семент ҶСК “Сементи Тоҷик” дар байни давлатҳои Шуравӣ ҷойи дуюмро ишғол мекард. Дар он солҳо корхона қариб сад фоиз талаботи дохилии ҷумҳуриамонро бо семент таъмин намуда, барои сохтмони иншооти калонтарини кишвар аз қабили неругоҳҳои барқии обии “Норак”, “Бойғозӣ”, “Варзоб”, нақби обгузари 14 - километраи “Данғара - Ёвон” ва як қатор корхонаҳои азими мамлакат - Ширкати “Арзизи тоҷик”, азотии Сарбанд, “Тоҷиккимсаноат-и Ёвон ва ғайра маҳсулоти хушсифат истеҳсол мекард. Сементи аълосифати корхона ҳамзамон барои бунёди як қатор манзилҳои истиқоматии пойтахти кишвар - шаҳри Душанбе, шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ ва корхонаҳои азими ҷумҳуриҳои ҳамсоя ба таври васеъ истифода бурда шуда, шуҳрати сементи тоҷик мавқеи байналмилалӣ касб карда буд. Дар замони истиқлолият низ ҶСК “Сементи Тоҷик”фаъолияти гусутурдаи худро ба роҳ монда, бо истифода аз дастовардҳои муосири технологӣ сифату самараи маҳсулоти хешро беҳтар намуд [122, с.27].

Қайд кардан бамаврид аст, ки солҳои охир ҶСК “Сементи Тоҷик” иншооти муҳимми кишварро аз қабили Неругоҳи барқии обии “Роғун”, ҶСК “Сангтӯда - 1”, Неругоҳи барқии обии “Сангтӯда- 2”, дирексияи иншооти сохтмонии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо сементи хушсифат таъмин менамояд.

Бо талошҳои роҳбарияти корхона ва дастгириҳои бевоситаи сарвари давлат фаъолияти ҶСК “Сементи Тоҷик” рӯзазрӯз густариш ёфта, чи дар ҳаҷми истеҳсолот ва чи дар сифати маҳсулот ба дастовардҳои назаррас ноил гардида истодааст. Бояд зикр намуд, ки новобаста аз монеаҳои бавуҷудомада Ҳукумати мамлакат иқдоми саривақтӣ пеш гирифта, фаъолияти корхонаро бо истифода ангишти ватанӣ ба роҳ монд. Ноил шудан ба ин иқдом имконияти

дубора барқарор намудани фаъолияти пурраи корхонаро ба миён овард. Дар як давраи кӯтоҳ ҳаҷми истеҳсоли семент дар корхонаи мазкур нисбат ба солҳои қаблӣ боло рафта, таъмини иншооти муҳимми давлатию хусусияти стратегидошта ва аҳолии кишвар бо семент ба роҳ монда шуд.

Бо ба инобат гирифтани талаботи рӯзафзун ба сементи заводи мазкур иқтидори нуқтаи сеошёнаи гардкунӣ ба воситаи насб кардани таҷҳизоти дорои иқтидори бузургтар зиёд гардида, акнун дар зарфи як соат ҳамон қадар сангу гаҷ майда мекард, ки пештар дар як шабонарӯз карда мешуд. Дар нуқтаи истеҳсолии ашёи хом, низ ки бинои васею чорошёнаро ишғол мекунад, тамоми раванди фаъолияти он автоматикунонида шуда, таҷҳизоти куҳнашуда иваз карда мешавад. Ҳамин тавр, қисмҳои истеҳсолии лойтайёркунӣ ва клинкерниз азнавсозӣ мегардад. Ин ҳама тадбирҳо боиси суръат касб намудани истеҳсоли семент ва ташаккулёбии завод мегардад. Акнун чунин имкониятҳо дучанд зиёд намудани таъминоти иншооти ҷумҳуриро фароҳам меовард.

Соли 2007 бо истифода аз захираю имкониятҳои мавҷуда бе сармоягузории беруна корхона 311322 тонна семент истеҳсол намуд. Соли 2008 истеҳсоли 400 000 тонна сементи аълосифат ба нақша гирифта шуд. Маҳсулоти истеҳсолии корхона асосан барои бунёди иншооти муҳимми давлатӣ ва эҳтиёҷоти аҳолии кишвар ба фурӯш бароварда мешавад. Сементи тамғаи 400 (ба сулфат тобовар)-и корхона аз нигоҳи сифат дар минтақаи Осиёи Марказӣ беҳтарин махсулот ба ҳисоб меравад [124, с.2].

Масалан, ҶСК “Сементи Тоҷик” дар шаш моҳи аввали соли 2018 124,5 ҳазор тонна семент истеҳсол намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2017- 31,7 ҳазор тонна зиёд буда, 134,1 фоизро ташкил медиҳад. Ҳаҷми фурӯши семент дар давоми моҳҳои зикргардида ба 132,1 ҳазор тонна расонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи сипаришуда 122,0 фоизро дар бар гирифта, тибқи шартномаҳо ба иншооти муҳимми кишвар, аз ҷумла, НБО- и “Роғун”, ҶСК

“Сангтӯда- 1”, “Сангтӯда- 2”, Агентии захираҳои моддӣ- давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҶСК “Тоҷикгидроэлектромонтаж”, дирексия оид ба сохтмонҳои иншооти Ҳукуматии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодабарандагони бозори дохилӣ ва ташкилоту корхонаҳои сохтмонӣ ба фурӯш бароварда шудааст [119, с.2].

Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Сементи Тоҷик” ҷиҳати иҷрои банди 31- и Нақшаи чорабиниҳо оид ба сохтмони майдончаҳои варзишӣ дар ҳудуди шаҳри Душанбе, замимаи №2 Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми ноябри соли 2017, таҳти №74- ф барои сохтмони ду майдончаи варзишӣ воқеъ дар кӯчаи Фирдавсӣ 25/1, шаҳраки 64 дар назди биноҳои истиқоматии 27/2, 27/3- и ноҳияи Фирдавсӣ вобаста гардид. Дар ин росто корҳои сохтмонро аз моҳи ноябри соли 2017 оғоз намуда, ба санаи 1-уми июли соли 2018 корҳои сохтмонӣ пурра ба анҷом расонда шуд. Дар сохтмони ду майдончаи варзишӣ дар шафати хонаҳои истиқоматии кӯчаи Фирдавсӣ 25/1 ва хонаҳои Фирдавсӣ 27/2, 27/3- и шаҳраки 64- и ноҳияи Фирдавсӣ ба маблағи 1609, 5 миллион сомонӣ корҳои сохтмонӣ иҷро шуд ва ба муносибати иди Ваҳдати миллӣ иншооти мазкур бо сифати хеле баланди сохтмонӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд [119, с.2].

Чи тавре ки аз ҳисоботи солонаи завод дар соли 2020 бармеояд, танҳо дар соли мазкур дар завод 950-нафар коргар дар ду баст фаъолият намудаанд. Инчунин, роҷеъ ба фаъолияти завод муовини директори генералӣ оид ба истеҳсолоти ҶСК “Сементи тоҷик” Салимов Фаррух Тоҷиддинович дар суҳбат бо рӯзноманигори рӯзномаи “Тоҷикистон” М.Ҳадятулло афзудааст, ки айни ҳол дар корхона 950-нафар дар ду басти корӣ фаъолият мекунанд. Музди миёнаи маоши коргарон дар соли 2020 беш аз 2000 – ро ташкил медиҳад. Дар як шабонарӯз аз 600 то 800 тонна семент истеҳсол менамоем. Ҳамаи ин бешубҳа самараи истиқлолияти давлатии кишвар ва талошҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Эмомалӣ

Раҳмон аст, ки коргоҳҳои кишвар фаъолияти сермаҳсул намуда, сатҳи некуаҳволии мардум таъмин гашта истодааст [122, с.27]. Дар воқеъ, бо кӯшишҳои пайвастаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти корхона рӯзторӯз густариш ёфта, бо техника ва таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз мегардад, ки омили боло рафтани ҳаҷми истеҳсолот ва беҳтар гардидани сифати маҳсулот дар корхона мегардад. Таъмини наздики 1000 -нафар коргар бо ҷойи кори доимӣ ва музди меҳнати хуб аз талошҳои дигари Ҳукумати мамлакат дарак медиҳад. Истеҳсоли беш аз 200 ҳазор тонна семент дар як сол ба воситаи ангишти ватанӣ аз дастовардҳои дигари корхонаи мазкур маҳсуб меёбад, ки ин низ як иқдоми пешгирифтаи Сарвари давлат амалӣ гардид.

Инчунин, мавсуф дар идомаи суҳбати худ оид ба масъалаи бартариятҳои маҳсулоти корхона чунин афзуд: "Корхонаи мо асосан сементи ба сулфат тобовар истеҳсол менамояд. Бартарии он аз намуди дигари сементҳо дар он аст, ки дар иншооти Неругоҳҳои Барқи Обӣ истифода бурда мешавад. Мо, пеш аз ҳама, ба сифат ва бехатарии экологӣ таваҷҷуҳи хоса медиҳем" [122, с.27].

Бояд қайд намуд, ки воқеан ҳам, сементи истеҳсолнамудаи корхонаи мазкур аз лиҳози сифат мавқеи аз ҳама баландро дар кишвар касб намуда, дар сохтмони иншооти муҳимми давлатӣ ва хусусияти стратегидошта маҳз аз он истифода менамояд.

Дар баробари он, масъалаи он ки корхонаи мазкур тамоми иншооти муҳимми давлатиро бо семент таъмин намудааст, инчунин, аксарияти биноҳои истиқоматӣ ва маишӣ дар пойтахти мамлакат ва манотиқи дигари ҷумҳурӣ бо маҳсулоти корхонаи мавриди назар бунёд гардидааст. Ф.Т.Салимов чунин афзудааст, ки иқтидори истеҳсолии корхонаи мо ба талаботи сохтмони НБО Роғун рост меомад ва аз ин сабаб дар аксар маврид мо кӯшиш менамудем, ки дар баробари таъмини неругоҳи мазкур, инчунин, талаботи аҳолиро низ то андозае бароварда бигардонем [122, с.27]. Воқеан,

ин иқдом бо кӯшишҳои роҳбарияти корхона дар амал татбиқ гардида, имрӯзҳо аллакай дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ фурӯши сементи корхонаи мазкур ба роҳ монда шудааст, ки аҳолӣ ва ширкату ташкилоти сохтмонии давлатӣ ва хусусӣ дар корҳои сохтмонӣ истифода намуда истодаанд. Лозим ба зикр аст, ки сементи корхонаи мазкур дар бозорҳои хориҷи кишвар низ мавқеи хоса пайдо намуда, содироти он ба бархе аз ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба роҳ монда мешавад. Тибқи маълумоти роҳбарияти корхона оид ба воридот ва содироти семент бо соҳибкорони Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соли 2020 шартномаи тарафайн ба имзо расида, аллакай аз моҳи июли соли 2020 содироти семент ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба роҳ монда шудааст. Сементи хушсифати корхонаи мавриди зикр таваҷҷуҳи сокинон ва ташкилоту ширкатҳои дигар кишварҳоро низ ба худ ҷалб намуда, дархостҳо ҷиҳати дастрасии сементи мазкур ирсол гардидааст.

Чуноне ки дар боло ишора намудем, бо ба инобат гирифтани сифати маҳсулоти ҶСК "Сементи тоҷик" асосан дар сохтмони иншооти муҳимми ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, неругоҳҳои барқи обӣ аз сементи корхонаи болозикр истифода менамоянд, зеро сифати сементи мавриди назар дорандаи сертификатҳои байналмилалӣ буда, аз тарафи дигар тарзи омодасозии семент, яъне ба таври дар дегҳо тар кардан ва шӯридани маҳсулот методи аз ҳама беҳтар аст, ки танҳо дар корхонаи "Сементи Тоҷик" ба роҳ монда мешавад. Дар сохтмонҳои неругоҳҳои барқи обии Норак, Сангтӯда 1, Сангтӯда 2, пули Панҷи поён ва ғайраҳо пурра аз сементи ҳамин корхона истифода намудаанд ва айни замон дар НБО-и Роғун истифода бурда истодаанд.

Айни замон корхона дар самти кам намудани партовҳои аз оташдонҳои даврзананда хориҷшаванда бо сохтани чангқапҳои махсуси обӣ-буғӣ кор бурда истодааст ва мақсад дорад, ки дар наздиктарин фурсат бо таъмири ду оташдони аз кор монда, иқтидори корхонаро боз ҳам баланд бардорад.

Лозим ба ёдоварист, ки ашёи хоме, ки корхона истифода мебарад, ҳамааш аз дохили ҷумҳурӣ буда, аксаран аз ноҳияи Варзоб дастрас мешавад. Оҳаксанг ва магнетити дараи Харангони ноҳияи Варзоб, қуми кварси Такоб ва гилҳои назди корхона ба ин мисол шуда метавонад. Ангишт бошад, аз кони Равоти ноҳияи Айнӣ ворид карда мешавад [122, с.28].

Корхона дар солҳои охир иншооти муҳимми кишвар, аз он ҷумла, Неругоҳи барқи обии Роғун, ҶСК "Сангтӯда- 1", Неругоҳи барқи обии Сангтӯда- 2, ДООО "Синохайдро- Корпарейшн" –и Ҷумҳурии Чин- барои сохтмони роҳҳо, КВД "Роҳи оҳани Тоҷикистон", Дирексияи иншооти сохтмонии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гурӯҳи техники нақби "Шар-Шар"-ро бо сементи хушсифат таъмин намудааст.

Сементи истеҳсолкардаи корхонаро дар объектҳои муҳимми ҷумҳурӣ истифода мебаранд. Аз ҷумла, Қасри Миллат, нақби «Анзоб», пули Панҷи Поён, НБО-и Сангтӯда-1 НБО-и Сангтӯда-2 зеристгоҳи Чорбоғ, нақби «Шар-Шар» ва дигарҳо.

Корхона дорои мутахассисони соҳибтаҷриба ва коргарони баландихтисос буда, аз уҳдаи ҳамаи корҳои таъмирию азнавсозии таҷҳизот баромада метавонад.

Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиксемент» дар назди худ вазифа гузоштааст, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро зиёд намуда, сифати сементро боз ҳам баланд бардошта, иншооти муҳимми ҷумҳуриро бо маҳсулоти худии аълосифат таъмин намоянд.

Яке аз дастовардҳои назарраси корхона ин аст ки, завод ба Феҳристи байналмилалии муҳимтарин иншооти саноатии ҷаҳон шомил шудааст. Методи истеҳсоли семент ва сифати сементи Британияи Кабирро дарёфт намудааст.

Тавре ки сармуҳандиси корхона Искандар Ҷабборов таъкид менамояд, "кормандони завод,ҳатто дар шароити душвори солҳои ҷанги шаҳрвандӣ аз

ухдаи вазифаҳои душвортарин баромада тавонистанд ва имрӯзҳо бо ин шароите, ки доранд кӯшиш менамоянд, то тамоми талаботи иншооти азими ҷумҳурӣ ва умуман ҷомеаро таъмин созанд» [81, с.22].

Умуман, баъд аз фароҳам омадани ҳаёти осоишта ва рушд намудани саноати мамлакат таваҷҷуҳ ба ин навъи масолеҳи сохтмонӣ дучанд гардида, ҳукумати мамлакат ҷиҳати зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли сементи корхонаи мазкур, беҳтар намудани сифати он, таъмин гардидани иншооти муҳимми ҷумҳурӣ ва умуман, ҷомеа диққати махсус зоҳир менамояд. Маҳз ҳамин дастгириҳои пайвастаи ҳукумати мамлакат, пеш аз ҳама, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон боис мегардад, ки дар як давраи кӯтоҳи таърихӣ қисмҳои фалаҷгардидаи завод барқарор гардида, хати истеҳсолии он пурра ба кор андохта шавад.

Ҳамин тариқ, корхона ба яке аз нуқтаҳои асосии истеҳсоли сементи баландсифат дар ҷумҳурӣ ва берун аз он бори дигар табдил мегардад. Акнун иншооти муҳимми ҷумҳурӣ, хусусан иншооти характери стратегидошта ва асосан иншооти гидроэнергетикӣ, нақбҳо ва роҳҳову пулҳо бо маҳсулоти “Сементи тоҷик” бунёд гардида истодаанд. Ин гуфтаҳо шаҳодат аз дастовардҳои назарраси завод ва рушди истеҳсолоти ватанӣ мебошанд. Қобили зикр аст, ки дар таъмини иншооти бузурги саноатӣ, роҳҳо, пулҳо, нақбҳо, биноҳои истиқоматӣ, маъмурӣ, фарҳангӣ ва монанди он бо ин масолеҳи муҳимми саноатӣ ҶСК “Сементи тоҷик” саҳми арзанда дорад.

## 2.3. Дигаргуниҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ дар ҳаёти коргарони корхонаи истеҳсоли сементи шаҳри Душанбе

Тоҷикистонро аз рӯзи аввали истиқлолияти худ мунокишаҳои ҳарбӣ-сиёсӣ фаро гирифта, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ чун дигар соҳаҳои хоҷагии мамлакат инчунин, ба фаъолияти завод низ хисороти ҷиддиро ба вуҷуд овард. Канда шудани робитаҳо бо заводҳои дигар, хусусан, манбаъҳои таъмини қисмҳои эҳтиётӣ, моддаҳои кимиёвӣ ва таҷҳизоти дигари лозимӣ аз миқёси Шуравӣ, баромада рафтани мутахассисони русзабон, пароканда гардидани қувваи корӣ, дастрас нагардидани ашёи хом, ғорат гардидани қисме аз нуқтаҳои истеҳсолии завод, ба яғмо бурдани баъзе аз техникаи боркаш ва сабукрави завод, таъмин нагардидани маоши саривақтии коргарон, ба кор ҳозир нагардидани коргарон, бинобар ташвишҳои ба даст овардани нон ва монанди он омили аз фаъолият мондани баъзе аз нуқтаҳои истеҳсолӣ, фалаҷ гардидани хати истеҳсолӣ ва ба ҳолати карахтӣ мувоҷеҳ гардидани завод мегардад. Ин ҳолат беш аз ҳама ба вазъияти иҷтимоӣ ва иқтисодии коргарон таъсири манфии худро мерасонд.

Заводи сементи шаҳри Душанбе дар охири солҳои 60-уми асри XX ба корхонаи интернатсионалӣ табдил ёфта буд. Зоя Никифоровна Бабченко ба коллективи калони сермиллат (дар ин ҷо намояндагони 24 миллат кор мекарданд) дохил шуд. Тибқи гуфтаи ӯ, вақте ки Иттиҳоди Шуравӣ барҳам мехӯрад, Ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон ба вартаи ҷанги шаҳрвандӣ гирифтор мешавад ва корхона баъди чандин соли кори муътадили худ ба ҳолати мураккаб рӯбарӯ мегардад. Коллективи бузурги завод, ки як вақтҳо беш аз ҳазор нафарро ташкил медод, акнун пароканда мегардад. Ба қисмҳо ҷудо гардидани ИҶШС, канда шудани алоқаҳои иқтисодӣ дар ибтидои солҳои 90- ум вазъияти душворро ба сари сементчиёни Душанбе меорад [81, с.15].

Нарасидани коргарон боиси тамоман паст гардидани ҳосилнокии меҳнат,кам шудани ҳаҷми истеҳсоли семент андешидани чораҳои таъҷилиро талаб мекард, аммо ҷумҳурӣ дар вазъияте қарор дошт, ки дар баъзан мавридҳо тамоман таваҷҷуҳ карда наметавонист [81, с.15].

Соли 1991, дар рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ, ки корхонаи мазкур бо тамоми иқтидораш дар чор баст фаъолият менамуд, ҳаҷми истеҳсоли сементро ба 1 миллиону 100 хазор тонна мерасонад. Ҳамин тариқ, корхона дар миқёси собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба яке аз калонтарин корхонаҳои сементбарорӣ табдил ёфт. Аз ҷиҳати сифати маҳсулот низ дар байни корхонаҳои ба ҳам алоқаманд ҷои якумро ишғол мекунад.

Аммо ин дер давом намекунад, бо сабаби канда шудани алоқаҳо ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ якбора корхона ба буҳрони шадид гирифтор мешавад. Соли 1992 корхона ним сол амалан кор накард. Занҳо ба кор набаромаданд. Корхонаро зиёда аз дусад нафар мардон, ки худашон қисмҳои худмудофиа ташкил карда буданд, посбонӣ мекарданд. Муҳим буд, ки стансияи марказии ёрирасон нигоҳ дошта шавад. Бо вуҷуди ин, ба комбинат зарари калон мерасад. Анбори марказӣ ғорат карда мешавад. Ноқилҳои барои шиддати баланди барқ, муҳаррикҳои электрикӣ, экскаваторҳо, нақлиёти сабукрав ва боркаш ба яғмо бурда мешавад. Акнун барои дубора ба по хезонидани завод, ки ақалан нисфи шуҳрати пештараи худро ба даст орад, вақти зиёд ва маблағи ниҳоят зиёд лозим буд.

Роҳбарон ва собиқадорон барои барқарор намудани обруи корхона ва беҳтар намудани вазъи иҷтимоии коргарон бисёр корҳоро ба ҷо меоваранд. Баъзе аз ташкилот, ки ҳанӯз ҳам характери ҳизбӣ ва комсомолиро доштанд кӯшиш мекарданд, ки дар он вақт саҳми худро гузоранд. Ба комбинат ҷалб намудани кадрҳои нав, ҷавонон - вазифаи муҳимтарин маҳсуб меёфт.

Дар ҳамин гуна вазъияти ниҳоят мураккаб бо дархости ҳайати коллективи завод яке аз мутахассисони варзидаи соҳа, ки то ин дам умри

худро дар завод гузаронида, қариб дар ҳамаи нуқтаҳои истеҳсолӣ кору фаъолият намудааст ва дар рушди соҳа саҳми назаррас гузоштааст, яъне Парто Сатторов ба вазифаи директори генералии “Тоҷиксемент” интихоб мегардад. Собиқадорони завод дарк менамуданд, ки дар ин гуна вазъият танҳо ӯ метавонад заводро наҷот диҳад.

Баъди ба вазифаи директори генералии “Тоҷиксемент” интихоб гардидани П.Сатторов, новобаста аз авзои мураккаби сиёсӣ оҳиста –оҳиста дигаргуниҳо дар фаъолияти завод ва хусусан ҳаёти иҷтимоии коргарон падид меояд. Мавсуф, ки умри худро аз хурдсолӣ дар завод гузаронида буд, вазъиятро беш аз дигарон дарк менамуд. Баробари ба ин вазифа интихоб гардиданаш собиқадорон ва мутахассисони варзидаи заводро дар атрофаш ҷалб намуда, барои аз ин вазъият баромадан ба онҳо такя мекард, ки ин коллективро рӯҳбаланд менамуд. Ӯ ҳар саҳар аввал аз нуқтаҳои асосии истеҳсолӣ дидан мекард ва сипас ба утоқи кориаш даромада роҳбариятро ба ҷаласа даъват менамуд, ки дигар оид ба вазъи кор ва натиҷаҳо касе дар назди ӯ дурӯғ гуфта наметавонист. Ин метод ба зудӣ коллективро сарҷамъ ва истеҳсолотро рӯ ба афзоиш ниҳод, афзудааст собиқадори завод Ҳикматулло Неъматов дар суҳбат бо мо [89].

Вале барои ба кори муътадил гузаронидани завод роҳбарияти онро лозим буд, ки таҷҳизоти заруриро берун аз мамлакат дастрас намоянд, ки ин албатта дар он рӯзҳо кори саҳлу сода набуд. Ҳатто чунин ба назар мерасид, ки  як "майда-чуйда" ба монанди хишти ба оташ тобовар, ки он дар дохили танӯр гузошта мешуд, аз Русия овардани чунин маводи камёфт мушкил буд.

Хусусияти хоси фаъолияти корхона дар он мушоҳида мешавад, ки ашёи хоми ватанӣ асосан аз кони Харангон имконияти истеҳсоли маҳсулотро осон мекард, вале баъзе аз маҳсулот, чуноне ки гуфтем, хишти ба оташ тобовар, иловагиҳо ва  маҳлулҳои дигари кимиёвӣ, ки бояд аз беруни кишвар дастрас мегардид, мушкилии асосии мо ба шумор мерафт [89].

Аз ҷумлаи коргарони пешқадами корхона Раҷабгул Ҳақназарова, Гулистон Сироҷова, Фазилат Сафарова, Мастура Сариеваро мисол овардан мумкин аст, ки онҳо коргароне буданд, ки дар солҳои душвори ҷанги шаҳрвандӣ, новобаста аз шароити номусоиди он рӯзҳо фаъолияти меҳнатиашонро тарк нагуфтанд ва дар паҳлуи мардҳо истода дар пешрафти соҳа саҳми арзанда гузоштанд. Бале, буданд лаҳзаҳо... Зиндагӣ яксону ҳамвор нест. Пастию баландиҳо дорад. Махсусан, солҳои бесарусомониҳои муваққатӣ  ашхосе буданд, ки мехостанд ҳар кор мувофиқи табъи дили онҳо гардад. Даст ба кирдорҳои номатлуб мезаданд ва ин лаҳзаҳо маро эҳсоси мушаввашию ноумедӣ фаро мегирифт, мехостам ҳамаро тарк гӯяму ба гӯшае равам, вале чун ба чеҳраи офтобхӯрда ва меҳнатзадаи коргарон, махсусан занон дида меандӯхтам, тасмими қатъӣ мегирифтам, не, ман шуморо танҳо нахоҳам гузошт, афзудааст, Раҷабгул Ҳақназарова.

Ҳамин тавр, бо ташаббуси коргарони соҳибтаҷриба, ки умри худро дар завод сипарӣ намудаанд ва дар фалаҷ гардидани завод ғамгин мешуданд, новобаста аз вазъияти сиёсӣ кӯшиш менамуданд, ки дар бари коллектив бошанд. Ҳатто бо пешниҳоди собиқадорон дар завод гурӯҳи худмуҳофизатнамоӣ таъсис дода мешавад, то ин ки ақалан нуқтаҳои истеҳсолии марказӣ аз ғорат шудан эмин монад.

Фаъолияти сипаринамудаи собиқадори дигари завод Искандар Сафарович низ бо ҳамин вазъият алоқаманд аст. Баъди адои хизмати ҳарбӣ ҳанӯз дар 22 солагӣ фаъолияти меҳнатиашро дар завод шуруъ менамояд. Искандар Сафарович дар тӯли солҳои фаъолияти худ аз устои таъмири асбобу таҷҳизоти барқӣ то ба мутахассиси варзидаи таъмири асбобҳои барқии завод мерасад. Дар вазъияти душвори солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ӯ низ коллективро тарк накарда, дар гурӯҳи худмуҳофизаткунони завод яке аз ашхоси фаъол маҳсуб меёфт. Чуноне ки мавсуф таъкид кардааст, имрӯзҳо дар корхона онҳое, ки фаъолият намуда истодаанд, бо вазъияти душвор

рӯбарӯ ҳастанд. Инчунин, касоне, ки масъулияти роҳбариро ба дӯш доранд, вазъияти дучанд душворро доранд. Ӯ ҳам котиби ташкилоти ҷавонон ва ҳам раиси иттифоқи касаба буд, ба масъалаҳои иҷтимоию маишӣ ҷавобгар буд. Дар лаҳзаи душвортарин, соли 1992 ба вазифаи сармутахассис таъин мешавад.

Бояд қайд намуд, ки ҷанги шаҳрвандӣ натанҳо иттиҳодияи «Тоҷиксемент», балки тамоми ҷумҳуриро ба ақиб партофт. Чанд сол боз корхона техникаи нав намегирифт ва қисмҳои эҳтиётӣ намерасид. Баъд аз ба эътидол омадани вазъи сиёсӣ ва иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ масъалаи барқарор намудани комплекси кӯҳӣ ҳал шуд [89].

Ҷабаров фавран пас аз ба вазифаи роҳбарикунанда таъин шуданаш маҷбур шуд, ки ба корҳои барқарорсозӣ фаъолона машғул шавад. Маҳз бо талошҳои ӯ курраи сементпазии панҷуми даврзананда азнавсозӣ гардида, кор ҷоннок мегардад. Муҳимтар аз ҳама қисме аз коргарон ба кор ҷалб карда мешаванд, ки барои беҳтар гардидани вазъи иҷтимоии онҳо мусоидат менамуд. Курраи сементпазии мазкур аз 60 то 104 метр дароз карда шуд, ки ин имконият медод ҳосилнокии меҳнат қариб якуним баробар зиёд карда шавад. Барқароркунии осиёби 50-тоннагии ҳафтум низ ба охир мерасад. Ин қадамҳои аввалин дар роҳи дубора барқарор намудани иқтидори истеҳсолии завод, сарҷамъ намудани коллективи он ва муҳимтар аз ҳама беҳтар намудани сатҳи иҷтимоии коргарон ба ҳисоб мерафт.

Новобаста аз вазъияти мураккаби солҳои 90-ум ва оқибатҳои харобиовари ҷанги шаҳрвандӣ бо ташаббуси роҳбарияти онвақтаи завод ва кӯшишҳои коргарони соҳибтаҷрибаи он завод аз ҳолати азбайнравӣ раҳо ёфта, ба маҷрои истеҳсолот ворид мегардад.

Бо кӯшишҳои собиқ директори машҳури он Парто Сатторов, Маҳмадраҳим Каримов ва дигар роҳбарони завод солтосол суръати истеҳсолот баланд гардида, шароитҳои кории коргарон беҳтар мегардид.

Ҷиҳати фаъол намудани барномаҳои солимгардонӣ, фиристодани коргарон ба осоишгоҳҳо, кумак ба коргарони сатҳи камбизоатидошта, тӯйи суннатии фарзандони коргаронро баргузор намудан ва амсоли он кӯшишҳои зиёд карда мешуд [89].

Оид ба таърихи ташаккулёбӣ ва барқарорсозии завод дар шароити соҳибистиқлолӣ дар зербоби якуми боби дуюм муфассал зикр намудем. Бояд қайд намоем, ки солтосол ташаккул ёфтани фаъолияти завод боиси беҳтар гардидани сатҳи иҷтимоии коргарон мегардид.

Дар давоми фаъолияти худ то ҳол, иттиҳодия аз рӯзҳои беҳтарини худро аз сар мегузаронад, бо кадрҳои худ фахр карда метавонад. Инак, роҳбарони нуқтаҳои истеҳсолии омодакунии ашёи хом, майдакунӣ, суфтакунӣ ва монанди он ки акнун ҳамагӣ мутахассисони ватаниaнд, дар ду даҳсолаи соҳибистиқлолӣ таҷрибаи калон аз худ карда, ба осонӣ аз уҳдаи кор мебароянд. Сифати маҳсулоти мо имрӯзҳо аз ҳама сементҳои корхонаҳои ватанӣ ва хориҷӣ беҳтар аст ва барои иншооти гидроэнергетикӣ нисбат ба онҳо бештар қобили қабул аст [90].

Дар айни замон дар завод 1020- нафар ба кор машғул аст, ки дар қиёс бо корхонаҳои ҷумҳурӣ маоши нисбатан баландтарро мегиранд. Як кафшергари оддӣ 3500- 3700 сомонӣ моҳона мегирад. Тасаввур намоед, ки дар шароити кунунӣ беш аз 1000-нафар бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин аст. Албатта рӯзҳое буданд, ки бо баромада рафтани мутахассисони русзабон, ки нуқтаҳои асосӣ ва ҳассоси заводро идора менамуданд мушкилии ниҳоят ҷиддӣ ба миён омада буд, аммо дар як давраи кӯтоҳ кадрҳои маҳаллӣ ҷойҳои холиро пур карданд ва ин мушкилиҳо имрӯзҳо аллакай вуҷуд надоранд [90].

Коргарони завод ҳатто рӯзҳоеро аз сар гузарониданд, ки ниҳоят душвор буд, масалан саривақт таъмин нагардидани маош ва ё маоши нокифоя, бо сабаби набудани ашёи хом то ду се моҳ аз кор мондани баъзе аз нуқтаҳои истеҳсолӣ, бадтар аз ҳама ғорат гардидани моликияти завод, техникаҳои

сабукрав ва боркаш ва ғайраҳо, ки ёдовар шудани он лаҳзаҳо касро андуҳгин месозад, вале хушбахтона он рӯзҳо дар гузашта монданд [90].

Дар айни замон завод дар масоҳати умумии корхона бо назардошти конҳои зикргардида 201, 8 гектар, ки аз он 27 коргоҳҳои асосии истеҳсолӣ, аз ҷумла, коргоҳи кӯҳӣ, коргоҳи механиконидашуда ва нақлиёт, коргоҳи ашёи хом, коргоҳи гардкунии ангиштсанг, коргоҳи пазанда, коргоҳи гардкунандаи семент, коргоҳи боркунӣ ва захира, коргоҳи ҳаводиҳӣ ва обтаъминкунӣ, коргоҳи роҳи оҳан, коргоҳи барқӣ ва механикӣ, коргоҳи филтрҳои барқӣ, истеҳсолоти №2, таҳлилгоҳи марказӣ, коргоҳи асбобҳои ченкунӣ ва назорати пурра фаъолият намуда истодааст, ки коргарон дорои шароити хуби корӣ ва бо маоши хуб таъмин ҳастанд [119, с.2].

Ҳамчун захираи ашёи хоми конҳои ватанӣ, аз ҷумла, кони оҳаксанги Харангон, кони гилхок, кони магнетити “Бувак”- и Варзоб ва кони гаҷсанги “Шар- шар” дар ноҳияи Хуросон, ки барои истеҳсоли семент истифода бурда мешаванд, барои садсолаҳо басанда буда, корхонаро бо ашёи хом ба пуррагӣ таъмин менамояд. Бояд қайд намуд, ки дар тӯли фаъолияти 80-солааш корхонаи мазкур ҳазорон нафарро бо ҷойи кори доимӣ, маоши хуб ва шароити корию зисту зиндагонӣ таъмин намуда, дар беҳтар гардидани сатҳи иҷтимоии ҷомеа то андозае ҳиссаи худро гузошта буд ва хоҳад гузошт. Конҳои болозикр низ аз зумраи ҷойҳои кории доимии кормандони заводи мавриди зикр ба ҳисоб меравад.

Шумораи умумии кормандони корхона имрӯз бо коргоҳҳои дигар 1021- нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин ҳисоб 121- нафарашонро занон ташкил медиҳанд. Барои коргарон шароити хуби корӣ муҳайё карда шудааст. Хобгоҳ, боғчаи кӯдакон, маркази тиббӣ, китобхона, ошхона ва хоҷагии ёрирасон, ин ҳама барои аҳли заҳмати коргоҳ пешбинӣ гардидааст.

Танҳо дар коргоҳи кӯҳӣ, ки аз ду роҳи танобӣ ва ду фабрикаи сангмайдакунӣ иборат мебошад, 156-нафар коргар кор ва фаъолият

менамояд. Инчунин, коргоҳи механиконидашуда ва нақлиёт низ дорои 110 механизм ва техникаҳои борбардори вазнини ЭКГ-5 ва ЭКГ-4-3-адад, “Белаз”-ҳои борбардори 30-40 тоннага 5-адад, Краз 20-адад, кранҳои борбардорӣ аз 32 то 100 тонна 4-адад, дигар механизм ва воситаҳои нақлиёт 78-адад мебошад, ки дар он низ коргарон дорои шароити хуби меҳнатӣ ва маоши қаноаткунанда ҳастанд. Дар коргоҳи мазкур 134- нафар коргар кор ва фаъолият менамоянд [21, с.18].

Коргоҳи ашёи хом дорои 6-адад осиёби гардкунӣ буда, корхонаро пурра бо ашёи хом (шлам) таъмин менамояд. Иқтидори шабонарӯзии ашёи хом (шлам) дар ҳолати пурра кор кардан 6624 тонна мебошад. Дар коргоҳ 35- нафар фаъолият менамояд. Коргоҳи “Пазанда” дорои 4 оташдони даврзанда буда, иқтидори шабонарӯзии як оташдони 600 тонна мебошад. Дар коргоҳ 40- нафар коргар кор менамояд. Коргоҳ дорои мутахассисони соҳибтаҷриба ва коргарони баландихтисоси ватанӣ буда, аз уҳдаи ҳамаи корҳои таъмирию азнавсозии таҷҳизот баромада истодаанд. Дар ин нуқта имрӯзҳо (соли 2022) маоши коргарон аз 3000 то 4000 ҳазор сомониро ташкил медиҳад [21, с.18].

ҶСК “Сементи Тоҷик” корхонаи давлатӣ мебошад. Вале ба хотири ҷалби сармояи хориҷӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо корхонаҳои сементбарории кишварҳои дигар, ки аксар ғайридавлатианд, баъзе бахшҳои он аз қабили коргоҳҳои ашёи хом, истеҳсоли №2, комплекси кӯҳӣ ва истироҳатгоҳи “Харангон” ба муҳлати 20 сол ба иҷора дода шудааст. Тағйири шакли моликият дар ин бахшҳо имконият додааст, ки фаъолияти истеҳсолии онҳо пурсамар, моҳонаи коргарон зиёд ва вазъи иҷтимоияшон беҳтар гардад [124, с.2].

Баробари зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли семент, яъне дар ибтидои солҳои 2000 то 166 000 тонна расонидан яке аз масъалаҳои муҳим дар назди роҳбарияти корхона баланд намудани музди меҳнати кормандон ва беҳтар намудани шароити иҷтимоии онҳо маҳсуб меёфт. Дар ин росто роҳбарияти

корхона таъмири хобгоҳ, бунёд ва таъмири боғчаи кӯдакон, таъмир ва таҷҳизонидани маркази саломатӣ, таъмири истироҳатгоҳ ва дигар шароитҳои моддию маишии кормандонро амри муҳим дониста, иқдоми саривақтӣ пеш мегирад.

Чуноне ки зикр шудааст, баробари ба роҳ мондани истеҳсолот хобгоҳи вайронаву валангори корхонаро пурра таъмир карданду таҷҳизониданд, то ки бошандагонаш дар шароити хуб истиқомат намоянд. Инчунин, барои кӯдакони коргоҳ боғчаи бачагона сохта, имтиёзҳои зиёди иҷтимоӣ фароҳам оварданд. Маркази саломатӣ бунёд карданд, табибони соҳибтаҷрибаро ҷалб намуданд, зеро саломатии коргарон, муҳандисону механикҳои “Тоҷиксемент” гавҳари нодиранд. Амфитеатрро низ сохтем, ки дар даруни саҳни коргоҳҷо барномаҳои фарҳангӣ, маҳфилҳо сурат мегиранд. Инчунин, собиқадорони ҷангу меҳнати Харангонро корхона парасторӣ менамояд, зикр кардааст М. Каримов [124, с.4]. Ин иқдом албатта аз ташаббусҳои саривақтии роҳбарияти корхона ба ҳисоб мерафт, ки дар беҳтар гардидани шароити корӣ ва вазъи иҷтимоии коргарон нақши калидӣ гузоштааст.

Чанд сол аст, ки бештар аз 300-нафар ҷавонони соҳибистеъдод аз ҳисоби корхона бо роҳхат дар донишгоҳҳои гуногун илму дониш меомӯзанд, то таҷҳизоти нави замонавиро идора карда тавонанд. Муддатест, ки соле 200-нафар коргарон дар беҳтарин истироҳатгоҳҳои мамлакат ройгон фароғат мекунанду табобат мегиранд ва бо рӯҳи тоза ба кор мепардозанд [124, с.4].

Ҷиҳати боз ҳам беҳтар гардидани шароити иҷтимоии коргарон роҳбарияти корхона ҳамеша таваҷҷуҳи бевосита зоҳир меамояд. Баргузор намудани маҳфилҳо ва барномаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ низ ба хотири истироҳат ва солимгардонии руҳия ва саломатии коргарон баргузор мегардад. Аз ин ҷост, ки “Тоҷиксемент” бо аҳли фарҳанг, илму санъати ҷумҳурӣ робитаи зич дорад.

Чуноне ки дар боло ишора намудем, дар ин коргоҳ дар баробари мардҳо занон, низ дар корҳои гуногун рисолати мардона анҷом медиҳанд, ки албатта аз садоқату рафоқати эшон нисбат ба касби худ ва меҳани худ дарак медиҳад. Дар натиҷаи пажӯҳиши фаъолияти завод мо бо корномаи зане, ки дар адои вазифааш бо як масъулияти тамом заҳмати зиёд кашида, дар рушди соҳа саҳми назаррас гузоштааст, вохӯрдем, ки эшон Раҷабгул Ҳақназарова- муовини директори генералӣ оид ба иқтисодиёт ва масъалаҳои умумии КВД “Тоҷиксемент” мебошанд. Мавсуф аз 1-уми апрели соли 2003 дар КВД “Тоҷиксемент” ба ҳайси ёрдамчии директори генералӣ оид ба иқтисодиёт ва масъалаҳои умумӣ кору фаъолият намуда, дар пешрафти корхона саҳми босазо гузоштааст. Чи тавре ки ӯ дар суҳбат бо хабарнигори маҷаллаи Фирӯза иброз доштааст: “Пешравиҳо зиёданд. Истеҳсоли сементро мо солтосол ба хотири суръатбахшии ҷараёни объектҳои муҳимми бунёдшавандаи кишвар афзуда истодаем. Соли 2007 бо истифода аз захираю имкониятҳои мавҷуда бидуни сармоягузории беруна корхона 311 322 тонна семент истеҳсол намуд. Дар соли 2008 истеҳсоли 400 000 тонна сементро ба нақша гирифтем. Барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва беҳтар гардидани сатҳи иҷтимоии кормандон корҳои зиёде ба сомон расонидем. Инчунин, ҳар сол дар корхона садҳо ҷойи кори холӣ таъсис дода мешавад. Айни замон дар корхона зиёда аз 300- нафар духтару зан кору фаъолият доранд. Қариб дар ҳамаи бахшҳо занон баробари мардон вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд. Махсусан дар коргоҳҳои ҳаводиҳӣ, барқӣ, ашёи хом, комплекси кӯҳӣ, пазанда ва филтрҳои барқӣ, обтаъминкунӣ, озмоишгоҳ, занон корҳои мӯҳимро ба уҳда гирифтаанд.

Дар корхона занҳои зиёде ҳастанд, ки тамоми умри пурсамарашонро ба рушди соҳа сарф намудаанд. Онҳо инчунин, дар корҳои пурмасъулияти роҳбарӣ низ адои вазифа менамоянд. Айни замон ду муовини директори генералӣ, ду мудири шуъба, сардори озмоишгоҳ, сардори хобгоҳ, раиси

кумитаи иттифоқи касабаи корхона аз ҳисоби занҳост. Занон дар корҳои ободонӣ ва кабудизоркунии саҳни дохил ва атрофи корхона ҳамасола саҳм мегузоранд” [124, с.10]. Яъне аз гуфтаҳои Раҷабгул Ҳасанова бармеояд, ки мавқеи занон дар корхона мақоми хоса дошта, эшон дар ҳама мавридҳо мавриди дастгирӣ ва пуштибонии роҳбарияти корхона қарор доранд.

Дар КВД “Тоҷиксемент” баъди ба тасвиб расидани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 3–юми декабри соли 1999 таҳти № 5 “Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа” дар корхона муносибат бо занҳо ба куллӣ тағйир ёфт. Ҳангоми интихоби занон ба вазифаҳои роҳбарӣ сарвари корхона сараввал ахлоқи ҳамида ва сифатҳои кордонию меҳнатии онҳоро ба назар мегирад, ки ин хеле муҳим аст. Дар КВД “Тоҷиксемент” барои меҳнати босамари занон ҳамаи шароитҳо фароҳам оварда шудааст” [124, с.10].

Тибқи маълумоти яке аз пешқадамони истеҳсолот, Раҷабгул Ҳақназарова, дар давраи директории Маҳмадраҳим Каримов симои дохилӣ ва берунии корхонаи тамоман дигаргун шуда, тамоми биноҳои маъмурӣ ва корӣ таъмири хуб карда шуданд.Махсусан, дар тарафи беруни девори завод аксҳои чеҳраҳои мондагори таърихи аҷдодӣ, фарзандони фарзона ва сарсупурдаи миллат, мутафаккирон, шоирон, олимон, қаҳрамонони халқи тоҷик, санъаткорон, ҳунармандон ва умуман чеҳраҳои илму адаб ва сиёсат, ки баҳри миллати худ рисолати фидокорона анҷом додаанд, ҳаккокӣ шудаанд, ки аз таваҷҷуҳи бевоситаи роҳбарияти корхона, хусусан, собиқ директори генералии КВД “Тоҷиксемент” , Маҳмадраҳим Каримов, нисбат ба таърих ва фарҳанги ниёгон дарак медиҳад. Мавсуф дар робита ба матлаби болозикр чунин қайд намудааст, ки Маҳмадраҳим Каримов тӯли солҳои роҳбариаш барои ободу зебо намудани бисёр ҷойҳо, аз ҷумла, дар КВД “Тоҷиксемент” ва атрофи он заҳмати зиёде ба харҷ дод. Ҳамон девори имрӯз бо аксҳои шахсиятҳои маъруфи таърихӣ ороёфта қаблан бисёр хароб буд. Сарвари

корхона бо ташаббуси бевоситаи худ ободонии қитъаи роҳи ташрифотии аз боғи ба номи С.Айнӣ то дидбонгоҳи Чорбоғро ба уҳда гирифт.Ӯ шахсан нақшаи ободониро таҳия намуда, амалӣ гардидани онро роҳбарӣ кард.

Бояд қайд намуд, ки Маҳмадраҳим Каримов дар баробари истеҳсолгару сарвари бомаҳорат будан, дорои завқи баланди зебоишиносӣ ва зебоиписандӣ мебошад. Ҳамаи ин ободиҳо ва бунёдкориҳое, ки дар корхона таи солҳои охир ба амал омаданд, маҳз бо ташаббуси ӯ сурат гирифтаанд [124, с.11]. Хулоса, тамоми заҳмату талошҳои роҳбарони корхона бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ, беҳтар намудани сатҳи иҷтимоии коргарон ва таъмини имкониятҳои моддӣ ва маишӣ равона гардидааст. Маҳз ҳамин кӯшишҳо боиси боз ҳам ободу зеботар гардидани симои дохилӣ ва берунии завод, беҳтар гардидани сатҳи иҷтимоии коргарон гардид, ки ин ҳама зинабазина бо ба даст омадани имкониятҳо амалӣ гардидааст.

Яке аз коргарони муваффақ, хонуми меҳнатдӯст ва қавиирода, ки бо як масъулияти баланд дар пешрафти соҳаи сахмгузор аст, раиси Шӯрои занони КВД “Тоҷиксемент” муҳандиси коргоҳи ҳаводиҳии муассиса Сайлӣ Аюбова маҳсуб меёбад. Мавсуф солиёни дароз аст, ки дар ин коргоҳ фаъолият дорад. Ба ғайр аз модари шаш фарзанд буданаш инчунин, бо як масъулияти баланд ба кор машғул буда, ҳам модари ғамхори хонадонаш аст ва ҳам коргари муваффақи ҷойи кораш. Ӯ иброз доштааст, ки воқеан, замоне буд, ки дили мо коргаронро ҳисси ноумедӣ ба фардои завод пур карда буд, як қисми завод аз кор боз истода, истеҳсолот рӯ ба пастравӣ ниҳода буд. Бенизомӣ чунон корхонаро фаро гирифта буд, ки гумон мекардем пас аз як соли дигар аз завод асаре боқӣ нахоҳад монд. Аммо хушбахтона ба туфайли сулҳу субот ва амнияти дохилӣ корхонаи мо низ зери таваҷҷуҳи сарвари давлат қарор гирифт ва оҳиста-оҳиста рӯ ба инкишоф ниҳод. Бо дастгириҳои пайвастаи Президенти маҳбуби кишварамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарони содиқу дилсӯз ба корхона таъин гардиданд ва солтосол корхонаи

фалаҷгардидаро раҳониданд. Аз ибтидои солҳои 2000-ум инҷониб корхона рушд намуда, фазои мусоиди корӣ фароҳам омад. Рӯзторӯз музди меҳнати мо коргарон беҳтар гардид ва инак, мо дар як шароити хуби корӣ фаъолият менамоем [124, с.11].

Ҳамин тавр, баробари ба даст омадани аввалин имкониятҳо роҳбарияти завод дар роҳи баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии коргарон тамоми кӯшишҳоро ба харҷ дода, дар як давраи кӯтоҳи таърихӣ коллективи бузурги корхонаро муттаҳид, мушкилоти норасоии мутахассисонро бартараф, саривақт дастрас гардидани ашёи хом, барқарор намудани қисмҳои ғоратгардида, ба кор андохтани нуқтаҳои истеҳсолии фалаҷгардида, беҳтар намудани сифати маҳсулот, зиёд намудани маоши коргарон ва ниҳоят андешидани чораҳои қатъӣ ҷиҳати беҳтар гардонии сатҳи иҷтимоии коргаронро амалӣ намуда, ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Имрӯзҳо дар шароити соҳибистиқлолии мамлакат коргарони завод аз лиҳози шароити хуби меҳнатӣ, маоши хуб ва сатҳи иҷтимоии беҳтар бархӯрдоранд.

# ХУЛОСА

## 1.Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Истеҳсолоти саноати семент пешбарандаи иқтисоди миллӣ, таъминкунандаи шуғли аҳолӣ, сарчашмаи даромади буҷети давлатӣ ва дар маҷмуъ, омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мебошад. Дар Тоҷикистони тоинқилобӣ корхонаҳои саноати масолеҳи бинокорӣ вуҷуд надоштанд. Дар ноҳияҳои алоҳида (Ҳисор, Хуҷанд ва ғайра) дар хумдонҳои оддӣ хишт мепухтанд. Заводҳои аввалини хишт дар Тоҷикистон соли 1929 дар назди истгоҳи Драгомирово (ҳозира Пролетар) ва соли 1932 дар шаҳри Душанбе сохта шуданд. Онҳо ба саноати хишти ҷумҳурӣ асос гузоштанд. Истеҳсоли бисёр масолеҳи бинокорӣ, ба монанди семент ва оҳану бетони васлшаванда, ки қаблан дар Тоҷикистон мавҷуд набуд, ба роҳ монда шуд **[2-М]**.

Боигариҳои табиӣ, захираҳои бузурги ашёи хом ва шароити ҷуғрофии кишвари мо ҳанӯз дар ибтидои солҳои 30–юм Ҳукумати Шуравиро водор намуд, ки корхонаҳои истеҳсоли сементро дар ҶШС Тоҷикистон сохта, мавриди истифода қарор диҳад ва дар як муддати кӯтоҳ ба дастовардҳои назаррас дар ин соҳа ноил гардад. Инчунин, дар давраи саноатикунонӣ хусусиятҳои хоси ҷуғрофии ҷумҳурии мо ба рушди саноати семент мусоидат мекард. Аз ҷониби дигар, фаъолияти заводи мавриди таҳқиқ дар рушди иқтисодиёти кишвар, пеш аз ҳама, соҳаи сохтмон ва бинокорӣ такони ҷиддӣ мебахшид. Аз ин лиҳоз, сарфи назар аз шароити ногувори сиёсӣ ва иқтисодии он солҳо, бунёд ва мавриди истифода қарор гирифтани корхонаи сементи Сталинобод (соли 1942) василаи ноил гардидан ба ҳадафи мазкур, инчунин, яке аз заминаҳои устувори рушди минбаъдаи саноат дар ҷумҳурӣ маҳсуб меёфт **[1-М]**.

Дар солҳои аввали фаъолияти корхонаи мазкур ва умуман дар раванди саноатикунонии мамлакат яке аз проблемаҳои асосӣ норасоии қувваи корӣ, хусусан мутахассисони соҳа ба шумор мерафт. Аз ин рӯ,

новобаста аз шароити мушкили баъдиҷангӣ омода намудани мутахассисон яке аз самтҳои асосии фаъолияти корхона маҳсуб меёфт. Таълими ҷавонон дар макотиби олии ҷумҳурӣ, бахусус, макотиби олии шаҳрҳои Москва, Санкт-Петербург, Тошканд ва шаҳрҳои дигари Иттиҳоди Шуравӣ, инчунин, ҷалби коргарон ба курсҳои азнавтайёркунӣ ва бозомӯзӣ, ки барномаи татбиқи ҳадафи мазкур дар назар дошт, амалӣ мегардид. Ҳамин тавр, гуфтан бамаврид аст, ки корхонаи мазкур дар рушди синфи коргари ватанӣ саҳми назаррас гузоштааст **[3-М]**.

То соли 1955 дар ҷумҳурӣ амалан конструксия (тарҳ) ва маснуоти оҳанӣ истеҳсол карда намешуданд. Соли 1955 дар ҷумҳурӣ заводи конструксия ва маснуоти оҳану бетонии Қайроқум (ҳозира заводи ЖБИ № 4), соли 1956 заводи конструксияҳои оҳанубетони Душанбе (ЖБК № 1), солҳои 60-ум Комбинати хонасозии Душанбе мавриди истифода қарор дода шуданд. Саноати масолеҳи бинокории ҷумҳурӣ, аз ҷумла, истеҳсоли семент махсусан, дар панҷсолаҳои 8-10-ум вусъат ёфт. Бо истифода аз сементи маҳаллӣ ҳамаи корҳои сохтмонӣ, ба монанди сохтани сарбандҳо, пойгоҳҳои барқӣ, роҳи оҳан, бандарҳо, обанборҳо, қалъаҳо, роҳҳои мошингард, нақбҳо, комбинатҳо, заводу фабрикаҳо, биноҳои маъмурӣ ва истиқоматӣ, пулҳо, хатҳои барқинтиқолдиҳанда ва ғайра иҷро карда мешуданд. Аз ибтидои солҳои 60–уми асри гузашта, бо истифода технологияи муосир, нуқтаҳои истеҳсоли қубур ва бомпӯшҳои асбестӣ заводи семент ба яке аз муассисаҳои бузурги саноатӣ табдил ёфт, ки иншооти азими саноатӣ ва гидроэнергетикиро бо масолеҳи сохтмонӣ, хусусан, семент таъмин намуда, барои ҳазорон нафар ҷойи кори доимӣ муҳайё карда буд, инчунин, ба рушди иқтисодиёти кишвар ва болоравии сатҳи иҷтимоии ҷомеа мусоидат мекард, ки ин масъала таҳқиқоти боз ҳам бештарро тақозо менамояд **[3-М]**. Инчунин, омӯзиши амиқи фаъолияти корхона дар солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-ум собит менамояд, ки солҳои мазкур яке аз давраҳои асосии фаъолияти он, ё давраи авҷи тараққӣ ва гулгулшукуфоии фаъолияти корхона, марҳилаи

дастовардҳои бузурги соҳаи семент дар таърихи саноати Тоҷикистони шуравӣ маҳсуб меёбад. Вале ҳадаф танҳо дар ин нест, инчунин, бояд ишора кард, ки аз ибтидои солҳои 80–ум дар соҳаҳои муҳим ва пешбари раванди истеҳсолот мутахассисони ватанӣ фаъолият менамуданд ва қувваи асосии кориро бошад маҳз коргарони маҳаллӣ ташкил медоданд. Ин ишора далели кӯшишҳои роҳбарияти корхонаро ҷиҳати омода намудани мутахассисони ватанӣ, ки қаблан иброз дошта будем, собит менамояд. Истеҳсоли сементи навъи ба сулфат тобовари тамғаи 400 ва 500–и корхона, ки яке аз навъҳои машҳури саноати семент дар минтақа ва ҷаҳон маҳсуб меёфт, ба роҳ монда шуд, қариб тамоми иншооти муҳимми давлатӣ, хусусан неругоҳҳои барқи обӣ маҳз аз ҳамин маҳсулот бунёд мегардиданд. Яъне мавриди таҳқиқ қарор додани масъалаи мазкур имкон дод, ки саҳифаҳои ҷадид ва арзишманди таърихи саноати Тоҷикистон ва умуман таърихнигории ватаниро инъикос намоем **[2-М]**.

Дар шароити истиқлоли давлатӣ, аниқтараш, пас аз дастёб шудан ба Ваҳдати миллӣ ва барқарор гардидани ҳокимияти конститутсионӣ гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ дигаргуниро дар шакли моликият ва фаъолияти корхонаю муассисаҳо ба вуҷуд овард. Зимнан, дар ин давра корхонаи мазкур, ки ҳанӯз хисороти  ҷанги шаҳрвандиро бартараф мекард, ба мушкилоти дигар - қатъ гардидани лӯлаи гази табиӣ мувоҷеҳ мегардад. Вале бо ташаббуси Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Мардумии Чин фаъолияти корхона ба воситаи сӯзишвории ангиштсанг ба роҳ монда мешавад, ки ин воқеа давраи сифатан навро ба вуҷуд меорад. Ҳамин тариқ, дар раванди таҳияи диссертатсия, инчунин, ҳолати бо дастгириҳои ҳукумати мамлакат дар як муддати нисбатан кӯтоҳ аз чунин вазъияти ногувор баромадани корхона, ба сифати таъминкунандаи иншооти азими ҷумҳурӣ бо семент идома ёфтани фаъолияти он ва саҳми назаррас гузоштан дар рушди соҳаи бинокорӣ ва саноат, арзёбӣ мегардад.

Воқеан ҳам, бо такя ба манобеи коршиносону муҳаққиқон ва маводи бойгониҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки танҳо дар ду даҳсолаи охири соҳибистиқлолӣ фаъолияти корхона бо суръат рушд намуда, кишвари мо дар радифи ҷумҳуриҳои содиркунандаи семент дар минтақа шомил шудааст.

Айни замон КВД "Тоҷиксемент" яке аз корхонаҳои азими саноатии кишвар ба ҳисоб рафта, аз рӯйи сифати маҳсулот натанҳо дар ҷумҳурӣ, балки берун аз он шуҳрати беандоза касб намудааст. Имрӯз дар кишвар муҳимтарин иншооти хусусияти стратегидошта маҳз бо сементи корхона бунёд карда шуда истодааст. Хусусан, методи истеҳсоли семент ва сифати сементи навъи ба сулфат тобовари тамғаи 400 ва 500–и корхона дар минтақа ҳамто надорад. Бо шаҳодатномаҳои байналмилалӣ сазовор гардидани маҳсулоти он далели гуфтаҳои болост.

Ҳамин тавр, чуноне ки ишора намудем, омӯзиши мавзуи мавриди назар дар он зоҳир мегардад, ки фаъолияти беш аз ҳаштодсолаи корхонаи мазкур ҷузъи муҳимми таърихи саноати кишвар ба ҳисоб рафта, анҷом ёфтани чунин пажӯҳиш метавонад саҳифаҳои ҷадидро дар таърихнигории ватанӣ ворид намояд.

Бо назардошти таҳлилҳо ва мулоҳизаҳои мазкур, инчунин, натиҷаи таҳқиқоти илмӣ дар ин самт муайян гардид, ки сарватҳои табиӣ, пеш аз ҳама, обу хоку санги ватанӣ ва маъданҳои дигари лозимӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти чунин корхонаҳоро боз ҳам инкишоф дода, мавқеи Тоҷикистонро дар содироти сементи аълосифат дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт ба яке аз ҷойгоҳи махсус дар минтақа барорем.

Ҳамин тавр, дар заминаи омӯзиш, таҳлили ҳамаҷониба ва баррасии фаъолияти корхонаи мазкур дар даврони Шуравӣ ва замони Истиқлол мо ба хулосаҳои зерин расидем:

1.Маҳз талабот ба семент, ки соҳаи сохтмон ва бинокориро бидуни он наметавон тасаввур намуд ва ба қавли дигар ғизои асосии соҳаи

сохтмон ба шумор меравад, дар солҳои 30–40–уми асри XX барои амалисозии нақшаи сохтмони корхонаву муассисаҳо, роҳу пулҳо, маҳаллаҳо ва биноҳои истиқоматӣ ниёз ба масолеҳи сохтмонӣ, пеш аз ҳама, семент меафзояд ва муҳиммияти бунёди корхонаи мазкурро фароҳам меоварад.

2. Муҳимтар аз ҳама, мавҷуд будани захираҳои бузурги ашёи хоми ватанӣ ва қулай будани шароити ҷуғрофӣ, ки хусусияти хоси кишвари мо дар давраи саноатикунонӣ ба ҳисоб мерафт, омили асосии рушди саноати семент дар кишвар гардид.

3. Амалисозии нақшаҳои саноатикунонии мамлакат, бунёди комплексҳои бузурги агросаноатӣ дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ омили дигари таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардидан ба саноати семент ва вусъат додани фаъолияти корхона гардид.

4. Дар шароити соҳибистиқлолӣ низ новобаста аз мушкилоти бавуҷудомада, баромада рафтани мутахассисон аз мамлакат, канда шудани робитаҳо бо баъзе аз корхонаҳои сементи хориҷи кишвар, қатъ гардидани лулаи гази табиӣ аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва амсоли он аҳаммияти фаъолияти корхонаро коста накард. Аз ин рӯ, Ҳукумати ҷумҳурӣ ҷиҳати аз вазъияти бухронӣ наҷот додани корхона, бартарафсозии проблемаҳои зикргардида, тамоми кӯшишҳоро равона намуд. Сохта ба истифода додани иншооти бузурги давлатӣ, неругоҳҳои барқи обӣ, амалисозии ҳадафи дуюми стратегӣ “Баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ”, ки зиёда аз 2500 километр роҳҳои автомобилгард ва оҳанро мебоист бунёд намуд, омили дигаре дар роҳи боз ҳам вусъат додани фаъолияти корхона гардид.

## 2.Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Бо дарназардошти муҳим будани рушди саноати семент корхонаи мазкурро лозим аст, ки ҳангоми тарҳрезии сиёсати минбаъда, пеш аз ҳама, масоили зеринро ҷиҳати пешрафти соҳа ба инобат гирад:

– Тоҷикистон кишвари кӯҳӣ буда, шароити ҷуғрофӣ ва захираҳои табиӣ тақозо менамояд, ки минбаъд ҷиҳати инкишоф додани соҳаи мазкур бунёди корхонаҳои сементро дар дигар манотиқи мамлакат, бо истифода аз таҷриба, методи истеҳсол ва навъи сифати КВД “Тоҷиксемент” тарҳрезӣ ва амалӣ намояд. Зеро сифати маҳсулоти корхона  кайҳост диққати ширкатҳои сохтмонии хориҷиро ҷалб намуда, ин иқдом метавонад Тоҷикистонро дар роҳи содироти семент ба мавқеи боз ҳам баланд барорад;

– ташкил ва баргузор намудани ҳамоишҳои гуногуни илмӣ ва амалии байналмилалӣ бо мақсади ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҷиҳати бунёди корхонаҳои азими истеҳсоли семент;

– боз ҳам диққати бештар равона намудан ба масъалаҳои экологӣ дар фаъолияти минбаъдаи корхонаҳои истеҳсоли сементи мамлакат;

– бо ҷалби коршиносон ва мутахассисон ба роҳ мондани корҳои пажӯҳишӣ ва озмоишӣ оид ба омӯзиши захираҳои табиии мамлакат ва истеҳсол намудани сементи навъҳои боз ҳам мустаҳакам ва тобовар;

– бо дарназардошти масъалаҳои экологӣ диққати боз ҳам бештар зоҳир намудан нисбат ба масъалаи саривақт иваз намудани таҷҳизоти ҳавотозакунӣ, ки омили беҳтар гардидани шароити коргарон ва муҳити атрофи корхона мегардад;

– тақвият додани барномаҳои солимгардонӣ ва диққати бештар зоҳир намудан ба ҷубронпулиҳое, ки ба коргарони дар нуқтаҳои осебпазир фаъолият доранд.

# РУЙХАТИ АДАБИЁТ

## 1. РӮЙХАТИ МАЪХАЗҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

### Осор ва Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (30.04.2004) [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/6615 (санаи истифодабарӣ: 22.02.2017).

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (20.04.2006) [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/6615 (санаи истифодабарӣ: 22.02.2017).

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҷумҳурият. - 2014. - 24 апрел.

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҷумҳурият. – 2015. – 22 декабр.

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҷумҳурият. - 2016. - 21 январ.

6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҷумҳурият. - 2017. - 24 декабр.

7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Омӯзгор . – 2018. - № 52 (12173). – 27 декабр.

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон //Ҷумҳурият. - 2019. - 8 январ.

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҷумҳурият. - 2020. - 28 декабр.

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҷумҳурият. - 2021. – 6 январ.

11. Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷ.1. – 512 с.

12. Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. –Ҷ.2.–430 с.

13. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 10-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (08.09.2001) [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/15140 (санаи истифодабарӣ: 10.03.2017).

14. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолият неъмати бебаҳост // Э.Раҳмон – Душанбе: Шарқ и озод, 2001. – 340 с.

**Санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ:**

15. Конститутсияи Ҷумҳурии Шуравии Тоҷикистон, апрели соли 1978.

16. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020.

17. Закон о пятилетнем плане восстановления и развития народного хозяйства Таджикской ССР на 1946-1950 г. [Текст]. – Сталинабад: Гос. издво Тадж. ССР, 1946.

18. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 17 июни соли 2016, № 478. - Душанбе, 2016.

19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат, аз 13.02.2020. - Душанбе, 2020.

**Маводҳои бойгонӣ:**


20. Бойгонии ҷории Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон. Ҳисоботҳои солонаи Вазорат барои солҳои 2014 – 2020.

21. Бойгонии ҷории ҶСК "Сементи тоҷик". Ҳисоботҳои солона барои солҳои 2006- 2021.

22. Бойгонии Раёсати корҳои Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон //Архив УДСМ Тадж. ССР, Св.120. – Парвандаи 500. – С. 67,121,133,158,169.

23. Бойгонии давлатии таърихи навтарини Тоҷикистон (БДТНТ). – Фонди 3. –Рӯйхати 40. – Парвандаи 31. – С. 109.

24. Бойгонии Раёсати корҳоиШӯрои Вазирони ҶШСТоҷикистон. –Парвандаи 34. –С. 170.

25. Бойгонии давлатии таърихи навтарини Тоҷикистон (БДТНТ). - Фонди 3. – Рӯйхати 6. – Парвандаи 361. – С. 68.

26. Бойгонии ҷории КВД Тоҷиксемент, ҳисоботи солонаи завод барои соли 1996. - С.14,15.

27. Бойгонии ҷории Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон. Ҳисоботи солонаи Вазорат барои соли 2018. - С.13.

28. Бойгонии ҷории КВД Тоҷиксемент, ҳисоботи солонаи завод барои соли 1996. - С.7, 14, 15, 32.

29. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди 1544, рӯйхати 1, парвандаи 1. - С.1, 4, 5, 6; парвандаи 2. – С. 4; парвандаи 3. – С.9; парвандаи 5. – С.1.

30. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди 1544, рӯйхати 1, парвандаи 6.- С.6.

31. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди 1544, рӯйхати 1, парвандаи 7. - С.3, 88, 106, 114, 124, 126.

32. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди 1544, рӯйхати 1, парвандаи 10. - С. 9, 11, 33, 39.

33. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди 1544, рӯйхати 1, парвандаи 9. - С. 3, 26, 51.

34. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди 1544, рӯйхати 1, парвандаи 11. - С.9,11, 24, 26, 27.

**Маводҳои оморӣ:**

35. XIV съезд коммунистической партии Таджикистана. [Текст]: стенографический отчет. – Душанбе: Тадж.гос.изд-во., 1962. – 379 с.

36. КП Таджикистана съезд. 13-й [Текст]: стенографический отчёт. – Сталинабад, 1961. – 459 с.

37. КП ТаджикистанаСъезд 18-й. [Текст]: стенографический отчёт. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 336 с.

38. Народное хозяйство Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.) [Текст]. – Душанбе: Дониш, 1980. – 172 с.

39. Народное хозяйство Таджикской ССР. [Текст] / Статистический сборник. – Сталинабад: Госстатиздат, 1957. – 388 с.

40. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1959 г. [Текст] / Статистический сборник. – Сталинабад: Госстатиздат, 1960. – 308 с.

41. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1960 г. [Текст] / Статистический сборник. – Душанбе, 1961.– 300с.

42. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1961 г.[Текст] / Краткий статистический сборник. – Душанбе, 1962. –169 с.

43. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1962 г. [Текст] / Статистический ежегодник. – Душанбе, 1963. – 394 с.

44. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1964 г. [Текст] / Статистический ежегодник. – Душанбе, 1965. – 274 с.

45. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1965 г. [Текст] / Статистический ежегодник. – Душанбе, 1966. – 312 с.

46. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1968 г. [Текст] / Статистический ежегодник. – Душанбе, 1969. – 288 с.

47. Народное хозяйство Таджикистана в 1975 г. [Текст] / Статистический ежегодник. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 280 с.

48. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1978 г. [Текст] / Статистический ежегодник. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 232 с.

49. Народное хозяйство Таджикистана в 1984 г. [Текст] / Статистический ежегодник // Ред. И. Гриднев. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 308 с.

50. Советский Таджикистан за 60 лет [Текст] / Юбилейный статистический ежегодник. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 352 с.

51. Статистический сборник [Текст]. – Душанбе: Госстатагентство Рнспублики Таджикистан, 2000. – 358 с.

52. Статистический ежегодник Республики Таджикистан [Текст]. – Душанбе: Госкомстат Республики Таджикистан, 2002. – 360.

53. Статистический сборник Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан [Текст]. – Душанбе, 2013. – 352 с.

54. Таджикистан за 40 лет [Текст] / Статистический сборник. – Душанбе, 1964. – 242 с.

55. Таджикистан. [Текст] / Отчет по человеческому развитию. – Душанбе: ПРООН, 2000. – 122 с.

56. Таджикистан [Текст] / 25 лет Государственной независимости // Статистический сборник Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2016. – 520 с.

57. Таджикистан за годы советской власти [Текст] / Сборник статей. – Сталинабад: Госиздат, 1957. – 229 с.

58. Таджикистан за годы Советской власти [Текст] / Сборник статистических материалов // ЦСУ СССР, Центр. стат. упр. при Совете Министров Таджикской ССР. – Душанбе: Статистика, 1967. – 199 с.

**Осори илмӣ:**

59. Абдурашитов, Ф.М. Земельно-водная реформа в Таджикистане в конце XX - начале XX1 вв. [Текст] / Ф.М. Абдурашитов. – Душанбе: Промэкспо, 2018. – 371 с.

60. Абдурахманов, Э. Деятельность партийных организаций по развитию промышленности Средней Азии в годы Великой Отечественной войны / Э. Абдурахмонов. - Ташкент: ФАН. – 1983. – 272 с.

61. Абдуфаттоҳ Шарифзода, Заробиддин Қосимӣ. Пайвандгар [Матн]. – Душанбе, 2013. – 336 с.

62. Абулҳаев, Р. Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (1924-2000) / Р. Абулҳаев. - Душанбе, 2009. – 439 с.

63. Абулҳаев, Р. Аз таърихи фирориёни Тоҷикистон дар солҳои 20-90-уми асри XX / Р. Абулҳаев. - Душанбе, 2018. – 272 с.

64. Акрами, З.И. Актуальные проблемы истории социально-классовойтрансформации таджикского общества в XX веке: рабочий класс [Текст] / З.И. Акрами. – Душанбе: Дониш, 2017. – 266 с.

65. Алиджанов, М.А. Рабочий класс Таджикистана (1966-75 гг) [Текст] / М.А. Алиджанов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 240 с.

66. Акрамов, З.И. Подготовка и повышение культурно-технического уровня рабочего класса Таджикистана (60-80 годы). [Текст] / З.И.Акрамов. – Душанбе, 2000. – 45с.

67. Акрамов, З.И. Национальные особенности роста рабочего класса Таджикистана в 60-80-е г.г. [Текст] / З.И. Акрамов. – Душанбе, 1999. – 296 с.

68. Алиджанов, М. Интернациональные связи рабочих Таджикистана в период социалистического строительства [Текст] / М.А. Алиджанов // О

дружбе таджикского народа с другими народами СССР. - Душанбе, 1967. – С.115-127.

69. Алиджанов, М. Рабочий класс Таджикистана (1966-1975 гг.) [Текст] / М. Алиджанов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 240 с.

70. Внеочередной XX1 съезд Коммунистической партии Советского Союза, 27 января-5 февраля 1959г. [Текст]. – Москва: полит. Литературы, 1959. – 592 с.

71. Гришманов, И. А. Промышленность строительных материалов на рубеже новой пятилетки [Текст] / И. А. Гришманов. – Москва: Стройиздат, 1971. – 63 с.

72. Директивах XIX съезда партии по пятому пятилетнему плану развития СССР на 1951-1955 годы 8 октября 1952 г. [Текст]. - Москва: Госполитиздат, 1953. – 48с.

73. История таджикского народа: новейшая история (1941-2010 гг.) [Текст] / под общ. ред. Р.М. Масова. –Душанбе, 2011. – Т. VI.–688 с.

74. Люсов, А. Н. Цементная Союза Советских Социалистических Республик СССР. Состояние и перспективы развития / А.Н. Люсов. - Москва, 1974. - 227с.

75. Материалы к истории таджикского народа в советский период [Текст] // Сборник статей. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1954. – 462 с.

76. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / зери таҳрири З.Акрамӣ. – Душанбе: Дониш, 2016. – 463 с.

77. Очерки истории народного хозяйства Таджикистана (1917-65 гг.) [Текст]. – Душанбе: Дониш,1967. – 496 с.

78. Рахимов, Р.К. Промышленность Таджикистана: проблемы развития и резервы повышения эффективности / Р.К. Рахимов. – Душанбе: Ирфон, 1977. 114 с.

79. Садуллаев, М. Таджикский народ в борьбе за досрочное выполнение послевоенного пятилетнего плана [Текст] / М. Садуллаев. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1949. – 56 с.

80. Сангинов, Н. Формирование и развитие рабочего класса в Таджикской ССР [Текст] / Н.Сангинов. – Душанбе, 1963. – 66 с.

81. Сатторов, П.С. Цемент-хлеб строительство (В литературной обработке В.Фролова) [Текст] / П.С. Сатторов. – Душанбе: Пайк, 1996. – 64 с.

82. Соломонов, Ш.М. Развитие социалистической промышленности Таджикистана (1917-65 гг.) [Текст] / Ш.М.Соломонов. – Душанбе: Ирфон,1967. – 382 с.

83. Третьяков, Б.С. Развитие промышленности в Таджикистане за годы советской власти и перспективы его дальнейшего развития [Текст] / Б.С.Третьяков. – Сталинабад, 1957. – 17 с.

84. Хошмухамедов, А. Школы рабочей молодёжи Таджикской ССР [Текст] / А.Хошмухамедов. – Душанбе: Ирфон,1968. – 228 с.

85. Ҳотамов, Н., Таърихи халқи тоҷик [Матн] / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С.Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе : Эр-граф, 2015. – 644 с.

86. Хотамов, Н.Б. Социально-экономические преобразования Республики Таджикистан в период суверенитета (1991-2006) [Матн] / Н.Б. Хотамов. – Душанбе, 2008. – 268 с.

87. Эшелоны идут на Восток. 1941-1942 гг. – М., 1966. – 138 с.

**Суҳбат бо собиқадорони завод:**

88. Сухбат бо собиқ корманди “Сементзаводи Душанбе”, истиқоматкунандаи н. Ленинский (ҳоло Рӯдакӣ) марҳум Сулаймонов Солеҳхон.- 7 марти соли 2021; Сӯҳбат бо собиқ директори генералии завод Каримов Маҳмадраҳим, 4 ноябри соли 2022.

89. Сухбат бо собиқ коргари завод, истиқоматкунандаи ш. Душанбе, н. Исмоили Сомонӣ, Неъматов Ҳикматулло, 4 марти соли 2021.

90. Суҳбат бо собиқ корманди КВД “Сементи Тоҷик”, истиқоматкунандаи ш. Душанбе, н. Исмоили Сомонӣ Сулаймонов Раҳматулло, 9 сентябри соли 2022.

**Матбуоти даврӣ:**

91. Агитатор. – 1946-1989 гг.
92. Азия плюс. – 2000-2011 гг.
93. Вечерний Душанбе. – 1968-2010 гг.
94. Занони Тоҷикистон. - 1988. - №11.
95. Известия. – 1943. - № 3. - 27 август. - С. 67-69.
96. Известия. – 1946-91 гг.
97. Коммунист Таджикистана. – 1945. – 18 февр.
98. Коммунист Таджикистана. – 1945. – 6 янв.
99. Коммунист Таджикистана. – 1957. – 27 марта.
100. Коммунист Таджикистана. – 1958. – 13 сентября.
101. Коммунист Таджикистана. – 1963. – 15 мая.
102. Коммунист Таджикистана. – 1965. – 28 мая.
103. Коммунист Таджикистана. – 1965. – 30 июня;
104. Коммунист Таджикистана. – 1965. – 7 августа.
105. Коммунист Таджикистана. – 1966. – 21 января.
106. Коммунист Таджикистана. – 1966. – 6 марта.
107. Коммунист Таджикистана. – 1974. – 21 апреля.
108. Коммунист Таджикистана. – 1978. – 12 ноября.
109. Коммунист Таджикистана. – 1979. – 24 октября.
110. Коммунист Таджикистана. – 1981. – 10 июля.
111. Коммунист Таджикистана. – 1981. – 21 марта.
112. Коммунист Таджикистана. – 1983. – 2 декабря.
113. Коммунист Таджикистана. – 1984. – 25 ноября.
114. Коммунист Таджикистана. – 1986. – 30 сентября.

115. Коммунист Таджикистана. – 1986. – 31 октября.

116. Коммунист Таджикистана. – 1987. – 29 декабря.

117. Минбари халқ. – 2020. - № 139. - 15 октябр.

118. Народная газета. – 1991-2011.

119. Паёми Душанбе. – 2018. - № 62(2340). - 1 август.

120. Правда. – 1946-91 гг.

121. Садои мардум. – 2013. - 29 август.

122. Тоҷикистон. – 2020. - № 11- 12 (1184).

123. Тоҷикистони советӣ. – 1972. - № 6. - 3 март. - С.3.

124. Фирӯза (маҷаллаи бонувони Тоҷикистон). – 2008. - Сентябр.

125. Ҷумҳурият. – 2018. - 18 август.

**Манбаъҳои интернетӣ:**

126. Душанбенский цементный завод. ОАО “Таджикскцемент”. [электронный ресурс]https://sputnik-tj.com/20190612/Hukumat-Tojikiston-Tojiksement- Dushanbe-korkhona-sementbarori-1029136259.html 4.03.2021.

127. ОАО “Таджикскцемент”. [электронный ресурс] https://asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/ economic/20120404/dar-iksement-iste-soli-sement-shud 24.11.2020.

128. “Таджикскцемент” сменил свое название и руководителя.[электронный ресурс]https://avesta.tj/2014/01/07/tadzhiktsement-smenil-svoe-nazvanie-i-rukovoditelya/17.08.2020.

129. “Тоҷиксемент”. Ифтитоҳи корхонаи нав дар шаҳри Душанбе [манобеи электронӣ] http://www.tvt.tj/dar-chumkhuri-13-korhonai-istekhsoli-sement-faoliyat-mekunand 8.11.2023.

130. “Тоҷиксемент аз ангишт истифода менамояд”. [манобеи электронӣ] http://javonon.tj/news/social/iste-soli-3-1-million-tonna-sement-dar-yak-sol/ 22.102019.

131. https://khovar.tj/2011/09/1170-ayur-korhonai-sement-mesozad/.

132. http://javonon.tj/news/social/iste-soli-3-1-million-tonna-sement-dar-yak-sol/.Санаи муроҷиат:20.09.2023.

## 2. ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ:

### Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М].**Азизхонова, Р. Г.** Фаъолияти заводи сементбарории ш. Душанбе дар солҳои 40- 60- уми асри XX [Матн] / **Р.Г. Азизхонова** // Муаррих. - 2021.- №3(27). - С.51-57.

[2-М].**Азизхонова, Р. Г.** Омода намудани кадрҳо дар заводи сементи Душанбе дар солҳои 40- 60- уми асри XX [Матн] / Р.Г. Азизхонова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2022. – №1(96). – С.252-256.

[3-М].**Азизхонова, Р. Г.** Нақши корхонаи воҳиди давлатии "Тоҷиксемент" дар таъмини корхонаҳо ва иншооти азими саноатии мамлакат бо сементи аълосифат [Матн] / **Ф.М. Абдурашитов, Р.Г. Азизхонова** // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2024. – №3(277). – С.64-67.

### Мақолаҳои дар дигар маҷмуаҳои илмӣ, маҷаллаҳо ва маводҳои конференсиявӣ чоп шудаанд:

[4-М].**Азизхонова, Р. Г.** Рушди саноати семент дар остонаи ҳадафи чоруми стратегӣ "саноаткунонии босуръат" [Матн] / **Р.Г. Азизхонова** //

Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2020. – №3 (011).- С.43-46.

[5-М].**Азизхонова, Р. Г.** Развитие цементной промышленности Таджикистана на пороге четвертой стратегической цели «ускоренная индустриализация» **/ Р.Г. Азизхонова //** Международная конференция молодых ученых «Большая Евраазия континент науки”. - Москва. - 1-4 ноября 2023 г.

[6-М].**Азизхонова, Р. Г.** Эҳёи корхонаҳои сементбарорӣ ва рушди саноати маснуоти сохтмон дар Тоҷикистон” / **Р.Г. Азизхонова** // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Рушди системаи идоракунии инноватсияҳо дар корхонаҳои саноатӣ” . Бахшида ба эълон гардидани солҳои рушди саноат солҳои 2022-2026. – Кӯлоб. - 2023. - С. 285-290.

[7-М].**Азизхонова, Р. Г.** Саноат ва сохтмон дар Тоҷикистон дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ / **Р.Г. Азизхонова** // Конференсияи илмӣ-ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии занону духтарон дар илм ва “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” “Саҳми занон дар рушди илм”. – Душанбе. - 2023. - С. 271-280.